*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум



Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №47-49 (2874-2876) | ҶУМЪА, 20 АПРЕЛИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## Мулоқот бо Луис Горатсио Гомес Ечеверри

**19 апрели соли 2012 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ёвари Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид, роҳбари ҳайати Комиссияи олии СММ оид ба татбиқи ташаббуси «Энергияи устувор - барои ҳама» Луис Горатсио Гомес Ечеверриро ба ҳузур пазируфт.**

Дар мулоқот масъалаҳои кунунӣ ва дурнамои ҳамкории гуногунҷанбаи Тоҷикистону СММ, пеш аз ҳама дар соҳаи обу энергетика ва таъмини рушди устувор баррасӣ шуд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон иқдоми Дабири кулли СММ – ро доир ба «Энергияи устувор - барои ҳама» идомаи мантиқии саъю талошҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ дар ин самт номида, аз пазируфта шудани Тоҷикистон чун яке аз панҷ кишвари пилотӣ (озмоишӣ) дар ин барнома изҳори хушнудӣ намуд.

Хотиррасон гардид, ки тибқи иқдоми «Энергияи устувор - барои ҳама» ҷомеаи ҷаҳонӣ бояд то соли 2030 ба се ҳадафи асосӣ дастёб шавад. Инҳо: дастрасии умумӣ ба энергия, ду баробар зиёд шудани фоида аз самарабахшии энергетикӣ ва ду баробар афзун намудани истеҳсоли энергияи таҷдидшаванда дар ҷаҳон мебошанд. Дар ин муддат бояд дастрасӣ ба неруи барқ барои 1,3 миллиард нафар ва ба сӯзишворӣ барои 2,7 миллиард нафар аз аҳолии сайёра, ки ҳоло аз ин неъматҳои моддӣ маҳруманд, таъмин гардад.

Луис Горатсио Гомес Ечеверри ба иқдомҳои глобалии Тоҷикистон дар соҳаҳои обу энергетика ва дастрасӣ ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола баҳои баланд дода, изҳори боварӣ намуд, ки минбаъд низ ин кишвар дар сатҳи ҷаҳонӣ фаъолу ташаббускор хоҳад буд.

Ҳамчунин таъкид гардид, ки Тоҷикистон чун кишвари пилотӣ (озмоишӣ) дар татбиқи иқдоми «Энергияи устувор - барои ҳама» дар амалӣ намудани барномаҳои энергетикии худ аз кӯмакҳои фаровони ҷомеаи ҷаҳонӣ бархӯрдор хоҳад буд, зеро мардуми кишвар ба неруи устувори барқ дар ҳамаи фаслҳои сол дастрасӣ надоранд.

Мусоҳибон ба дурнамои рушди соҳаи гидроэнергетикаи Тоҷикистон баҳои баланд дода, таъкид доштанд, ки он яке аз манбаъҳои асосии энергияи таҷдидшаванда ва аз ҷиҳати экологӣ тозаю безарар мебошад.

Дар мулоқот ҳамчунин доир ба дигар масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳ гуфтугӯ сурат гирифт.

*www.prezident.tj*

## Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

### Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 1 феврали соли 2012 №674**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 29 марти соли 2012 №279**

**Моддаи 1.** Ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008 қабул гардидааст (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, №12, қ. 1, мод. 990; с. 2009, №5, мод. 321; №9-10, мод. 543; с. 2010, №1, мод. 2; мод. 5; №3, мод. 153; №7, мод. 547; №12, қ. 1, мод. 812; с. 2011, №6, мод. 430; мод. 431; №7-8, мод. 610; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2011, №774), тағйироти зерин ворид карда шаванд:

1. Моддаи 332 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«**Моддаи 332. Идора намудани воситаҳои нақлиёт дар ҳолати мастӣ**

Барои идора намудани воситаҳои нақлиёт дар ҳолати мастӣ, инчунин вогузоштани идораи воситаҳои нақлиёт ба шахсе, ки дар ҳолати мастӣ қарор дорад,-

маҳрум кардан аз ҳуқуқи идораи воситаҳои нақлиёт ба мӯҳлати ду сол таъйин карда мешавад.».

2. Дар моддаи 337:

- дар санксияи қисми 1 калимаҳои «даҳ то бист» ба калимаҳои «сӣ то панҷоҳ» иваз карда шаванд;

- дар санксияи қисми 2 калимаҳои «бист то сӣ» ба калимаҳои «панҷоҳ то ҳафтод» иваз карда шаванд.

3. Дар моддаи 339:

- дар санксияи қисми 1 калимаҳои «ду то се» ба калимаҳои «се то панҷ» иваз карда шаванд;

- дар санксияи қисми 2 калимаҳои «се то панҷ» ба калимаҳои «панҷ то ҳафт» иваз карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 16 апрели соли 2012 №806**

## Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

### Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш. ЗУҲУРОВ**
**ш. Душанбе, 15 феврали соли 2012 №689**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон» баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш. Душанбе, 29 марти соли 2012 № 293**

**Моддаи 1.** Ба Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 1996 қабул гардидааст (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1996, №23, мод. 351; с. 1997, №23-24, мод. 333; с. 1999, №5, мод. 59; с. 2001, №4, мод. 176; с. 2004, №2, мод. 55, №3, мод. 190; с. 2006, №7, мод. 347; с. 2008, №1, қ. 2, мод. 22; №6, мод. 463; с. 2011, №3, мод. 171) тағйироти зерин ворид карда шаванд:

1. Моддаи 4 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«Моддаи 4. Салоҳияти Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи танзими муносибатҳои вобаста ба замин

1. Ба салоҳияти Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи танзими муносибатҳои вобаста ба замин таъсис, барҳам ва тағйир додани ҳудуди воҳидҳои марзиву маъмурӣ (Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо, шаҳракҳо ва деҳотҳо) дохил мешаванд.

2. Ба салоҳияти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи танзими муносибатҳои вобаста ба замин таъсис додани минтақаҳои дорои низоми махсуси ҳуқуқӣ, муқаррар намудан ва тағйир додани ҳудуди онҳо дохил мешаванд.».

2. Дар банди г) моддаи 5 калимаҳои «Маҷлиси Олӣ» ба калимаҳои «Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 16 апрели соли 2012 №819**

## Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

### Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш»

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 15 феврали соли 2012 №691**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш» баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 29 марти соли 2012 №299**

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2007 «Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, №3, мод. 176) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Номи Қонун ва бобҳои он бо ҳарфҳои калон навишта шаванд.

2. Дар муқаддима калимаҳои «иҷтимою иқтисодӣ ва фаъолиятро» ба калимаҳои «иҷтимоию иқтисодӣ ва таъмини фаъолиятро» иваз карда шаванд.

3. Дар моддаи 1:

- сархати якум дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

« - тарбияи ҷисмонӣ – қисми таркибии фарҳанг ва соҳаи фаъолияти иҷтимоӣ буда, аз маҷмӯи арзишҳои маънавӣ ва моддии дар ҷомеа бавуҷудомада ва истифодашаванда иборат аст, ки ба таҳкими саломатӣ, инкишофи қобилияти ҷисмонии инсон, инчунин тарғиби тарзи ҳаёти солим равона гардидааст;»;

- дар сархати ҳаштум калимаҳои «шахси ҳуқуқии дорои шаклҳои гуногуни» ба калимаҳои «шахси ҳуқуқӣ новобаста аз шакли» иваз карда шаванд;

- сархатҳои чордаҳум, понздаҳум ва шонздаҳум бо мазмуни зайл илова карда шаванд:

«- мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш (минбаъд - мақомоти ваколатдори давлатӣ) – мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки вазифаи идоракунии давлатӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолиятро дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш амалӣ менамояд;

- намудҳои варзиши миллӣ – қисми таркибии тарбияи ҷисмонӣ, ки таърихан дар шакли фаъолияти мусобиқавӣ ба вуҷуд омада, аз намудҳои гуногуни машқҳои ҷисмонӣ ва бозиҳои ба худ хоси халқӣ бо қоида ва тарзи махсуси ташкилии фаъолии ҷисмонӣ иборат аст;

- мусобиқаҳои байналмилалии варзишӣ – мусобиқаҳо аз рӯи намудҳои гуногуни варзиш дар байни варзишгарон (тимҳо) бо иштироки намояндагони на камтар аз панҷ давлат;».

4. Дар моддаи 3:

- дар сархати якум калимаҳои «мақомоти худидоракунии маҳаллӣ» ба калимаҳои «мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» иваз карда шаванд;

- дар сархати сеюм калимаҳои «машғулияти тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ва» ба калимаҳои «машғул шудан ба тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, инчунин» иваз карда шаванд;

- дар сархати шашум калимаҳои «(кӯдакони аз оилаҳои серфарзанд, кӯдакони ятим, маъюбон ва ғайра)» ба калимаҳои «(шахсони имкониятҳои ҷисмонӣ ва рӯҳияшон маҳдуд, маъюбон, кӯдакони ятим, кӯдакон аз оилаҳои камбизоат ва ғайра)» иваз карда шаванд;

- сархати ҳафтум бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«- ба варзиш ҷалб кардани ҷавононе, ки дар ҳолатҳои душвори зиндагӣ қарор доранд, инчунин пешгирии ҳодисаҳои номатлуби иҷтимоӣ, аз ҷумла нашъамандӣ, майзадагӣ ва ҷинояткорӣ дар байни ҷавонон;».

5. Дар моддаи 5:

- дар сархати сеюм калимаи «ваколатдор» ба калимаҳои «ваколатдори давлатӣ» иваз карда шавад;

- дар сархати чорум калимаҳои «мақомоти худидоракунии маҳаллӣ» ба калимаҳои «мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» иваз карда шаванд.

6. Дар моддаи 7:

- аз матни модда калимаҳои «(минбаъд – мақомоти ваколатдор)» хориҷ карда шаванд;

-дар сархати панҷум калимаи «ваколатдорро» ба калимаҳои «ваколатдори давлатиро» иваз карда шавад;

- сархатҳои шашум, ҳафтум, ҳаштум ва нӯҳум бо мазмуни зайл илова карда шаванд:

«- аз рӯи намудҳои варзиш мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалиро ташкил мекунад ва мегузаронад;

- фаъолияти илмӣ-таҳқиқотиро дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ташкил ва ҳамоҳанг карда, натиҷаҳои онро дар амалияи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ҷорӣ менамояд;

- назорати манъи истифодаи маводҳои барангезандаю нерӯафзо (допинг)-ро дар варзиш амалӣ менамояд;

- ба инкишофи намудҳои варзиши миллӣ мусоидат менамояд;».

7. Дар моддаи 8:

- сархати панҷум бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«- ба инкишофи намудҳои варзиши миллӣ мусоидат менамоянд;»;

- дар сархати ҳаштум калимаи «ваколатдор» ба калимаҳои «ваколатдори давлатӣ» иваз карда шавад.

8. Дар сархати сеюми моддаи 9, қисмҳои 3 ва 4 моддаи 26, қисмҳои 2, 3, сархати дуюми қисми 4 ва қисми 5 моддаи 27, қисми 3 моддаи 28, қисми 3 моддаи 29, моддаҳои 34 ва 36 калимаи «ваколатдор» ба калимаҳои «ваколатдори давлатӣ» иваз карда шавад.

9. Дар моддаи 11:

- дар қисми 3 калимаҳои «якҷо» ва «ваколатдор» мувофиқан ба калимаҳои «якҷоя» ва «ваколатдори давлатӣ» иваз карда шаванд;

- дар қисми 4 калимаҳои «якҷо» ва «ваколатдор» мувофиқан ба калимаҳои «якҷоя» ва «ваколатдори давлатӣ» иваз карда, пас аз калимаи «тайёр» калимаи «мекунад» илова карда шаванд.

10. Дар қисми 5 моддаи 12 калимаҳои «якҷо», «ваколатдор» ва «санадҳои қонунгузорӣ» мувофиқан ба калимаҳои «якҷоя», «ваколатдори давлатӣ» ва «санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шаванд.

11. Дар моддаи 13:

- дар қисми 1 калимаҳои «дар шаклҳои гуногуни» ба калимаҳои «новобаста аз шакли» иваз карда шаванд;

-дар қисми 2 калимаҳои «худидоракунии маҳаллӣ» ба калимаҳои «худидоракунии шаҳрак ва деҳот» иваз карда шаванд.

12. Дар моддаи 15:

- дар қисми 1 калимаҳои «кашидани тамоку, истеъмоли машрубот ва маводи нашъадор,» ба калимаҳои «ҳодисаҳои номатлуби иҷтимоӣ, аз ҷумла кашидани тамоку, нашъамандӣ, майзадагӣ, инчунин» иваз карда шаванд;

- дар қисми 2 калимаи «одамонро» ба калимаи «аҳолиро» иваз карда шавад;

- дар қисми 3 калимаи «таблиғи» ба калимаҳои «таблиғи истифодаи» иваз карда шавад;

- дар қисми 4 калимаҳои «барномаҳои тарбияи ҷисмонию солимгардонӣ ва варзиширо» ба калимаҳои «барномаҳоро вобаста ба тарбияи ҷисмонӣ, солимгардонӣ ва варзишӣ» иваз карда шаванд.

13. Дар қисми 4 моддаи 17 калимаи «Талабагони» ба калимаи «Хонандагони» иваз карда шавад.

14. Дар қисми 2 моддаи 18 калимаи «якҷо» ба калимаи «якҷоя» иваз карда шавад.

15. Дар қисми 2 моддаи 19 калимаҳои «ваколатдори» ва «ваколатдор» мувофиқан ба калимаҳои «ваколатдори давлатии» ва «ваколатдори давлатӣ» иваз карда шаванд.

16. Дар сархати якуми қисми 1 моддаи 20 калимаҳои «мақомоти худидоракунии маҳаллӣ» ва «якҷо» мувофиқан ба калимаҳои «мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» ва «якҷоя» иваз карда шаванд.

17. Дар моддаи 23:

- дар қисми 2 калимаи «ваколатдор» ба калимаҳои «ваколатдори давлатӣ» иваз карда шавад;

- дар қисми 3 калимаҳои «ваколатдор» ва «якҷо» мувофиқан ба калимаҳои «ваколатдори давлатӣ» ва «якҷоя» иваз карда шаванд.

18. Дар моддаи 30:

-дар қисми 1 калимаи «ваколатдор» ба калимаи «ваколатдори давлатӣ» иваз карда шавад;

- банди якуми қисми 2 қисми 3 ҳисобида, дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«3. Шахсоне, ки ба паҳншавӣ ё истифодаи маводи барангезандаю нерӯафзо (допинг) ва ё дигар воситаҳои манъгардида дидаю дониста мусоидат менамоянд, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.».

19. Аз сархати даҳуми қисми 1 моддаи 31 калимаҳои «иборат мебошад» хориҷ карда шаванд.

20. Дар моддаи 32:

- дар қисми 1 калимаҳои «мақомоти худидоракунии маҳаллӣ» ба калимаҳои «мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» иваз карда шаванд;

- дар қисми 8 калимаҳои «ваколатдор» ва «талабагони» мувофиқан ба калимаҳои «ваколатдори давлатӣ» ва «хонандагони» иваз карда шаванд.

21. Дар моддаи 33:

- дар номи модда калимаҳои «солимгардонӣ ва варзишӣ» ба калимаҳои «солимгардонӣ, варзишӣ ва иншоотҳои дигари фароғатию солимгардонӣ» иваз карда шаванд;

- ба қисми 3 пас аз калимаи «солимгардонӣ» калимаи «, варзишӣ» илова карда, калимаи «ваколатдор» ба калимаҳои «ваколатдори давлатӣ» иваз карда шавад.

22. Дар моддаи 35:

- дар қисмҳои 1 ва 6 калимаҳои «тибқи қонунгузории меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба калимаҳои «тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат» иваз карда шаванд;

- ба қисми 4 пас аз калимаи «меъёрии» калимаи «ҳуқуқии» илова карда шавад;

- дар қисми 5 калимаи «одамон» ба калимаи «аҳолӣ» иваз карда шавад;

- дар қисми 7 калимаи «ваколатдор» ба калимаҳои «ваколатдори давлатӣ» иваз карда шавад.

23. Дар моддаи 37:

- дар қисмҳои якум ва дуюм калимаи «ваколатдор» ба калимаҳои «ваколатдори давлатӣ» иваз карда шавад;

- қисмҳо бо рақамҳои арабӣ ишора карда шуда, пас аз онҳо аломати нуқта гузошта шавад.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 16 апрели соли 2012 №825**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## Дар бораи нотариати давлатӣ

### Қарори
### Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нотариати давлатӣ»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нотариати давлатӣ» қабул карда шавад.

2. Қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 майи соли 1997, №412 «Оиди мавриди амал қарор додани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нотариати давлатӣ» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1997, №9, мод. 107) аз эътибор соқит дониста шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 29 феврали соли 2012 №702**

### Қарори
### Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нотариати давлатӣ»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи нотариати давлатӣ» баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нотариати давлатӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 29 марти соли 2012 №283**

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иҷтимоию иқтисодии нотариати давлатӣ, вазифа ва принсипҳои фаъолияти нотариалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин муносибатҳоро дар соҳаи амалишавии фаъолияти нотариати давлатӣ танзим менамояд.

## ФАСЛИ I.
## АСОСҲОИ ТАШКИЛИВУ ҲУҚУҚИИ НОТАРИАТИ ДАВЛАТӢ

### БОБИ 1.
### МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

**Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- **нотариати давлатӣ** - сохтори мақомоти давлатӣ, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва давлатро бо роҳи ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ ҳифз менамояд;

- **нотариуси давлатӣ (сарнотариуси давлатӣ, нотариусони калони давлатӣ, нотариусони давлатӣ, нотариусони калони давлатии бойгонидор, нотариусони давлатии бойгонидор)** - шахси мансабдорест, ки дар асоси Қонуни мазкур барои ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ аз номи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи талаботи пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколатдор карда шудааст;

- **фаъолияти нотариалӣ** - фаъолияти ҳуқуқие, ки онро нотариусони давлатӣ ва дигар шахсони мансабдори барои ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ ваколатдоркардашуда бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур амалӣ менамоянд;

- **амалиёти нотариалӣ** - амалҳои аҳамияти ҳуқуқидоштаи нотариуси давлатӣ ва шахсони ваколатдор оид ба тасдиқи фактҳои бебаҳс, воқеияти ҳуқуқӣ, тасдиқи ҳуҷҷатҳо, ба ҳуҷҷатҳо додани қувваи собитнокӣ ва иҷрои дигар амалиёти пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд;

- **мақоми ваколатдор** - мақоми давлатие, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуда, мақсад, вазифа ва ваколатҳояш дар соҳаи идораи фаъолияти нотариалӣ мутобиқи Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайян карда мешаванд;

- **шахсони ваколатдор** - шахсони мансабдоре, ки тибқи муқаррароти Қонуни мазкур ҳуқуқи ба ҷо овардани амалиёти нотариалиро доранд;

- **феҳристи сабти амалиёти нотариалӣ** - маҷмӯи маълумот дар бораи амалиёти нотариалии баҷоовардашуда, ки дар феҳристҳои нотариалӣ бо тартиби ягонаи муқарраршуда навишта мешаванд;

- **навиштаҷоти тасдиқкунанда** - навиштаҷоте, ки онро нотариуси давлатӣ дар ҳуҷҷати муайян ба ҷо меоварад ва он аз тасдиқи амалиёти мазкур шаҳодат медиҳад.

**Моддаи 2. Шахсоне, ки амалиёти нотариалиро ба ҷо меоваранд**

Ҳуқуқи ба ҷо овардани амалиёти нотариалиро мутобиқи Қонуни мазкур шахсони зерин доранд:

- нотариусони давлатие, ки дар идораҳои нотариалии давлатӣ амалиёти нотариалиро ба ҷо меоранд (нотариусони давлатӣ);

- раисони ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот;

- шахсони ваколатдори намояндагиҳои дипломатӣ ва консулгариҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- дигар шахсоне, ки тибқи Қонуни мазкур барои ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ ваколатдор карда шудаанд.

**Моддаи 3. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи нотариати давлатӣ**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи нотариати давлатӣ ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.

**Моддаи 4. Фаъолияти нотариалӣ**

1. Фаъолияти нотариалӣ, ин ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ, пеш бурдани коргузорӣ, маҳфуз доштани ҳуҷҷатҳои нотариалӣ ва дигар амалҳои пешбининамудаи Қонуни мазкурро дар бар мегирад.

2. Фаъолияти нотариалӣ фаъолияти соҳибкорӣ намебошад ва мақсади ба даст овардани фоидаро надорад.

3. Ҳуҷҷатҳои ба тариқи нотариалӣ ба расмият даровардашуда, кафолати собитнокӣ ва эътирофи оммавиро доранд.

4. Амалиёти нотариалӣ аз номи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудуди дигар давлатҳо аз тарафи шахсони ваколатдори намояндагиҳои дипломатӣ ва консулгариҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷо оварда мешаванд.

5. Шахсони воқеӣ ва шахсони ҳуқуқӣ, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон, вазифадоранд маълумот ва ҳуҷҷатҳоеро, ки барои ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ заруранд, дар муддати на дертар аз даҳ рӯз аз лаҳзаи дархост намудани онҳо ба нотариуси давлатӣ пешниҳод намоянд.

**Моддаи 5. Назорати фаъолияти нотариалӣ**

1. Назорати фаъолияти нотариалӣ марбут ба риояи коргузории нотариалӣ дар идораҳои нотариалии давлатӣ, аз ҷониби мақоми ваколатдор амалӣ карда мешавад.

2. Фаъолияти нотариусҳои давлатӣ дар асоси нақшаи тасдиқнамудаи мақоми ваколатдор, аз рӯйи арзу шикоятҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ва пешниҳоди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ санҷида мешавад. Санҷиш аз рӯйи арзу шикоятҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ва пешниҳоди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар доираи шикоят ва пешниҳоди мушаххас гузаронида мешавад.

3. Фаъолияти нотариуси давлатие, ки бори аввал ба вазифаи нотариуси давлатӣ таъин шудааст, дар асоси нақшаи тасдиқнамудаи мақоми ваколатдор пас аз як соли фаъолияташ санҷида мешавад.

4. Санҷиши фаъолияти нотариусони давлатӣ мумкин аст пеш аз ба итмом расидани мӯҳлати шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ гузаронида шавад.

5. Ҳангоми дар фаъолияти нотариуси давлатӣ ошкор намудани камбудӣ бо супориши роҳбари мақоми ваколатдор санҷиши такрорӣ гузаронидан мумкин аст.

**Моддаи 6. Вазифаҳои нотариуси давлатӣ**

Вазифаҳои нотариуси давлатӣ таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин манфиатҳои давлат бо роҳи ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ аз номи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

**Моддаи 7. Принсипҳои фаъолияти нотариалӣ**

Фаъолияти нотариалӣ дар асоси принсипҳои қонуният, мустақилият, махфӣ будани амалиёти нотариалӣ анҷом дода мешавад.

**Моддаи 8. Қонуният дар амалигардонии фаъолияти нотариалӣ**

1. Нотариусони давлатӣ ва ё шахсони ваколатдор ҳангоми ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалиеро, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, ба роҳбарӣ мегиранд.

2. Нотариусони давлатӣ ва (ё) шахсони ваколатдор ӯҳдадоранд ба ҷо овардани амалиёти нотариалиро тибқи талаботи қисми 1 моддаи 47 Қонуни мазкур рад намоянд.

**Моддаи 9. Мустақилият ҳангоми ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ**

1. Дар фаъолияти худ нотариусони давлатӣ ва шахсони ваколатдор ҳангоми ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ мустақиланд ва танҳо ба қонун итоат мекунанд.

2. Фишороварӣ ба нотариусони давлатӣ ва шахсони ваколатдор ҳангоми иҷрои вазифаҳои ба зиммаи онҳо гузоштошуда манъ аст ва шахсоне, ки ин гуна амалҳоро содир намудаанд, бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 10. Махфӣ будани амалиёти нотариалӣ**

1. Ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ махфӣ будани амалиёти нотариалии барои онҳо баҷоовардашуда кафолат дода мешавад. Нотариусони давлатӣ ва шахсони ваколатдор ӯҳдадоранд махфӣ будани амалиёти нотариалии баҷоовардашударо риоя намоянд. Таъмини махфӣ будани амалиёти нотариалӣ инчунин барои шахсоне, ки фаъолияти худро ба сифати нотариуси давлатӣ ва коромӯз қатъ намудаанд, ҳатмӣ мебошад.

2. Маълумот (ҳуҷҷатҳо) дар бораи амалиёти нотариалии баҷоовардашуда, нусхаи асл ё нусхаи дуюми (дубликати) ҳуҷҷатҳое, ки дар парвандаҳои идораи нотариалии давлатӣ маҳфузанд, танҳо ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки аз номи онҳо, ба номи онҳо ё бо супориши онҳо ин ҳуҷҷат ба расмият дароварда шудааст ё ин ки ба шахсони ваколатдорнамудаи онҳо дода мешавад.

3. Маълумот (ҳуҷҷатҳо) дар бораи амалиёти нотариалии баҷоовардашуда, инчунин дода мешавад:

- бо талаби суд вобаста ба парвандаҳои ҷиноятӣ, маъмурӣ, гражданӣ, оилавӣ ё иқтисодии дар истеҳсолотбуда;

- ба мақомоти прокуратура, тафтишот ва таҳқиқ аз рӯйи парвандаҳои ҷиноятие, ки дар истеҳсолоташон мебошанд, бо тартиби муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- ба иҷрочии суд вобаста ба истеҳсолоти иҷро.

4. Гирифтани мӯҳри нотариуси давлатӣ ва феҳристи сабти амалиёти нотариалӣ, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, манъ аст.

5. Ҳуҷҷатҳои аслии нотариалӣ ва феҳристҳои сабти амалиёти нотариалӣ, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз идораҳои нотариалии давлатӣ гирифта шудаанд, ба онҳо баргардонида мешаванд.

6. Нотариусони давлатӣ ҳуқуқ надоранд то кушодани мерос маълумотеро, ки аз матни васиятнома бармеоянд, ошкор намоянд. Маълумот дар бораи васиятнома, нусхаи дуюм ва нусхаҳои васиятнома ба шахсони манфиатдор танҳо баъди вафоти васияткунанда бо пешниҳод намудани шаҳодатнома дар бораи вафоти васияткунанда дода мешавад, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигареро муқаррар накарда бошад.

7. Қоидаҳои риояи махфӣ будани амалиёти нотариалӣ, инчунин ба шахсоне дахл доранд, ки ба онҳо сирри амалиёти нотариалӣ вобаста ба иҷро кардани вазифаҳои хизматӣ маълум гардидааст.

8. Шахсе, ки сирри амалиёти нотариалии баҷоовардашударо ошкор месозад, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

**Моддаи 11. Забони коргузории нотариалӣ**

1. Коргузории фаъолияти нотариалӣ ба забони давлатӣ сурат мегирад.

2. Агар шахсони барои ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ мурочиаткунанда забони давлатиро надонанд, матни ҳуҷҷатҳои дахлдор ба онҳо аз тарафи нотариуси давлатӣ, шахсони ваколатдор ё тарҷумони касбӣ тарҷума карда мешавад.

3. Матни ҳуҷҷатҳои тасдиқшавандаи нотариалӣ бо забони давлатӣ тартиб дода шуда, бо хоҳиши шахсони мурочиаткунанда ё ҳангоми зарурат он метавонад бо тарҷума ба дигар забон тартиб дода шавад.

4. Коргузории фаъолияти нотариалӣ дар намояндагиҳои дипломатӣ ва консулгариҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа ба забони коргузории фаъолияти ин мақомот сурат мегирад.

**Моддаи 12. Маҳалли ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ**

1. Амалиёти нотариалӣ ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи Қонуни мазкур дар бинои идораи нотариалии давлатӣ ба ҷо оварда мешаванд. Мақоми ваколатдор метавонад маҳалли дигари ба ҷо овардани амалиёти нотариалиро муайян намояд.

2. Дар мавридҳое, ки шахс бо сабаби беморӣ, маъюбӣ ё бо дигар сабабҳои узрнок ба бинои идораи нотариалии давлатӣ ҳозир шуда наметавонад, бо хоҳиши ӯ амалиёти нотариалӣ мумкин аст дар маҳалле, ки ин шахс қарор дорад, ба ҷо оварда шавад.

3. Маҳалли ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ аз ҷониби шахсони ваколатдори намояндагиҳои дипломатӣ ва консулгариҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки фаъолияти намояндагиҳои дипломатӣ ва консулгариҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро танзим менамояд, муқаррар мекунад.

4. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ ҳуқуқ доранд ба ҳар як нотариуси давлатии идораи нотариалии давлатии ҳудуди дахлдор ё шахсони ваколатдор мурочиат намоянд, ба истиснои ҳолатҳое, ки Қонуни мазкур маҳалли муайяни ба ҷо овардани амалиёти нотариалиро пешбинӣ намудааст.

**Моддаи 13. Идораи нотариалии давлатӣ**

1. Идораи нотариалии давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи мақоми ваколатдор дар шаҳру ноҳияҳо таъсис ва барҳам дода мешавад. Дар шаҳрҳои калон ва шаҳрҳое, ки дар ҳудуди худ якчанд ноҳияҳо доранд, дар ҳудуди ҳар як ноҳияи шаҳр ё як қисми он метавонанд идораҳои нотариалии давлатии алоҳида таъсис дода шаванд.

2. Дар пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон – шаҳри Душанбе Саридораи нотариалии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешавад. Дар маркази Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва маркази вилоятҳо яке аз идораҳои нотариалии давлатӣ ба сифати идораи нотариалии давлатии вилоятӣ таъсис дода мешавад. Саридораи нотариалии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, идораҳои нотариалии давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва вилоятҳо дар баробари ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ, роҳбарии методии идораҳои нотариалии давлатии воҳидҳои марзиву маъмурии дахлдорро низ анҷом медиҳанд. Ба Саридораи нотариалии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва идораҳои нотариалии давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва вилоятҳо мақоми ваколатдор метавонад ба ҷо овардани амалиёти нисбатан мураккаби нотариалиро вогузор намояд.

3. Идораҳои нотариалии давлатӣ шахси ҳуқуқӣ набуда, ба сохтори мақоми ваколатдор дохил мешаванд.

4. Шумораи кормандони идораҳои нотариалии давлатиро дар доираи фонди музди меҳнати муқарраргардида мақоми ваколатдор тасдиқ менамояд.

5. Кормандони техникии идораҳои нотариалии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби муқарраркардаи мақоми ваколатдор фаъолият мекунанд.

**Моддаи 14. Ҳудуди ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ**

1. Ҳудуди ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ – воҳидҳои марзиву маъмурие мебошанд, ки дар ҳудуди онҳо идораи нотариалии давлатӣ ҷойгир аст.

2. Ҳудуди ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ вобаста ба молу мулки ғайриманқул мутобиқи тақсимоти воҳидҳои марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

3. Нотариуси давлатӣ ҳуқуқ надорад амалиёти нотариалии вобаста ба молу мулки ғайриманқулро берун аз ҳудуди муқарраргардидаи идораи нотариалии давлатии таъсисдодашуда ба ҷо оварад, ба истиснои ҳолатҳое, ки ӯ вазифаи дигар нотариуси давлатиро бо тартиби пешбининамудаи Қонуни мазкур иҷро намояд.

**Моддаи 15. Бойгонии идораҳои нотариалии давлатӣ**

1. Бо мақсади таъмини ҳифз ва нигоҳдории мутамаркази ҳуҷҷатҳои нотариалӣ, ки қисми таркибии фонди бойгонии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб мераванд, дар назди Саридораи нотариалии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва идораҳои нотариалии давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо мақоми ваколатдор бойгонии идораҳои нотариалии давлатӣ таъсис медиҳад. Мӯҳлати муваққатан маҳфуз доштани ҳуҷҷатҳои нотариалӣ дар бойгониҳои идораҳои нотариалии давлатӣ се сол мебошад. Баъди ба охир расидани ин мӯҳлат идораҳои нотариалии давлатӣ ҳуҷҷатҳои нотариалиро ба бойгонии идораҳои нотариалии давлатии назди Саридораи нотариалии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бойгониҳои идораҳои нотариалии давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо барои маҳфуз доштан месупоранд.

2. Бойгонии идораҳои нотариалии давлатӣ нигоҳдории ҳуҷҷатҳои нотариалии идораҳои нотариалии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро амалӣ менамоянд.

3. Тартиби фаъолияти бойгонии идораҳои нотариалии давлатиро дар мувофиқа бо Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми ваколатдор муайян менамояд.

4. Бойгонии идораҳои нотариалии давлатӣ мӯҳри худро бо сабти номи худ ва тасвири Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мӯҳри нотариуси давлатии бойгонидорро, ки дар он вазифа, насаб, ном ва номи падари вай сабт карда шудааст, доранд.

**Моддаи 16. Роҳбарии идораи нотариалии давлатӣ ва бойгонии идораҳои нотариалии давлатӣ**

Роҳбарии Саридораи нотариалии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро сарнотариуси давлатӣ, идораҳои нотариалии давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва дигар идораҳои нотариалии давлатиро нотариусони калони давлатӣ, нотариусони давлатӣ ва бойгонии идораҳои нотариалии давлатиро нотариусони калони давлатии бойгонидор дар асоси Қонуни мазкур ва дастурамали мансабӣ анҷом медиҳанд.

**Моддаи 17. Ба мансаб таъин ва аз мансаб озод намудани нотариуси давлатӣ**

1. Нотариуси давлатиро роҳбари мақоми ваколатдор бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мансаб таъин ва аз мансаб озод менамояд.

2. Асосҳои аз мансаб озод намудани нотариуси давлатӣ ба ғайр аз асосҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳо мебошанд:

- дар давоми як сол бо гуноҳи нотариуси давлатӣ тавассути санади судӣ беэътибор ҳисобидани се ва зиёда аз он амалиёти нотариалӣ;

- гум кардани мӯҳри дорои Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё мӯҳри дорои насаб, ном ва номи падари нотариуси давлатӣ ва ё ба шахси дигар додани онҳо;

- гум кардан ё ба шахси дигар додани бланкаи дорои нишони дараҷаи ҳифзаш муқарраршудаи барои ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ пешбинишуда.

**Моддаи 18. Боздоштани фаъолияти нотариуси давлатӣ**

Фаъолияти нотариуси давлатӣ барои ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ бо асосҳои зерин боздошта мешавад:

- дар мавриди иштироки нотариусони давлатӣ дар интихобот ба сифати номзад ба вакилии мақоми намояндагии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- дар мавриди аз тарафи суд баровардани қарор дар бораи муваққатан аз вазифа дур кардани нотариуси давлатӣ;

- дар дигар ҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст.

**Моддаи 19. Коргузорӣ ва ҳисобот дар идораҳои нотариалии давлатӣ**

1. Коргузорӣ дар идораҳои нотариалии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби муқаррарнамудаи Дастурамали коргузорӣ дар идораҳои нотариалии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад. Дастурамали коргузорӣ дар идораҳои нотариалии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро мақоми ваколатдор тасдиқ менамояд.

2. Идораҳои нотариалии давлатӣ дар бораи фаъолияти худ бо тартиби муқарраргардида ба мақоми ваколатдор ҳисоботи оморӣ месупоранд.

**Моддаи 20. Мӯҳр, штамп, бланкаҳои идораи нотариалии давлатӣ**

Идораи нотариалии давлатӣ дорои мӯҳр бо тасвири Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва номи худ, мӯҳрҳо, штампҳо ва бланкаҳои дахлдор мебошад.

### БОБИ 2.
### МАБЛАҒГУЗОРИИ ИДОРАҲОИ НОТАРИАЛИИ ДАВЛАТӢ, СИТОНИДАНИ БОҶИ ДАВЛАТӢ БАРОИ БА ҶО ОВАРДАНИ АМАЛИЁТИ НОТАРИАЛӢ ВА ХИЗМАТРАСОНИИ ИЛОВАГИИ ҲУҚУҚӢ

**Моддаи 21. Маблағгузории идораҳои нотариалии давлатӣ**

Идораҳои нотариалии давлатӣ аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ, ҳамчунин аз ҳисоби маблағҳое, ки бо тартиби муқарраргардида аз хизматрасонии иловагии ҳуқуқии музднок ворид мешаванд, маблағгузорӣ карда мешаванд.

**Моддаи 22. Ситонидани боҷи давлатӣ ва хизматрасонии иловагии ҳуқуқии музднок барои ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ**

1. Барои ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» аз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ боҷи давлатӣ ситонида мешавад.

2. Амалиёти нотариалиро нотариусони давлатӣ ва шахсони ваколатдор танҳо баъди аз тарафи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ пардохт намудани боҷи давлатӣ ва пешниҳод кардани ҳуҷҷати тасдиқкунандаи пардохти боҷи давлатӣ ва дигар пардохтҳои муқарраркардаи қонун ба ҷо меоранд. Дар ҳуҷҷати тасдиқшудаи нотариалӣ нотариуси давлатӣ андозаи боҷи давлатӣ ва дигар пардохтҳоро бо тартиби муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад.

3. Нотариусони давлатӣ барои хизматрасониҳои иловагии ҳуқуқии музднок, ки бо ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ алоқаманданд, аз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ маблағ меситонанд. Тартиб ва андозаи пардохти хизматрасониҳои иловагии муздноки нотариусони давлатиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

4. Ҳисоббаробаркунӣ барои хизматрасониҳои иловагии ҳуқуқии музднок бо роҳи пардохти маблағ ва пешниҳод кардани ҳуҷҷати тасдиқкунандаи пардохти хизматрасониҳои иловагии ҳуқуқии музднок аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ анҷом дода мешавад.

5. Дар ҳолате, ки нотариуси давлатӣ барои ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ берун аз идораи нотариалӣ меравад, аз ҷониби шахсони воқеӣ ё ҳуқуқии манфиатдор хароҷоти воқеии нақлиётӣ ҷуброн карда мешавад.

6. Барои ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ шахсони ваколатдори намояндагиҳои дипломатӣ ва консулгариҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохти консулӣ меситонанд.

**Моддаи 23. Музди меҳнати нотариуси давлатӣ**

Музди меҳнати нотариуси давлатӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» муайян карда мешавад. Инчунин ба нотариуси давлатӣ барои хизматрасониҳои иловагии ҳуқуқии музднок ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо тартиби муқарраркардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон подошпулӣ дода мешавад.

### БОБИ 3.
### НОТАРИУСИ ДАВЛАТӢ, ҲУҚУҚ ВА ӮҲДАДОРИҲОИ Ӯ

**Моддаи 24. Нотариуси давлатӣ**

1. Ба мансаби нотариуси давлатӣ шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ дошта, забони давлатиро медонад, на камтар аз се сол собиқаи кории касбӣ дошта, дар идораи нотариалии давлатӣ коромӯзиро гузашта, имтиҳони тахассусиро супоридааст, таъин карда мешавад.

2. Ба мансаби нотариуси давлатӣ инҳо таъин карда намешаванд:

- шахсоне, ки бо тартиби муқарраркардашуда ғайри қобили амал ё қобилияти амалашон маҳдуд эътироф шудаанд;

- шахсоне, ки қаблан барои содир намудани ҷинояти қасдона маҳкум шудаанд;

- шахсоне, ки фаъолияташон бо сабаби иҷро накардани вазифаҳои хизматӣ ё содир намудани кирдори бадномкунанда қатъ карда шудааст.

3. Ҳангоми таъин намудан ба мансаби нотариуси давлатӣ талаботи пешбининамудаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» ба эътибор гирифта мешаванд.

4. Ҳангоми ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои нотариусони давлатӣ баробаранд ва ҳуҷҷатҳои тасдиқкардаи онҳо қувваи ҳуқуқии якхела доранд.

**Моддаи 25. Коромӯзӣ дар нотариати давлатӣ**

1. Шахсоне, ки бори аввал ё баъди танаффуси зиёда аз се солаи фаъолияти нотариалӣ ба мансаби нотариуси давлатӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин мешаванд, ба мӯҳлати аз се то шаш моҳ дар идораи нотариалии давлатӣ коромӯзӣ мегузаранд. Тартиб ва давомнокии коромӯзиро мақоми ваколатдор муайян менамояд.

2. Шахс пас аз ба итмом расидани мӯҳлати коромӯзӣ имтиҳони тахассусӣ месупорад. Агар ӯ бо сабабҳои узрнок имтиҳони тахассусиро супорида натавонад, мӯҳлати коромӯзӣ на бештар аз се моҳ тамдид карда мешавад.

3. Бо шахсе, ки имтиҳони тахассусиро супорида натавонистааст, муносибати меҳнатӣ қатъ карда мешавад.

**Моддаи 26. Комиссияи тахассусӣ**

1. Комиссияи тахассусии назди мақоми ваколатдор бо мақсади қабули имтиҳонҳои тахассусӣ таъсис дода мешавад.

2. Тартиби таъсиси комиссияи тахассусӣ, ҳайат, фаъолият ва ваколатҳои онро мақоми ваколатдор муқаррар менамояд.

3. Шахсоне, ки имтиҳони тахассусиро супорида натавонистаанд, барои дубора супоридани он танҳо баъд аз як соли қабули қарори комиссияи тахассусӣ роҳ дода мешаванд.

4. Аз рӯйи қарори комиссияи тахассусӣ дар мӯҳлати як моҳ аз рӯзи гирифтани нусхаи он ба роҳбари мақоми ваколатдор шикоят кардан мумкин аст.

**Моддаи 27. Ҳуқуқҳои нотариуси давлатӣ**

Нотариуси давлатӣ ҳуқуқ дорад:

- амалиёти нотариалии пешбининамудаи Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба манфиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки ба ӯ мурочиат намудаанд, ба ҷо оварад;

- лоиҳаи аҳдҳо, аризаҳо ва дигар ҳуҷҷатҳоро тартиб диҳад;

- нусхаи ҳуҷҷатҳо ва иқтибос аз онҳоро тайёр кунад;

- оид ба масъалаҳои ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ маслиҳатҳо диҳад;

- аз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳуҷҷат ва маълумоти барои ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ зарурири дархост кунад;

- аз ҳуқуқҳои дигари муқаррарнамудаи Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода барад.

**Моддаи 28. Ӯҳдадориҳои нотариуси давлатӣ**

1. Нотариуси давлатӣ ӯҳдадор аст:

- амалиёти нотариалиро мутобиқи талаботи Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки фаъолияти нотариалиро танзим менамоянд, ба ҷо оварад;

- шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро аз оқибатҳои ҳуқуқии амалиёти нотариалии баҷоовардашаванда огоҳ намояд, то ин ки надонистани оқибатҳои ҳуқуқӣ бар зарари манфиатҳои онҳо истифода карда нашавад;

- махфӣ будани маълумотеро, ки ҳангоми ба ҷо овардани фаъолияти касбиаш ба ӯ маълум гаштааст, нигоҳ дорад;

- дар сурати ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф будани амалиёти нотариалӣ, ба ҷо овардани онро рад намояд;

- тартиби қабули шаҳрвандон ва намояндаҳои шахсони ҳуқуқиро риоя намояд;

- ба мақоми ваколатдор оид ба шикоятҳое, ки нисбати фаъолияти ӯ оварда шудаанд, дар бораи амалиёти нотариалии баҷоовардашуда маълумот ва дар ҳолатҳои зарурӣ баёноти шахсии худро, аз он ҷумла оид ба масъалаҳои риоя нагардидани одоби касбӣ пешниҳод намояд, инчунин фармоиш ва супоришҳои роҳбари мақоми ваколатдор, идораҳои нотариалии давлатиро оид ба ташкили кор иҷро намояд;

- талаботи пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ»- ро иҷро намояд.

2. Нотариуси давлатӣ, ки амалиёти нотариалиро ба ҷо овардааст, барои зарари ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки бо гуноҳи ӯ расонида шудааст, мутобиқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошад.

**Моддаи 29. Мӯҳри нотариуси давлатӣ**

1. Нотариуси давлатӣ дорои мӯҳр мебошад, ки дар он Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасвир гардида, номи пурраи идораи нотариалии давлатӣ, мансаб, насаб, ном ва номи падари нотариуси давлатӣ сабт шудааст.

2. Мӯҳр мувофиқи стандарт ва намунаи ягона бо дархости мақоми ваколатдор тайёр карда мешавад.

3. Нақши мӯҳр ва намунаи имзои нотариуси давлатӣ дар мақоми ваколатдор маҳфуз дошта мешаванд.

4. Нотариуси давлатӣ ҳангоми боздоштани фаъолияташ бояд тибқи моддаи 18 Қонуни мазкур барои нигоҳдории муваққатӣ мӯҳрашро ба шахси ваколатдори мақоми ваколатдор супорад.

5. Дар мавриди аз мансаб озод шудани нотариуси давлатӣ вай ӯҳдадор аст бетаъхир мӯҳрашро ба шахси ваколатдори мақоми ваколатдор супорад. Дар ҳолати аз супоридани мӯҳр саркашӣ намудан, нотариуси давлатӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

**Моддаи 30. Маҳдудият дар фаъолияти нотариуси давлатӣ**

1. Нотариуси давлатӣ наметавонад вазифаи дигареро иҷро намояд, ба мақомоти намояндагӣ интихоб гардад, узви ҳизбҳои сиёсӣ бошад, ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шавад, ба истиснои фаъолияти илмӣ, эҷодӣ ва омӯзгорӣ.

2. Нотариуси давлатӣ ҳуқуқ надорад амалиёти нотариалиеро анҷом диҳад, ки натиҷаи анҷоми ин амалиёт барои ӯ манфиати молу мулкӣ ё манфиати дигари шахсӣ дошта бошад.

3. Нотариуси давлатӣ ҳуқуқ надорад ба номи худ ва аз номи худ ба ном ва аз номи хешовандони наздик – зан (шавҳар), фарзандон, падару модар, бародарон, хоҳарон, инчунин падару модар, бародарон, хоҳарон ва фарзандони зан (шавҳар), қудоҳо, келинҳо, домодҳо, ҳамчунин дигар шахсоне, ки бо шахси ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахси ба он баробаркардашуда якҷоя зиндагӣ карда, хоҷагии умумӣ мебаранд, инчунин аз ном ва ба номи кормандони идораи нотариалии давлатии дахлдор амалиёти нотариалиро анҷом диҳад.

4. Амалиёти нотариалии дар қисмҳои 2 ва 3 моддаи мазкур пешбинигардида аз ҷониби нотариуси давлатии дигар идораи нотариалии давлатӣ бо тартиби муқарраркардаи Қонуни мазкур ба ҷо оварда мешаванд.

**Моддаи 31. Савганди нотариуси давлатӣ**

1. Шахсе, ки ба мансаби нотариуси давлатӣ бори аввал таъин гардидааст, бо чунин мазмун савганд ёд мекунад: «Ман, (насаб, ном ва номи падар) тантанавор савганд ёд мекунам, ки вазифаҳои нотариуси давлатиро аз рӯйи қонун ва виҷдон иҷро менамоям, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, манфиатҳои давлатро ҳимоя мекунам, махфӣ будани амалиёти нотариалиро нигоҳ медорам, ҳамеша покизагии унвони нотариусро ҳифз менамоям.».

2. Нотариуси давлатӣ дар зери матни савганд имзо мегузорад, ки он дар делои шахсии нотариуси давлатӣ маҳфуз дошта мешавад.

3. Шахсе, ки савганд ёд накардааст, вазифаи нотариуси давлатиро иҷро карда наметавонад.

4. Тартиби савганд ёд карданро мақоми ваколатдор муқаррар менамояд.

**(Идома дар саҳ. 3)**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## Дар бораи нотариати давлатӣ

(Идома аз саҳ. 2)

### ФАСЛИ II.
### АМАЛИЁТИ НОТАРИАЛӢ ВА ТАРТИБИ БА ҶО ОВАРДАНИ ОНҲО

### БОБИ 4.
### АМАЛИЁТИ НОТАРИАЛИЕ, КИ НОТАРИУСОНИ ДАВЛАТӢ ВА ШАХСОНИ ВАКОЛАТДОР БА ҶО МЕОВАРАНД

**Моддаи 32. Амалиёти нотариалие, ки нотариусони давлатӣ ба ҷо меоваранд**

1. Нотариусони давлатӣ амалиёти зерини нотариалиро ба ҷо меоваранд:

- аҳдҳо (шартномаҳо, васиятномаҳо, ваколатномаҳо, ӯҳдадориҳо ва дигар аҳдҳо) - ро тасдиқ мекунанд;
- васиятномаҳои махфиро қабул ва эълон менамоянд;
- ваколати иҷрокунандаи васиятномаро тасдиқ менамоянд;
- барои ҳифзи молу мулки меросӣ чораҳо меандешанд;
- шаҳодатномаҳои ҳуқуқ ба мерос медиҳанд;
- шаҳодатномаҳои ҳуқуқи моликиятро ба ҳиссаи молу мулки муштараки зану шавҳар медиҳанд;
- дурустии нусхаи ҳуҷҷатҳо ва иқтибоси аз онҳо гирифташударо тасдиқ менамоянд;
- аз соҳибӣ соқит кардани молу мулки ғайриманқулро манъ ва бекор мекунанд;
- аслияти имзоҳои дар ҳуҷҷатҳо гузошташударо тасдиқ мекунанд;
- дурустии тарҷумаи ҳуҷҷатҳоро аз як забон ба забони дигар тасдиқ мекунанд;
- воқеияти дар ҳаёт ё дар ҷойи муайян будани шахсро тасдиқ мекунанд;
- айнияти шахсро бо шахси дар сурат аксёфта тасдиқ менамоянд;
- вақти пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳоро тасдиқ мекунанд;
- аризаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро ба дигар шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ месупоранд;
- маблағи пулӣ ва коғазҳои қиматнокро ба амонат (депозит) қабул мекунанд;
- навиштаҷоти иҷроияро ба ҷо меоваранд;
- эътирозҳоро оид ба векселҳо ба ҷо меоваранд;
- чекҳоро барои пардохт пешниҳод мекунанд ва напардохтани чекҳоро тасдиқ менамоянд;
- ҳуҷҷатҳоро барои маҳфуз доштан қабул мекунанд;
- далелҳоро таъмин мекунанд;
- шаҳодатномаҳо дар бораи ҳуқуқи моликият медиҳанд;
- эътирозҳои баҳриро ба ҷо меоваранд;
- розигии зан ё шавҳарро вобаста ба аҳде, ки шакли нотариалиро талаб мекунад, тасдиқ мекунанд.

2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ба зиммаи нотариусҳои давлатӣ иҷрои дигар амалиёти нотариалиро вогузор намояд.

**Моддаи 33. Амалиёти нотариалие, ки раисони ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот ба ҷо меоваранд**

1. Раисони ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот амалиёти зерини нотариалиро ба ҷо меоваранд:

- васиятномаҳоро тасдиқ мекунанд;
- ваколатномаҳоро, ба истиснои ваколатнома оид ба идора ва ихтиёрдорӣ кардани воситаҳои нақлиёт, молу мулки ғайриманқул тасдиқ мекунанд;
- дурустии нусхаи ҳуҷҷатҳо ва иқтибоси аз онҳо гирифташударо тасдиқ мекунанд.

2. Раисони ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот ҳуқуқ надоранд ҳуҷҷатҳоеро, ки барои истифода берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, тасдиқ намоянд.

**Моддаи 34. Амалиёти нотариалие, ки шахсони ваколатдори намояндагиҳои дипломатӣ ва консулгариҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷо меоваранд**

1. Шахсони ваколатдори намояндагиҳои дипломатӣ ва консулгариҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон амалиёти зерини нотариалиро ба ҷо меоваранд:

- аҳдҳо (шартномаҳо, васиятномаҳо, ваколатномаҳо ва ғайраҳо)-ро тасдиқ менамоянд, ба истиснои шартномаҳо дар бораи молу мулки ғайриманқул, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеанд;
- бо супориши нотариуси давлатӣ барои ҳифз ё идоракунии молу мулки ба меросмонда чораҳо меандешанд;
- шаҳодатномаҳои ҳуқуқи моликиятро ба ҳиссаи молу мулки муштараки зану шавҳар медиҳанд;
- шаҳодатномаҳои ҳуқуқ ба мерос медиҳанд;
- аслияти имзоҳои дар ҳуҷҷатҳо гузошташударо тасдиқ мекунанд;
- дурустии нусхаи ҳуҷҷатҳо ва иқтибоси аз онҳо гирифташударо тасдиқ мекунанд;
- воқеияти дар ҳаёт ё дар ҷойи муайян будани шахсро тасдиқ мекунанд;
- вақти пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳоро тасдиқ мекунанд;
- маблағи пулӣ ва коғазҳои қиматнокро ба амонат (депозит) қабул мекунанд;
- навиштаҷоти иҷроияро ба ҷо меоваранд;
- ҳуҷҷатҳоро барои маҳфуз доштан қабул мекунанд;
- далелҳоро таъмин мекунанд;
- эътирозҳои баҳриро ба ҷо меоваранд.

2. Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мумкин аст, ки дигар амалиёти нотариалие пешбинӣ карда шаванд, ки шахсони ваколатдори намояндагиҳои дипломатӣ ва консулгариҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷо меоваранд.

**Моддаи 35. Тасдиқи васиятнома ва ваколатномаҳое, ки ба ҳуҷҷатҳои ба таври нотариалӣ тасдиқшуда баробар карда мешаванд**

1. Ба ҳуҷҷатҳои ба таври нотариалӣ тасдиқшуда баробар карда мешаванд:

- васиятнома ва ваколатномаҳои хизматчиёни ҳарбӣ дар минтақаҳои ҷойгиршавии қисмҳои ҳарбӣ, таълимгоҳҳои ҳарбӣ ва дигар сохторҳои ҳарбӣ, ки дар он ҷо нотариуси давлатӣ ва шахсони мансабдори ваколатдори иҷрокунандаи амалиёти нотариалӣ нестанд, ҳамчунин васиятнома ва ваколатномаи коргарон, хизматчиён, аҳли оилаи онҳо, аҳли оилаи хизматчиёни ҳарбие, ки дар он ҷо зиндагӣ мекунанд ва аз ҷониби командирони (сардорони) ин қисмҳои ҳарбӣ ва таълимгоҳҳо тасдиқ карда шудаанд;
- васиятнома ва ваколатномаи шахсони дар ҷойҳои маҳрум сохтан аз озодӣ қарордошта, ки аз тарафи сардорони ин муассисаҳо тасдиқ карда шудаанд;
- васиятнома ва ваколатномаи шахсоне, ки дар киштиҳои баҳрӣ шино карда истодаанд ё дар киштиҳои обии таҳти Парчами Ҷумҳурии Тоҷикистон шинокунанда, ки аз тарафи капитанҳои ин киштиҳо тасдиқ карда шудаанд;
- васиятнома ва ваколатномаи шахсони дар экспедитсияҳои ҷустуҷӯӣ фаъолияткунанда, ки аз ҷониби сардорони ин экспедитсияҳо тасдиқ карда шудаанд;
- дигар ҳуҷҷатҳое, ки бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудаанд.

2. Васиятномаҳои тасдиқшавандаи дар моддаи мазкур пешбинишударо бояд васияткунанда дар ҳузури як шоҳид имзо намояд ва шоҳид низ бояд дар ин васиятнома имзо гузорад.

**Моддаи 36. Ба нотариуси давлатӣ супоридани як нусхаи васиятномае, ки шахсони ваколатдор тасдиқ кардаанд**

1. Шахсони ваколатдор, ки дар моддаҳои 33, 34 ва 35 Қонуни мазкур номбар карда шудаанд, ӯҳдадоранд дар муддати даҳ рӯз аз рӯзи тасдиқ намудани васиятнома, агар дар ин мӯҳлат бо сабабҳои узрнок ғайриимкон бошад, дар сурати пайдо шудани чунин имконият фавран як нусхаи васиятномаи тасдиқшударо барои нигоҳдорӣ ба идораи нотариалии давлатии маҳалли истиқомати васияткунанда фиристонанд.

2. Дар ҳолати дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳалли доимии истиқомат надоштани васияткунанда ё номаълум будани маҳалли истиқомати ӯ васиятнома ба идораи нотариалии давлатие фиристонида мешавад, ки мақоми ваколатдор муайян кардааст.

3. Нотариуси давлатӣ вазифадор аст, ки васиятномаи тасдиқшудаи ба ӯ барои нигоҳдорӣ воридшударо тафтиш намояд ва дар сурати муқаррар намудани номувофиқатии он ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ин бора ба васияткунанда ва шахси ваколатдор, ки васиятномаро тасдиқ намудааст, барои дуруст тасдиқ намудани он ба таври хаттӣ хабар диҳад.

4. Барои зараре, ки ба меросхӯр (меросхӯрон) бо сабаби сари вақт насупоридани васиятномаи тасдиқшуда расонида шудааст, шахси ваколатдор мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошад.

### БОБИ 5.
### ҚОИДАҲОИ АСОСИИ БА ҶО ОВАРДАНИ АМАЛИЁТИ НОТАРИАЛӢ

**Моддаи 37. Тартиби ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ**

Тартиби ба ҷо овардани амалиёти нотариалиро Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дастурамали тартиби ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ аз тарафи нотариусҳои давлатии идораҳои нотариалии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мақоми ваколатдор тасдиқ менамояд, муқаррар мекунанд.

**Моддаи 38. Мӯҳлатҳои ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ, мӯҳлат ва асосҳои мавқуф гузоштан ва боздоштани амалиёти нотариалӣ**

1. Амалиёти нотариалӣ дар рӯзи пешниҳод кардани ҳамаи ҳуҷҷатҳои барои ин амалиёт зарурбуда ва пардохти боҷи давлатӣ ба ҷо оварда мешаванд. Барои ба ҷо овардани амалиёти нотариалии мураккаб, мӯҳлати мазкур мумкин аст то панҷ рӯз тамдид карда шавад.

2. Ба ҷо овардани амалиёти нотариалиро дар сурати зарурати талаб карда гирифтани маълумот ва ҳуҷҷатҳои иловагӣ ё ба экспертиза фиристонидани ҳуҷҷатҳо ва шубҳа кардани нотариуси давлатӣ оид ба қобили амал будани тарафҳои аҳд мавқуф гузоштан мумкин аст.

3. Мӯҳлати мавқуф гузоштани иҷрои амалиёти нотариалӣ аз рӯзи баровардани қарор дар бораи мавқуф гузоштан, ба истиснои ҳолатҳое, ки аз гирифтани ҳуҷҷатҳо ва натиҷаи экспертиза вобастагӣ дорад, аз як моҳ зиёд буда наметавонад.

4. Ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ дар ҳолатҳои ба миён омадани баҳс оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои вайроншуда то ба суд муроҷиат намудани шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар асоси аризаи шахси манфиатдор мумкин аст ба мӯҳлати даҳ рӯз боздошта шавад. Агар дар давоми ин мӯҳлат дар бораи ба истеҳсолоти судӣ ворид шудани ариза хабар нарасад, амалиёти нотариалӣ ба ҷо оварда мешаванд. Дар сурати аз суд гирифтани хабар дар бораи ворид гардидани аризаи шахси манфиатдоре, ки ҳуқуқ ё далелеро баҳс менамояд ва шахси дигари манфиатдор тасдиқ кардани онро хоҳиш мекунад, ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ то аз тарафи суд баррасӣ намудани парванда боздошта мешавад.

5. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои мавқуф гузоштан ва боздоштани ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ асосҳои дигарро низ муқаррар карда метавонад.

**Моддаи 39. Ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ ва муқаррар намудани шахсияти шахсоне, ки барои ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ муроҷиат мекунанд**

1. Ҳангоми ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ нотариуси давлатӣ шахсияти шахс, намояндаи ӯ ё намояндаи шахси ҳуқуқиро, ки барои ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ муроҷиат намудааст, муқаррар менамояд.

2. Нотариуси давлатӣ амалиёти нотариалиро ба ном ва (ё) аз номи шахс дар ҳолати иштироки бевоситаи ӯ ё намояндаи қонунии ӯ, ба ном ва ё аз номи шахсони ҳуқуқӣ бошад, дар ҳолати иштироки бевоситаи шахсони мансабдори ваколатдори онҳо ё намояндаи онҳо ба ҷо меоварад.

3. Муқарраркунии шахсият бояд дар асоси шиноснома ва дигар ҳуҷҷатҳое, ки шахсиятро муайян мекунанд ва дар бораи ҷойи зисти ӯ шаҳодат дода, ҳама гуна шубҳаҳоро нисбат ба шахсияти муроҷиаткунанда истисно менамоянд, анҷом дода шавад.

**Моддаи 40. Санҷиши қобилияти амали шахсони воқеӣ ва қобилияти ҳуқуқдории шахсони ҳуқуқии иштирокчии аҳдҳо**

1. Дар мавриди тасдиқ намудани аҳдҳо дар навбати аввал қобилияти амали шахсони воқеӣ ва қобилияти ҳуқуқдории шахсони ҳуқуқӣ санҷида мешаванд.

2. Ҳангоми санҷиши қобилияти ҳуқуқдории шахсони ҳуқуқие, ки ҳамчун тарафи аҳд иштирок мекунанд, нотариусҳои давлатӣ вазифадоранд ҳуҷҷатҳои таъсисӣ, аз ҷумла шаҳодатнома, иқтибос аз феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ, филиалҳо ва намояндагии онҳоро талаб намуда, мутобиқати амали мазкурро ба талаботи ҳуҷҷатҳои таъсисӣ санҷиш намоянд.

3. Амалиёти нотариалие, ки аз номи шахсони ҳуқуқӣ, филиал ва намояндагии онҳо ба ҷо оварда мешаванд, набояд хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, оиннома ё низомномаи онҳо бошанд.

4. Ваколати намояндаро ваколатномае, ки ба номи ӯ дода шудааст, тасдиқ менамояд.

5. Нотариусҳои давлатӣ барои ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ аз роҳбарони шахсони ҳуқуқӣ, ки оиннома ё низомнома ба онҳо ваколат додааст, ваколатнома талаб намекунанд. Дар ин мавридҳо танҳо ҳуҷҷате талаб карда мешавад, ки ваколати мансабии онҳоро тасдиқ мекунад.

6. Агар шахси ҳуқуқиро мақоми дастаҷамъии интихобшаванда идора намояд, аз роҳбари ин шахси ҳуқуқӣ бояд дар бораи интихоб шудани шахсони мансабдор ва тақсими вазифаҳо дар байни онҳо ҳуҷҷат талаб карда шавад.

**Моддаи 41. Санҷиши аслияти имзоҳо, тартиби имзогузорӣ ба ҳуҷҷатҳои ба таври нотариалӣ тасдиқшаванда**

1. Ҳангоми тасдиқ намудани аҳдҳо ва ба ҷо овардани дигар амалиёти нотариалӣ аслияти имзоҳои тарафҳои имзокунандаи аҳдҳо ва шахсони дигари барои ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ муроҷиаткунанда санҷида мешавад.

2. Аҳдҳо, ҳуҷҷатҳои дигари ба таври нотариалӣ тасдиқшаванда ва дигар ҳуҷҷатҳо бояд дар ҳузури нотариуси давлатӣ аз тарафи шахси воқеӣ, намояндаи ӯ, намояндаи шахси ҳуқуқӣ имзо карда шаванд. Дар баробари имзо мумкин аст насаб, ном ва номи падар низ шахсан аз тарафи имзокунандагон навишта шавад. Нотариуси давлатӣ вазифадор аст пеш аз имзо гузоштан, шинос шудани иштирокчиёни аҳдро бо матни ҳуҷҷати бо тариқи нотариалӣ тасдиқшаванда таъмин намояд. Бо хоҳиши тарафҳо мумкин аст матни ҳуҷҷат ба онҳо хонда шавад, ки дар ин бора дар аҳди тасдиқшаванда ишора мегардад.

3. Агар шахс бо сабаби нуқсони ҷисмонӣ, беморӣ, бесаводӣ ё сабабҳои дигар шахсан дар ҳуҷҷат имзо карда натавонад, бо хоҳиши ӯ, дар ҳузури вай ва нотариуси давлатӣ ҳуҷҷатро метавонад шахси дигари интихобнамудааш имзо кунад, бо нишон додани сабабҳое, ки дар натиҷаи онҳо ҳуҷҷат бо дасти худи шахси барои ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ муроҷиаткунанда имзо шуда наметавонист. Ҳамчунин, бо хоҳиши муроҷиаткунанда, матни ҳуҷҷати тасдиқкардашуда ба ӯ хонда дода шуда, дар ин бора дар матни ҳуҷҷат қайд карда мешавад.

4. Агар шахси кар, гунг ё кару гунги барои ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ муроҷиаткарда бесавод бошад, ҳангоми ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ бояд шахси аз тарафи ин шахс интихобкарда ё тарҷумони забони имову ишора ҳузур дошта бошад, ки вай бо ӯ гуфтугӯ карда тавонад ва бо имзои худ тасдиқ намояд, ки мазмуни аҳд, ариза ё дигар ҳуҷҷати тасдиқшавандаи нотариалӣ бо хоҳиши шахси кар, гунг ё кару гунги дар амалиёти нотариалӣ иштироккунанда мувофиқат мекунад.

**Моддаи 42. Дархост намудани маълумот ва ҳуҷҷатҳое, ки барои ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ заруранд**

1. Нотариусҳои давлатӣ ва шахсони ваколатдоре, ки амалиёти нотариалиро ба ҷо меоранд, ҳуқуқ доранд аз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ маълумот ва ҳуҷҷатҳоеро, ки барои ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ заруранд, дархост намоянд.

2. Маълумот ва ҳуҷҷатҳое, ки барои ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ заруранд, бояд дар мӯҳлати муқарраркардаи Қонуни мазкур пешниҳод карда шаванд.

3. Бо талаби нотариуси давлатӣ ва шахсони ваколатдор дар мӯҳлати муайяннамудаи Қонуни мазкур пешниҳод накардани маълумот ва ҳуҷҷатҳо аз тарафи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои мавқуф гузоштан, боздоштан ва ё рад кардани амалиёти нотариалӣ асос шуда метавонад.

**Моддаи 43. Талабот нисбат ба ҳуҷҷатҳое, ки барои ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ пешниҳод мешаванд**

1. Барои ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ ҳуҷҷатҳои зерин қабул карда намешаванд:

- ҳуҷҷатҳое, ки калимаҳои тозакардашуда ё ислоҳкардашуда, навиштаҷоти иловагӣ, калимаҳои хатзадашуда, ҳуҷҷатҳои бо қалам навишташуда ва дигар ислоҳҳои бе шарҳу эзоҳ доранд;
- ҳуҷҷатҳое, ки бар хилофи қоидаҳои коргузории шахсони ҳуқуқие, ки ҳуҷҷатро додаанд, тайёр карда шудаанд;
- ҳуҷҷатҳое, ки дар натиҷаи осеб дидан ё сабабҳои дигар қисми матн ё нишонаҳои ҳуҷҷат (санаи қабул ё тартиб додани он, имзои шахси мансабдор ё мӯҳри он) хонда нашаванд;
- ҳуҷҷатҳое, ки ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф мебошанд.

2. Ҳуҷҷатҳое, ки ҳаҷмашон аз як варақ зиёд мебошанд, бояд ресмонбандӣ ва рақамгузорӣ шуда, аз тарафи шахси ваколатдор имзо ва бо мӯҳри дахлдор тасдиқ карда шуда бошанд.

**Моддаи 44. Талабот нисбат ба ҳуҷҷатҳое, ки ба таври нотариалӣ тасдиқ карда мешаванд**

1. Матни аҳдҳои ба таври нотариалӣ тасдиқшаванда, нусхаи ҳуҷҷатҳои тасдиқшаванда ва иқтибос аз онҳо, дигар ҳуҷҷатҳои нотариалӣ бояд возеҳ, дақиқ навишта шуда, сана ва мӯҳлатҳое, ки ба мазмуни аҳдҳои тасдиқшаванда тааллуқ доранд, бояд ақаллан як маротиба бо калимаҳо навишта шуда, номи пурраи шахсони ҳуқуқӣ, насаб, ном ва номи падари шахсон пурра бо ишораи суроғаи онҳо нишон дода шуда бошанд.

2. Ҳангоми дар ҳуҷҷати ба таври нотариалӣ тасдиқкардашуда ошкор гардидани хатои техникӣ (арифметикӣ), нотариуси давлатӣ ҳуқуқ дорад бе тағйир додани мазмун ва моҳияти ҳуҷҷати тасдиқкардашуда ва дар мавриди ҷой надоштани баҳс ва манъ набудани он, дар асоси аризаи шахси манфиатдор хатогиҳои ҷойдоштаро ислоҳ намояд.

3. Ислоҳот бо баровардани қарори дахлдор ворид карда мешаванд.

**Моддаи 45. Додани шаҳодатномаҳо ва ба ҷо овардани навиштаҷоти тасдиқкунанда**

1. Оид ба тасдиқи ҳуқуқ ба мерос, ҳуқуқи моликият, ҳуқуқи моликият ба ҳиссаи молу мулки муштараки зану шавҳар, тасдиқи воқеияти дар ҳаёт ё дар ҷойи муайян будани шахс, айнияти шахс бо шахсе, ки дар сурат акс ёфтааст, қабули ҳуҷҷатҳо барои маҳфуз доштан ва супурдани аризаҳо шаҳодатномаҳои дахлдор дода мешаванд.

2. Ҳангоми тасдиқи аҳдҳо, дурустии нусхаи ҳуҷҷатҳо ва иқтибос аз онҳо, аслияти имзо, манъи аз соҳибӣ соқит кардани молу мулки ғайриманқул, дурустии тарҷумаи ҳуҷҷатҳо аз як забон ба забони дигар, тасдиқи навиштаҷоти иҷроия, вақти пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳо, навиштаҷоти тасдиқкунанда дар ҳуҷҷатҳои дахлдор аз рӯйи шакле, ки мақоми ваколатдор тасдиқ кардааст, бо гузоштани мӯҳри нотариуси давлатӣ ба ҷо оварда мешаванд.

3. Барои тасдиқи ба ҷо овардани эътирози баҳрӣ, эътироз нисбат ба векселҳо ва напардохтани маблағи чекҳо санад тартиб дода мешавад.

4. Ҳангоми таъмин кардани далелҳо ва эълони васиятномаи махфӣ протокол тартиб дода мешавад.

**Моддаи 46. Сабти амалиёти нотариалӣ**

1. Ҳамаи амалиёти нотариалӣ дар феҳристи сабти амалиёти нотариалӣ қайд карда мешаванд. Ба ҳар як амалиёти нотариалии баҷоовардашуда рақами тартибии алоҳида гузошта мешавад. Рақаме, ки таҳти он амалиёти нотариалӣ дар феҳрист сабт карда шудааст, дар ҳуҷҷатҳое, ки нотариуси давлатӣ медиҳад, нишон дода мешавад.

2. Амалиёти нотариалӣ баъди пурра пардохт намудани боҷи давлатӣ ва аз мавриди дар феҳрист сабт намудан, баҷооварда ҳисобида мешавад.

3. Шакли феҳристҳо барои сабти амалиёти нотариалӣ ва навиштаҷоти тасдиқкунандаро мақоми ваколатдор муқаррар мекунад.

**Моддаи 47. Рад кардани баҷоовари амалиёти нотариалӣ**

1. Нотариуси давлатӣ баҷоовари амалиёти нотариалиро рад мекунад, агар:

- ба ҷо овардани ин гуна амалиёт хилофи қонун ва манфиати давлат бошад;
- амалиёт дар дигар идораи нотариалии давлатӣ ба ҷо оварда шавад;
- бо хоҳиши ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ шахси ғайри қобили амал ё намояндае муроҷиат карда бошад, ки ваколатҳои дахлдор надорад;
- аҳде, ки аз номи шахси ҳуқуқӣ ба ҷо оварда мешавад, хилофи мақсадҳои дар оинномаи он зикргардида бошад;
- аҳд аз тарафи шахсоне пешниҳод шуда бошад, ки ба сифати соҳибкори инфиродӣ ва шахси ҳуқуқӣ ба қайди давлатӣ гирифта нашудаанд;
- ҳуҷҷатҳои барои ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ пешниҳодшуда ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат накунанд.

2. Нотариуси давлатӣ бо хоҳиши шахсе, ки ба вай дар ба ҷо овардан шудани амалиёти нотариалӣ рад карда шудааст, бояд дар шакли хаттӣ сабабҳои радро баён намояд ва тартиби аз болои ин рад шикоят карданро фаҳмонида диҳад. Дар ин мавридҳо нотариуси давлатӣ аз рӯзи муроҷиат дар бораи баҷоовари амалиёти нотариалӣ на дертар аз ҳафт рӯз дар бораи рад намудани баҷоовари амалиёти нотариалӣ қарор қабул менамояд.

**Моддаи 48. Шикоят аз болои амалиёти нотариалӣ ё рад намудани ба ҷо овардани онҳо ва тартиби баррасии баҳсҳо оид ба ҳуқуқе, ки ба амалиёти нотариалии баҷоовардашуда асос меёбад**

1. Шахси манфиатдоре, ки амалиёти нотариалии баҷоовардашуда ё рад карда шудани баҷоовари амалиёти нотариалиро нодуруст меҳисобад, ҳуқуқ дорад дар ин бора ба суди маҳалли ҷойгиршавии идораи нотариалии давлатӣ шикоят намояд.

2. Баҳсҳо оид ба ҳуқуқе, ки байни шахсони манфиатдор ба вуҷуд омадаанд ва ба амалиёти нотариалии баҷоовардашуда асос меёбанд, бо тартиби судӣ баррасӣ карда мешаванд.

### БОБИ 6.
### ҚОИДАҲОИ БА ҶО ОВАРДАНИ НАМУДҲОИ АЛОҲИДАИ АМАЛИЁТИ НОТАРИАЛӢ

**Моддаи 49. Аҳдҳое, ки ба таври нотариалӣ тасдиқ карда мешаванд**

1. Нотариусҳои давлатӣ ва шахсони ваколатдор аҳдҳоеро тасдиқ мекунанд, ки барои онҳо қонунгузорӣ шакли ҳатмии нотариалии ба ҷо овардани ин амалиётро муқаррар кардааст.

2. Бо хоҳиши шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ нотариуси давлатӣ метавонад дигар аҳдҳоеро низ тасдиқ намояд, ки барои онҳо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқи ҳатмии нотариалиро муқаррар накардааст.

**Моддаи 50. Тасдиқ намудани аҳдҳо дар бораи аз соҳибӣ соқит кардани молу мулк**

1. Нотариусҳои давлатӣ аҳдҳоро дар бораи аз соҳибӣ соқит кардани молу мулк, ки моликияти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мебошанд, ҳамчунин ба шахсони ҳуқуқӣ бо ҳуқуқи пешбурди хоҷагидорӣ ё идоракунии оперативӣ тааллуқ доранд, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунанд.

2. Тасдиқ намудани аҳд дар бораи аз соҳибӣ соқит кардани молу мулки ғайриманқул дар маҳалли ҷойгиршавии молу мулки ғайриманқул ба ҷо оварда мешавад.

3. Дар мавриде, ки агар молу мулк, ҳуқуқи моликият ё дигар ҳуқуқи молумулкӣ зарурати қайди давлатиро талаб намоянд, аҳд дар бораи аз соҳибӣ соқит кардани ин молу мулк танҳо дар сурати ба нотариуси давлатӣ пешниҳод кардани ҳуҷҷати тасдиқкунандаи қайди давлатии ҳуқуқ ба ин моликият тасдиқ карда мешавад.

4. Шартномаҳо дар бораи аз соҳибӣ соқит кардани молу мулке, ки бо тартиби нотариалӣ тасдиқ нашудаанд, ҳамчун ҳуҷҷати ҳуқуқмуайянкунанда барои ба тариқи нотариалӣ тасдиқ кардани аҳдҳои аз соҳибӣ соқит кардани молу мулк асос шуда наметавонанд.

5. Аҳдҳо дар бораи аз соҳибӣ соқиткунии молу мулки ғайриманқуле, ки андозбандӣ шуда ба шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрванди хориҷӣ, шахси бешаҳрванд ё шахси ҳуқуқии хориҷӣ ё байналмилалие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойи муқимӣ надоранд, тааллуқ дорад, танҳо дар сурати ба нотариуси давлатӣ пешниҳод кардани ҳуҷҷати тасдиқкунандаи пардохти андози дахлдор тасдиқ карда мешавад.

6. Шартномаҳо дар бораи аз соҳибӣ соқиткунии бино ва манзилҳои истиқоматӣ бо риояи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд.

7. Молу мулки ғайриманқуле, ки таҳти ҳабс қарор дорад ё нисбати он манъи аз соҳибӣ соқиткунӣ пешбинӣ гардидааст, мавзӯи аҳд шуда наметавонад.

**Моддаи 51. Тасдиқ намудани шартномаи гарав**

1. Дар мавриде, ки агар молу мулк, ҳуқуқи моликият ё дигар ҳуқуқи молумулкӣ зарурати қайди давлатиро талаб намоянд, шартномаи гарави молу мулк, ҳуқуқи моликият ё дигар ҳуқуқи молумулкӣ танҳо дар сурати ба нотариуси давлатӣ пешниҳод кардани ҳуҷҷати ҳуқуқмуайянкунанда бо сабти қайди давлатии дахлдори он тасдиқ карда мешавад.

2. Тасдиқ намудани шартномаи гарави молу мулки ғайриманқул дар маҳалли ҷойгиршавии молу мулки ғайриманқул ба ҷо оварда мешавад. Ҳангоми тасдиқи шартномаи гарави молу мулки ғайриманқул қоидаҳои умумии дар моддаи 50 Қонуни мазкур пешбинишуда татбиқ мегарданд.

**Моддаи 52. Тасдиқ, тағйир ва бекор намудани васиятнома**

1. Нотариуси давлатӣ ва шахсони ваколатдор васиятномаро бо риояи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунанд. Инчунин нотариуси давлатӣ ва шахсони ваколатдор бекоркунӣ ва тағйирдиҳии васиятномаро тасдиқ мекунанд.

2. Тасдиқ намудани васиятнома тавассути намоянда ва аз номи ду ва зиёда васияткунанда роҳ дода намешавад.

3. Ҳангоми тасдиқ кардани васиятнома нотариуси давлатӣ ва шахсони ваколатдор аз васияткунанда пешниҳод намудани далели ба вай тааллуқ доштани ҳуҷҷати ҳуқуқмуайянкунандаро ба молу мулки васиятшаванда талаб намекунанд.

4. Васиятномае, ки нотариуси давлатӣ ва шахси ваколатдор аз забони васияткунанда дар ҳузури шоҳид тартиб додааст, баъди ба он имзо гузоштани васияткунанда ва шоҳид тасдиқ карда мешавад.

5. Тағйир ва бекор кардани васиятнома бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 53. Тасдиқ кардани ваколатномаҳо**

1. Нотариуси давлатӣ ва шахсони ваколатдор ваколатномаро аз номи як ё якчанд шахс ба номи як ё якчанд шахс бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунанд.

2. Тасдиқ намудани ваколатнома бо тартиби такроран вогузор намудани ваколат роҳ дода намешавад.

3. Ваколатномае, ки бо тариқи ба шахси дигар вогузор намудани ваколат дода мешавад, танҳо баъди пешниҳод кардани ваколатномаи асосие, ки дар он ҳуқуқи ба каси дигар вогузор намудани ваколат қайд карда шудааст, ба тариқи нотариалӣ тасдиқ шуда метавонад. Ваколатномае, ки ба тариқи ба шахси дигар вогузор намудани ваколат дода шудааст, набояд аз ваколатномаи асосӣ ваколату ҳуқуқи бештар дошта бошад. Мӯҳлати амали ваколатномаи мувофиқи тартиби ба шахси дигар вогузор намудани ваколат додашуда, набояд аз мӯҳлати амали ваколатномае, ки дар асоси он дода шудааст, зиёд бошад.

4. Ҳангоми тасдиқ намудани ваколатномаҳо ба моликияти муштараки зану шавҳар дар бораи идора ва ихтиёрдории молу мулки ғайриманқул ва аҳдҳое, ки тасдиққунии нотариалӣ ё мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бақайдгириро талаб менамоянд, нотариуси давлатӣ ӯҳдадор аст, розигии хаттии ҳамсари дигарро, ки ба тариқи нотариалӣ тасдиқ гардидааст, гирад.

**Моддаи 54. Шумораи нусхаҳои ҳуҷҷатҳое, ки дар онҳо матни аҳд баён карда мешавад**

Шумораи нусхаҳои ҳуҷҷатҳое, ки бо тартиби нотариалӣ тасдиқ мешаванд аз рӯйи шумораи тарафҳои иштироккунандаи аҳд муайян карда мешавад. Инчунин як нусхаи он дар парвандаҳои идораи нотариалии давлатӣ нигоҳ дошта мешавад.

### БОБИ 7.
### ҲИФЗИ МОЛУ МУЛКИ МЕРОСӢ

**Моддаи 55. Ҳифзи молу мулки меросӣ**

1. Нотариуси давлатӣ дар маҳалли кушодани мерос дар асоси аризаи ворис ё ворисон, иҷрокунандаи васиятнома, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, мақомоти васоят ва парасторӣ ё шахсони дигари воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои ҳифзи молу мулки меросӣ, ки барои манфиати давлат, ворис, ворисон ё кредиторон зарур аст, чораҳо меандешад.

2. Агар молу мулки меросгузор ё қисми он дар маҳалли кушодани мерос набошад, нотариуси давлатии маҳалли кушодани мерос ба идораи нотариалии давлатии ҷойи воқеияти молу мулки меросӣ дар бораи андешидани чораҳои ҳифзи он супориш мефиристад.

3. Нотариуси давлатии маҳалли воқеияти молу мулки меросӣ, ки барои ҳифзи молу мулки меросӣ чораҳо андешидааст, ба идораи нотариалии давлатии маҳалли кушодани мерос дар бораи андешидани чораҳои мазкур хабар медиҳад.

**Моддаи 56. Хабардор кардани ворисон дар бораи мероси кушодашуда**

1. Нотариуси давлатие, ки оид ба кушодани мерос маълумот гирифтааст, ӯҳдадор аст дар бораи он ворисонеро, ки ҷойи зист ё корашон ба вай маълум аст, хабардор намояд.

2. Нотариуси давлатӣ метавонад ворисонро бо роҳи эълони умумӣ ё дар ин бора нашр кардани хабар дар матбуот бо хоҳиш ва аз ҳисоби шахсони манфиатдор даъват намояд. Амалҳои мазкур дар мӯҳлати барои қабули мерос муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро карда мешаванд.

**Моддаи 57. Барӯйхатгирии молу мулки меросӣ ва таъин кардани муҳофиз ё васӣ**

1. Нотариуси давлатӣ барои ҳифзи молу мулки меросӣ онро ба рӯйхат мегирад ва барои ҳифз онро ба ворисон ё шахсони дигар месупорад. Барӯйхатгирӣ бо иштироки шахсони барои ҳифзи молу мулки меросӣ манфиатдор ва на камтар аз ду нафар шахси холис тибқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда шуда, дар ин бора санади дахлдор тартиб дода мешавад.

2. Нотариуси давлатӣ ҳамаи молу мулки дар бино мавҷудбударо ба рӯйхат мегирад.

3. Молу мулк аз рӯйхат танҳо бо тартиби судӣ хориҷ карда мешавад.

4. Дар ҳолатҳое, ки ворисон ва шахсони дигар молу мулки меросиро барои барӯйхатгирӣ пешниҳод накунанд, молу мулки меросиро нобуд карда бошанд ё ин ки бо сабабҳои дигар барӯйхатгирии молу мулки меросӣ ё қабул кардани чораҳои зарурӣ ғайриимкон бошад, нотариуси давлатӣ дар ин бора санади дахлдор тартиб медиҳад.

5. Барӯйхатгирии молу мулки меросӣ бо тартиби муқарраркардаи Дастурамали коргузорӣ дар идораҳои нотариалии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

6. Агар дар таркиби мерос молу мулке бошад, ки идоракуниро талаб намояд ё ин ки дар ҳолати то меросро қабул кардани меросхӯрон даъво пешниҳод намудани кредиторҳо, нотариуси давлатӣ барои ҳифзи он муҳофизи молу мулкро таъин мекунад.

7. Муҳофиз ва дигар шахсоне, ки молу мулки меросӣ ба онҳо барои муҳофизат супорида шудааст (бовар карда дода шудааст), дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои азонихудкунӣ ё исрофкории молу мулки меросӣ ва дар бораи ҷавобгарии моддӣ барои зарари расондашуда огоҳ карда мешаванд.

**Моддаи 58. Идораи ба боварӣ асосёфтаи молу мулки меросӣ**

1. Идораи ба боварӣ асосёфтаи молу мулки меросӣ дар ҳолатҳое ба ҷо оварда мешавад, ки агар дар таркиби мерос молу мулки меросие мавҷуд бошад, ки нисбати он на танҳо ҳифз, балки идоракунии онҳо (корхона, комплекси молумулкӣ, ҳисса дар сармояи (пасандозҳои) оинномавии ҷамъияти хоҷагидорӣ, коғазҳои қиматнок, ҳуқуқҳои истисноӣ ва ғайра) талаб карда мешавад.

2. Идораи ба боварӣ асосёфтаи молу мулки меросӣ аз ҷониби нотариуси давлатӣ дар маҳалли кушодани мерос дар асоси аризаи шахсоне, ки дар қисми 1 моддаи 55 Қонуни мазкур зикр шудаанд, таъсис дода мешавад, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки агар ҳуқуқи муассисӣ ба иҷрокунандаи васиятнома тааллуқ дошта бошад. Барои идораи ба боварӣ асосёфтаи молу мулки меросӣ нотариуси давлатӣ ба сардори ваколатдор шаҳодатнома медиҳад.

3. Ҳангоми ба созиш наомадани ворисон дар бораи таъини сардори ваколатдор, сардори ваколатдор бо тартиби судӣ таъин карда мешавад.

**Моддаи 59. Супориш дар бораи таъсиси идораи ба боварӣ асосёфтаи молу мулки меросӣ**

1. Агар молу мулки меросӣ дар маҳалҳои гуногун ҷойгир бошад, нотариуси давлатии маҳалли кушодани мерос супоришро дар бораи таъсиси идораи ба боварӣ асосёфтаи молу мулки меросӣ бо тартиби пешбининамудаи моддаи 55 Қонуни мазкур мефиристонад.

2. Нотариуси давлатӣ дар бораи таъсиси идораи ба боварӣ асосёфтаи молу мулки меросӣ дар мӯҳлати як моҳ ба нотариуси давлатии маҳалли кушодани мерос хабар медиҳад.

**Моддаи 60. Додани молу мулки меросӣ ба идораи ба боварӣ асосёфта**

1. Молу мулки ба мерос дохилшаванда, ки идоракуниро талаб мекунад, аз ҷониби нотариуси давлатӣ дар асоси шартномаи идораи ба боварӣ асосёфта ба шахсе, ки дар хабарнома дар бораи таъсиси идораи ба боварӣ асосёфтаи молу мулки меросӣ нишон дода шудааст ё ба нотариуси давлатии муайян дода мешавад.

2. Ворисон, инчунин дигар шахсоне, ки бадастоварандаи фоида аз рӯйи шартномаи идораи ба боварӣ асосёфтаи молу мулки меросӣ мебошанд, сардори ваколатдор шуда наметавонанд.

3. Шартномаи идораи ба боварӣ асосёфта бояд мувофиқи талаботи қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни мазкур баста шавад.

4. Шартҳои муҳими шартномаи идораи ба боварӣ асосёфтаи молу мулки меросӣ ин пурра навиштани номгӯи молу мулке, ки ба идораи ба боварӣ асосёфта дода мешавад, зикри бадастоварандаи фоида, мӯҳлатҳои ҳисобот додани сардори ваколатдор, шахсе, ки дар ҳолати қатъи идоракунӣ молу мулкро мегирад, андоза ва шакли пардохти мукофот ба сардори ваколатдор, супоришҳои ворис ё ворисон, ки ба манфиати онҳо идораи ба боварӣ асосёфта амалӣ мешавад, шартҳои пардохти амалӣ намудани идораи ба боварӣ асосёфта ва асосҳои қатъ гардидани идораи ба боварӣ асосёфта мебошанд.

(Идома дар саҳ. 4)

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## Дар бораи нотариати давлатӣ

(Идома аз саҳ. 2, 3)

**Моддаи 61. Пардохти мукофот барои амалӣ намудани идораи ба боварӣ асосёфтаи молу мулки меросӣ**

Пардохти мукофот барои амалӣ намудани идораи ба боварӣ асосёфтаи молу мулки меросӣ ба сардори ваколатдор дар ҳаҷми муқарраркардаи созишномаи байни ворис (ворисон) ва сардори ваколатдор пардохта мешавад, агар дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

**Моддаи 62. Қатъи идораи ба боварӣ асосёфтаи молу мулки меросӣ**

1. Идораи ба боварӣ асосёфтаи молу мулки меросӣ то қабули мерос аз ҷониби ворис ё ворисон, агар меросро онҳо қабул накарда бошанд, то ба охир расидани мӯҳлати қабули мерос, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст, давом дода мешавад.

2. Нотариуси давлатӣ ӯҳдадор аст, ки ворисонро дар бораи қатъи идораи ба боварӣ асосёфтаи молу мулки меросӣ ва дар сурати ба давлат гузаштани мерос, мақоми давлатии дахлдорро огоҳ намояд.

**Моддаи 63. Қатъ гардидани чораҳои ҳифзи молу мулки меросӣ**

1. Ҳифзи молу мулки меросӣ то вақти меросро қабул кардани ҳамаи ворисон ва агар он қабул карда нашуда бошад, то вақти ба охир расидани мӯҳлати қабули мерос, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст, давом мекунад.

2. Нотариуси давлатӣ ӯҳдадор аст, ки дар бораи қатъ гардидани чораҳои ҳифзи молу мулки меросӣ, меросхӯрон ва агар меросхӯрон набошанд, мақоми давлатии дахлдорро пешакӣ огоҳ намояд.

**Моддаи 64. Додани маблағи пулӣ аз ҳисоби молу мулки меросӣ**

1. Шахсе, ки барои нигоҳубини меросгузори бемор то вақти вафоти вай, ҳифзи мерос ва идораи он, ҳамчунин барои дафни меросгузор дар сурати набудани меросхӯре, ки мерос ба ӯ дода мешавад ё иҷрокунандаи васиятнома маблағи муайян хароҷот кардааст, ҳуқуқ дорад ба нотариуси давлатии маҳалли кушодани мерос барои барқарор кардани хароҷоти худ аз ҳисоби молу мулки меросӣ муроҷиат кунад. Дар ин маврид муроҷиаткунанда ба нотариуси давлатӣ оид ба хароҷоти кардааш бояд далели хаттӣ пешниҳод намояд.

2. Агар талаботи пешниҳодкардаи шахсро нотариуси давлатӣ қобили қабул ҳисобад, вай то вақти меросро қабул кардани меросхӯрон ва агар мерос қабул нашуда бошад, то вақти ба давлат додани шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос дар бораи аз ҳисоби молу мулки меросӣ додани маблағҳои зерин супориш дода метавонад:

- барои пардохти хароҷоти нигоҳубини меросгузор дар вақти беморӣ, инчунин барои дафни ӯ;
- барои таъмини шахсоне, ки дар таъминоти меросгузор буданд;
- барои пардохти хароҷоти ҳифзи молу мулки меросӣ ва идоракунии он.

3. Дар сурати дар таркиби молу мулки меросӣ набудани маблағи пулӣ, нотариуси давлатӣ дар бораи додани ашё, ки арзиши он набояд аз маблағи хароҷоти воқеӣ зиёд бошад, супориш медиҳад. Зимнан аз ҳисоби молу мулки меросии ғайриманқул ва воситаҳои нақлиёт ба ин мақсад супориш дода намешавад.

### БОБИ 8. ҚАБУЛ ВА ЭЪЛОН КАРДАНИ ВАСИЯТНОМАИ МАХФӢ

**Моддаи 65. Қабул ва эълон кардани васиятномаи махфӣ**

1. Нотариуси давлатӣ васиятномаи махфиро бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул мекунад.

2. Ҳангоми аз ҷониби шахсони манфиатдор пешниҳод кардани шаҳодатномаи вафоти меросгузор, нотариуси давлатии идораи нотариалии давлатӣ, ки дар он васиятномаи махфӣ маҳфуз дошта мешавад, марҳилаи эълон кардани васиятномаи махфиро оғоз мекунад.

3. Дар рӯз ва соати муқарраркардаи эълони васиятномаи махфӣ нотариуси давлатӣ бо салоҳдиди худ ду шахсро ҳамчун шоҳид дар мавриди эълони васиятномаи махфӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз доираи меросхӯроне, ки хоҳиши дар вақти эълон кардани васиятномаи махфӣ иштирок карданро доранд ва муносибатҳои хешу табориашонро бо меросгузор дар асоси ҳуҷҷат исбот карда метавонанд, даъват менамояд. Дар ҳолати набудани шоҳидон аз доираи меросхӯрони аз рӯйи қонун муайянгардида ё даст кашидани онҳо аз иштирок намудан ҳангоми эълони васиятномаи махфӣ, нотариуси давлатӣ ҳуқуқ дорад дигар шахсони холисро даъват намояд.

4. Протоколи эълони васиятномаи махфӣ маълумоти зеринро дар бар мегирад:

- сана ва ҷойи тартиб додани протокол;
- санаи гирифтани маълумот дар бораи кушодани мерос;
- санаи кушодани мерос;
- насаб, ном, номи падар, санаи таваллуд ва вафот, ҷойи зисти охирини меросгузор;
- насаб, ном ва номи падари шоҳидон ва шахсони дигар, ки ҳангоми эълони васиятномаи махфӣ иштирок карданд;
- суроғаи идораи нотариалии давлатие, ки дар он ҷо васиятномаи махфӣ эълон карда мешавад;
- сабт намудани ҳолати лифофае, ки дар он лифофаи васиятномаи махфӣ мавҷуд аст ва ҳолати лифофае, ки дар он васиятномаи махфӣ мавҷуд аст.

5. Протоколи эълон кардани васиятномаи махфӣ аз тарафи нотариуси давлатӣ ва шоҳидон имзо карда шуда, дар он мӯҳри нотариуси давлатӣ гузошта мешавад.

6. Нусхаи аслии протокол дар парвандаҳои идораи нотариалии давлатӣ нигоҳ дошта шуда, нусхаи дигари он ба шахсони дар васиятномаи махфӣ нишондодашуда, ба шахсони аз мерос дасткашида, ҳамчунин ба иҷрокунандаи васиятнома бо тартиби муқарраркардаи Қонуни мазкур дода мешавад.

**Моддаи 66. Тасдиқ намудани ваколати иҷрокунандаи васиятнома**

1. Дар асоси аризаи хаттии иҷрокунандаи васиятнома (базиммагузорӣ) нотариуси давлатии маҳалли кушодани мерос ваколати ӯро, ки аз мазмуни васиятнома бармеояд, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад.

2. Ваколати иҷрокунандаи васиятнома аз тарафи нотариуси давлатӣ тасдиқ карда мешавад, агар:

- дар парвандаи меросӣ васиятномае бошад, ки бекор карда нашудааст ва мувофиқи он иҷрои васиятнома ба зиммаи аризадиҳанда вогузор гардидааст;
- дар парвандаи меросӣ маълумот дар бораи аз тарафи суд озод кардани аризадиҳанда аз вазифаи иҷрокунандаи васиятнома набошад;
- розигии аризадиҳанда оид ба иҷрокунандаи васиятнома будан бояд дар матни васиятнома ё дар аризаи ба васиятнома замимашуда ифода ёфта бошад ё ин ки дар мӯҳлатҳои муқарраркардаи қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иҷрои вазифаи ба зиммаи ӯ вогузоршуда шурӯъ карда бошад.

### БОБИ 9. ДОДАНИ ШАҲОДАТНОМАИ ҲУҚУҚ БА МЕРОС

**Моддаи 67. Маҳал ва мӯҳлатҳои додани шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос**

1. Аз рӯйи аризаи хаттии ворисон, нотариуси давлатии маҳалли кушодани мерос шаҳодатномаи ҳуқуқ ба меросро медиҳад.

2. Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос дар мӯҳлат ва бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад.

**Моддаи 68. Кушодани мерос**

1. Барои оғоз намудани парвандаи меросӣ инҳо асос шуда метавонанд:

- ариза оид ба қабули мерос ё даст кашидан аз он;
- ариза оид ба додани шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос;
- аризаи ҳамсари дар ҳаётмонда дар бораи ҳуқуқи моликият ба ҳиссаи молу мулки муштараки зану шавҳар;
- ариза оид ба андешидани чораҳои ҳифзи молу мулки меросӣ ё идораи он ва дигар аризаҳои воридшуда, ки ба молу мулки меросӣ алоқаманданд.

2. Ҳуҷҷатҳои зикргардида дар парвандаи меросии идораи нотариалии давлатии маҳалли кушодани мерос нигоҳ дошта мешаванд. Ба парвандаи меросӣ инчунин ҳуҷҷатҳои дигари пешбиникардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамроҳ карда мешаванд. Тартиби истеҳсолот вобаста ба парвандаи меросӣ тибқи Дастурамали коргузорӣ дар идораҳои нотариалии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

**Моддаи 69. Тартиби додани шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯйи қонун**

1. Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯйи қонун ба ворисоне, ки меросро бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул кардаанд, дода мешавад.

2. Шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯйи қонун якҷоя ба ҳамаи ворисон ё ба ҳар як ворис алоҳида мувофиқи хоҳиши онҳо дода мешавад. Ворисоне, ки меросро дар мӯҳлати муқарраркардаи қонун нагирифтаанд, ба шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯйи қонун бо розигии ҳамаи дигар ворисоне, ки меросро қабул намудаанд, мумкин аст дохил карда шаванд. Ин розигӣ бояд то дода шудани шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯйи қонун дар шакли хаттӣ изҳор карда шавад.

3. Нотариуси давлатӣ дар бораи додани шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯйи қонун ба номи васӣ ё парастори ноболиғ ё ворисӣ ғайри қобили амал ба мақомоти васояту парастории маҳалли истиқомати ворис барои муҳофизати он ва манфиатҳои молумулкии вориси ноболиғ хабар медиҳад.

4. Ҳангоми аз рӯйи ҳуқуқи мерос ба давлат гузаштани молу мулки меросӣ, шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯйи қонун ба мақоми давлатии дахлдор дода мешавад.

**Моддаи 70. Шартҳои додани шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯйи қонун**

1. Нотариуси давлатӣ ҳангоми додани шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯйи қонун бо роҳи аз ворисон талаб карда гирифтани ҳуҷҷатҳои дахлдор, воқеияти вафоти меросгузор, вақт ва маҳалли кушодани мерос, мавҷудияти муносибатҳои хешовандӣ бо меросгузор, ки асоси аз рӯйи қонун ба меросгирӣ даъват кардани шахсоне мебошад, ки дар бораи додани шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос ариза додаанд ва таркиби молу мулки меросиеро, ки барои он шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос дода мешавад, месанҷад.

2. Агар як ё якчанд ворис аз рӯйи қонун аз имконияти пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳое маҳрум бошанд, ки онҳо асоси аз рӯйи қонун ба меросгирӣ даъват кардан мебошанд, онҳо бо розигии ҳамаи ворисоне, ки мерос гирифтаанд ва ҳуҷҷатҳоеро пешниҳод намудаанд, ки онҳо асоси аз рӯйи қонун ба меросгирӣ даъват кардан мебошанд, мумкин аст ба шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос дохил карда шаванд.

**Моддаи 71. Шартҳои додани шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯйи васиятнома**

Нотариуси давлатӣ ҳангоми додани шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯйи васиятнома воқеияти вафоти меросгузор, мавҷуд будани васиятнома ё нусхаи протоколи эълон кардани васиятномаи махфӣ бо қайди он, ки бекор ё тағйир дода нашудааст, бо роҳи аз ворисон талаб кардани ҳуҷҷатҳои дахлдор, вақт ва маҳалли кушодани мерос, таркиби молу мулки меросӣ, доираи шахсонеро, ки барои гирифтани ҳиссаи ҳатмии мерос ҳуқуқ доранд, месанҷад.

**Моддаи 72. Шартҳои додани шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос ба молу мулке, ки бояд ба қайди давлатӣ гирифта шавад**

1. Агар ба таркиби молу мулки меросӣ молу мулки ғайриманқул (як қисми он) дохил шавад, нотариуси давлатӣ дар бораи ба меросгузор тааллуқ доштани молу мулки ғайриманқул ҳуҷҷати ҳуқуқмуайянкунанда, ҳуҷҷати тасдиқкунандаи қайди давлатии ҳуқуқ ба ин молу мулк, маълумотномаи барӯйхатгирии техникӣ, инчунин маълумотномаи мақоми бақайдгирандаи давлатии молу мулки ғайриманқулро оид ба дар ҳабс ва манъ қарор надоштани он талаб мекунад.

2. Дар ҳолати ба шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос дохил намудани дигар молу мулке, ки бояд ба қайди давлатӣ гирифта шавад (воситаҳои нақлиёти автомобилӣ, мотосикл, катер ва ғайра), нотариуси давлатӣ ҳуҷҷатҳои ба меросгузор тааллуқ доштани ин молу мулкро месанҷад.

### БОБИ 10. ДОДАНИ ШАҲОДАТНОМАИ ҲУҚУҚИ МОЛИКИЯТ

**Моддаи 73. Тартиби додани шаҳодатномаи ҳуқуқи моликият**

Шаҳодатномаи ҳуқуқи моликият ба молу мулки ғайриманқул, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даст оварда шудааст, аз тарафи нотариуси давлатии идораи нотариалии давлатии маҳалли ҷойгиршавии молу мулк дода мешавад.

**Моддаи 74. Шартҳои додани шаҳодатномаи ҳуқуқи моликият**

Барои додани шаҳодатномаи ҳуқуқи моликият ба молу мулк ҳуҷҷатҳое пешниҳод карда мешаванд, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидаанд.

**Моддаи 75. Додани шаҳодатномаи ҳуқуқи моликият аз рӯйи аризаи якҷояи зану шавҳар**

Нотариуси давлатӣ дар асоси аризаи якҷояи зану шавҳар ба яке аз онҳо ё ба ҳардуяшон шаҳодатномаи ҳуқуқи моликият барои аз ду як ҳиссаи молу мулки муштарак, ки моликияти якҷояи онҳо ҳисоб мешавад, медиҳад. Шаҳодатномаи ҳуқуқи моликият ба зану шавҳар мумкин аст ҳам дар давраи дар қайди никоҳ будан ва ҳам дар муддати се соли пас аз рӯзи бекор кардани ақди никоҳ дода шавад.

**Моддаи 76. Додани шаҳодатномаи ҳуқуқи моликият дар ҳолати вафоти яке аз ҳамсарон**

1. Дар ҳолати вафот кардани яке аз ҳамсарон, шаҳодатномаи ҳуқуқи моликиятро ба ҳиссаи молу мулки муштараки зану шавҳар нотариуси давлатии маҳалли кушодани мерос аз рӯйи аризаи ҳамсари дар ҳаётбуда бо огоҳкунии пешакии ворисони дигар медиҳад.

2. Ҳангоми додани шаҳодатномаи ҳуқуқи моликият ба ҳиссаи молу мулки муштараки зану шавҳар (агар дар аҳдномаи никоҳи байни онҳо тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад) ҳуҷҷати дахлдори тасдиқкунандаи ақди никоҳи аризадиҳанда бо меросгузор, инчунин ҳуҷҷати дахлдори ба зан ё шавҳари вафоткарда тааллуқ доштани молу мулки дахлдор пешниҳод карда мешавад.

### БОБИ 11. МАНЪИ АЗ СОҲИБӢ СОҚИТ КАРДАНИ МОЛУ МУЛКИ ҒАЙРИМАНҚУЛ

**Моддаи 77. Манъи аз соҳибӣ соқит кардани молу мулки ғайриманқул**

Манъи аз соҳибӣ соқит кардани молу мулки ғайриманқул дар асос ва бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

**Моддаи 78. Бекор кардани манъ**

Нотариуси давлатӣ огоҳиномаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро дар бораи пардохтани қарз ё маълумот оид ба қатъ гардидани шартномаи гарав, инчунин маълумот оид ба қатъ шудани шартномаи таъминоти якумрӣ бо саробониро гирифта, манъи аз соҳибӣ соқит кардани молу мулки ғайриманқулро бекор мекунад.

### БОБИ 12. ТАСДИҚ НАМУДАНИ НУСХАИ ҲУҶҶАТҲО ВА ИҚТИБОС АЗ ОНҲО, АСЛИЯТИ ИМЗО ВА ДУРУСТИИ ТАРҶУМА

**Моддаи 79. Тасдиқ кардани дурустии нусхаи ҳуҷҷатҳо ва иқтибоси аз онҳо гирифташуда**

1. Нотариуси давлатӣ ва шахсони ваколатдор дурустии нусхаи ҳуҷҷатҳо ва иқтибоси аз онҳо гирифташударо, ки аз тарафи шахсони ҳуқуқӣ дода шудаанд, ба шарте тасдиқ мекунад, ки ин ҳуҷҷатҳо ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф набошанд, аҳамияти ҳуқуқӣ дошта бошанд ва тасдиқ кардани нусха ва иқтибоси онҳоро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накарда бошад. Тасдиқ кардани дурустии нусхаи шиносномa, билети ҳарбӣ, шаҳодатномаи хизматӣ ё дигар ҳуҷҷате, ки узви ташкилоти ҷамъиятӣ ва ҳизби сиёсӣ буданро тасдиқ менамояд, манъ аст.

2. Нотариуси давлатӣ дурустии нусхаи ҳуҷҷатҳоеро, ки калимаҳои тозакардашуда,ислоҳкардашуда, навиштаҷоти иловагӣ, калимаҳои хатзадашуда, ҳуҷҷатҳоеро, ки матнаш бо сабаби фарсуда шудан хонда нашавад ва дигар ислоҳҳои бе шарҳу эзоҳ доранд, инчунин ҳуҷҷатҳои бо қалам навишташударо тасдиқ намекунад.

3. Нотариуси давлатӣ дурустии нусхаи ҳуҷҷатҳои бо забонҳои хориҷӣ тартибдодашударо танҳо дар ҳолати пешниҳоди тарҷумаи ба таври нотариалӣ тасдиқшуда, тасдиқ мекунад.

4. Дурустии нусхаи ҳуҷҷати аз тарафи шахс пешниҳодшуда, дар он маврид тасдиқ карда мешавад, ки аслияти имзои шахс дар он ба тариқи нотариалӣ тасдиқ карда шуда бошад.

5. Дурустии иқтибоси аз ҳуҷҷатҳо гирифташуда танҳо дар он ҳолат тасдиқ карда мешавад, ки агар ҳуҷҷати аз он иқтибос гирифташуда якчанд масъалаи ҷудогонаи байни ҳам алоқа надоштаро дар бар гирад, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигареро пешбинӣ накарда бошад. Иқтибос бояд матни пурраи қисми ҳуҷҷатро аз рӯйи масъалаи муайян дар бар гирад.

**Моддаи 80. Тасдиқ кардани дурустии нусха аз нусхаи ҳуҷҷат**

Дурустии нусхаи аз нусхаи ҳуҷҷат гирифташударо нотариуси давлатӣ ба шарте тасдиқ карда метавонад, ки дурустии нусха ба тариқи нотариалӣ тасдиқ шуда бошад ё нусхаи ҳуҷҷатро шахси ҳуқуқие додааст, ки асли ҳуҷҷатро худи ин шахси ҳуқуқӣ дода бошад. Дар ин маврид нусхаи ҳуҷҷат бояд дар бланкаи расмии ҳамин шахси ҳуқуқӣ тайёр гардида, бо мӯҳр тасдиқ ва дар он зикр шуда бошад, ки асли ҳуҷҷат дар ҳуҷҷатҳои коргузории шахси ҳуқуқӣ маҳфуз мебошад. Ҳамчунин он бояд бо имзои роҳбари шахси ҳуқуқӣ ва бо мӯҳри он тасдиқ карда шуда бошад.

**Моддаи 81. Тасдиқ кардани аслияти имзо**

1. Нотариуси давлатӣ аслияти имзоро дар ҳуҷҷате тасдиқ мекунад, ки мазмуни он ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф нест ва он мазмуни аҳдро ифода намекунад.

2. Дар аҳд танҳо аслияти имзои шахсе тасдиқ карда мешавад, ки онро шахси мазкур ба ҷойи шахси дигаре, ки бо сабаби нуқсони ҷисмонӣ, беморӣ, бесаводӣ ё сабабҳои дигар бо дасти худ имзо карда наметавонад, имзо карда бошад.

3. Нотариуси давлатӣ, ки аслияти имзоро тасдиқ менамояд, аслияти воқеиятҳои дар ҳуҷҷат баёншавандаро тасдиқ намекунад, фақат ҳаминро тасдиқ менамояд, ки имзоро шахси дахлдор гузоштааст.

**Моддаи 82. Тасдиқ кардани дурустии тарҷума аз як забон ба забони дигар**

1. Нотариуси давлатӣ дурустии тарҷумаи ҳуҷҷатро аз як забон ба забони дигар ба шарте тасдиқ мекунад, агар ӯ забони дахлдорро донад.

2. Агар нотариуси давлатӣ забони дахлдорро надонад, тарҷумаи ҳуҷҷатро тарҷумон анҷом дода метавонад, ки аслияти имзои ӯро нотариуси давлатӣ тасдиқ мекунад.

**Моддаи 83. Додани нусхаи дуюми (дубликати) ҳуҷҷатҳое, ки ба таври нотариалӣ тасдиқ карда шудаанд**

1. Дар сурати гум кардан ё фарсуда шудани (хонда нашудан ва ғайра) ҳуҷҷатҳои бо тартиби нотариалӣ тасдиқшудае, ки як нусхаи аслиашон дар идораҳои нотариалии давлатӣ ва ё бойгониҳои идораҳои нотариалии давлатӣ маҳфузанд, бо дархости (аризаи) шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ё намояндагони қонунии онҳо нусхаи дуюми (дубликати) ин ҳуҷҷатҳо аз тарафи Сарнотариуси давлатӣ ё муовини ӯ, нотариусони калони давлатӣ, дар идораҳои нотариалии давлатие, ки як нотариуси давлатӣ кор мекунад аз тарафи нотариуси давлатӣ ва дар бойгониҳои идораҳои нотариалии давлатӣ аз тарафи нотариуси калони давлатии бойгонидор дода мешаванд.

2. Нусхаи дуюми (дубликати) ваколатномаҳо дода намешавад.

3. Нусхаи дуюми (дубликати) васиятнома баъди вафоти васияткунанда ба ворисоне, ки ӯ дар васиятномааш муайян кардааст ва иҷрокунандаи васиятнома дар сурати пешниҳод кардани шаҳодатномаи вафот дода мешавад.

### БОБИ 13. ТАЪМИНИ ДАЛЕЛҲО

**Моддаи 84. Таъмини далелҳо**

1. Нотариуси давлатӣ бо хоҳиши шахсони манфиатдор далелҳоеро таъмин мекунад, ки дар мавриди оғоз намудани парванда дар мақомоти судӣ ё дигар мақомот зарур мешаванд, агар эҳтимолияти ғайриимкон ё душвор гардидани пешниҳоди онҳо вуҷуд дошта бошад.

2. Нотариуси давлатӣ дар он маврид далелҳоро таъмин намекунад, ки агар онҳо дар лаҳзаи муроҷиати шахсони манфиатдор дар баррасии суд, мақомоти тафтиш ё таҳқиқ қарор дошта бошанд.

**Моддаи 85. Амалҳо оид ба таъмин кардани далелҳо**

1. Нотариуси давлатӣ ҷиҳати таъмин кардани далелҳо дар ҳолатҳои зарурӣ шоҳидонро мепурсад, далелҳои хаттӣ ва шайъиро аз назар мегузаронад ва экспертизаи дахлдор таъин менамояд.

2. Ҳангоми иҷрои амалиёт оид ба таъмин кардани далелҳо нотариуси давлатӣ меъёрҳои қонунгузории мурофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба роҳбарӣ мегирад.

3. Нотариуси давлатӣ дар бораи вақт ва маҳалли таъмин намудани далелҳо ба тарафи дигар ва шахсони манфиатдор хабар медиҳад, вале ҳозир нашудани онҳо барои иҷро кардани амалиёт оид ба таъмин кардани далелҳо монеъ шуда наметавонад.

4. Таъмин кардани далелҳо бе огоҳ намудани яке аз тарафҳо ва шахсони манфиатдор танҳо дар ҳолатҳои таъхирнопазир ё дар мавридҳое амалӣ карда мешавад, ки агар муайян намудани иштироки минбаъдаи шахс вобаста ба ин ё он парванда ғайриимкон бошад.

### БОБИ 14. ТАСДИҚИ ВОҚЕИЯТ, СУПОРИДАНИ АРИЗАИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ ВА ҲУҚУҚӢ БА ДИГАР ШАХСОНИ ВОҚЕӢ ВА ҲУҚУҚӢ

**Моддаи 86. Тасдиқ кардани воқеияти дар ҳаёт будани шахс**

1. Нотариуси давлатӣ воқеияти дар ҳаёт будани шахсро тасдиқ мекунад.

2. Тасдиқ кардани воқеияти дар ҳаёт будани шахси ноболиғ бо хоҳиши намояндаи қонунии вай (падару модар, фарзандхондкардагон, васӣ ё парастор), инчунин муассиса ва дигар ташкилотҳое, ки таҳти парастории онҳо шахси ноболиғ қарор дорад, сурат мегирад.

3. Ҳангоми тасдиқи воқеияти мазкур нотариуси давлатӣ ба шахсони манфиатдор шаҳодатнома медиҳад.

**Моддаи 87. Тасдиқ кардани воқеияти дар ҷойи муайян будани шахс**

1. Нотариуси давлатӣ бо хоҳиши шахс воқеияти дар ҷойи муайян будани вайро тасдиқ мекунад.

2. Тасдиқ кардани воқеияти дар ҷойи муайян будани шахси ноболиғ бо хоҳиши падар ё модари вай ё шахсоне, ки онҳоро иваз мекунанд, васӣ ё парастор, инчунин муассиса ва дигар ташкилотҳое, ки таҳти парастории онҳо шахси ноболиғ қарор дорад, сурат мегирад.

3. Ҳангоми тасдиқи воқеияти мазкур нотариуси давлатӣ ба шахсони манфиатдор шаҳодатнома медиҳад.

**Моддаи 88. Тасдиқ кардани айнияти шахс бо шахсе, ки дар сурат акс ёфтааст**

1. Нотариуси давлатӣ айнияти шахсро бо шахсе, ки дар сурат акс ёфтааст, тасдиқ менамояд ва барои тасдиқи ин воқеият ба шахсони манфиатдор шаҳодатнома медиҳад.

2. Тасдиқ кардани айнияти шахси ноболиғ бо шахсе, ки дар сурат акс ёфтааст, бо хоҳиши падар ё модари вай, шахсоне, ки онҳоро иваз мекунанд, васӣ ё парастор, ҳамчунин муассиса ва дигар ташкилотҳое, ки таҳти парастории онҳо шахси ноболиғ қарор дорад, сурат мегирад.

**Моддаи 89. Тасдиқ намудани вақти пешниҳоди ҳуҷҷат**

Нотариуси давлатӣ вақти ба вай пешниҳод намудани ҳуҷҷатро тасдиқ менамояд. Дар ин бора дар ҳуҷҷат бо нишон додани насаб, ном ва номи падари шахси ҳуҷҷатро пешниҳодкарда қайд карда мешавад.

**Моддаи 90. Супоридани аризаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба дигар шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ**

1. Нотариуси давлатӣ аризаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро ба дигар шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ месупорад. Ариза шахсан бо гирифтани забонхат дода мешавад ё тавассути шӯъбаи алоқа бо огоҳиномаи мутақобила фиристонида мешавад.

2. Хароҷотро дар бораи фиристонидани ариза шахсони воқеӣ ё ҳуқуқие пардохт мекунанд, ки бо хоҳиши онҳо амалиёти нотариалии мазкур ба ҷо оварда шудааст.

3. Шаҳодатнома дар бораи супоридани ариза аз ҷониби нотариуси давлатӣ танҳо бо хоҳиши шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки барои ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ муроҷиат кардаанд, дода мешавад.

### БОБИ 15. БА АМОНАТ (ДЕПОЗИТ) ҚАБУЛ КАРДАНИ МАБЛАҒИ ПУЛӢ ВА (Ё) КОҒАЗҲОИ ҚИМАТНОК

**Моддаи 91. Ба амонат (депозит) қабул кардани маблағи пулӣ ва (ё) коғазҳои қиматнок**

1. Нотариуси давлатӣ дар мавридҳои пешбининамудаи қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз қарздор ба амонати (депозити) идораи нотариалии давлатӣ барои ба кредитор супоридани маблағи пулӣ ва (ё) коғазҳои қиматнокро қабул мекунад.

2. Нотариуси давлатӣ дар бораи ворид шудани маблағи пулӣ ва (ё) коғазҳои қиматнок кредиторро огоҳ мекунад ва бо талаби вай маблағи пулӣ ва (ё) коғазҳои қиматнокро ба ӯ медиҳад.

3. Маблағи пулӣ ва (ё) коғазҳои қиматнокро ба амонат (депозит) нотариуси давлатии идораи нотариалии давлатии маҳалли иҷрои ӯҳдадорӣ ва (ё) кушодани мерос қабул мекунад.

**Моддаи 92. Баргардонидани маблағи пулӣ ва (ё) коғазҳои қиматнок**

Баргардонидани маблағи пулӣ ва (ё) коғазҳои қиматнок ба шахсе, ки маблағи пулӣ ва (ё) коғазҳои қиматнокро ба амонат (депозит) супурдааст, танҳо бо розигии хаттии он шахсе (кредиторе), ки ба фоидаи вай маблағи пулӣ ва (ё) коғазҳои қиматнок супорида шудааст ва ё бо санади судӣ мумкин аст.

### БОБИ 16. БА ҶО ОВАРДАНИ НАВИШТАҶОТИ ИҶРОИЯ

**Моддаи 93. Ба ҷо овардани навиштаҷоти иҷроия**

1. Нотариуси давлатӣ барои аз қарздор рӯёнидани маблағ ва (ё) талаб карда гирифтани молу мулк аз рӯйи ӯҳдадориҳои бебаҳс дар ҳуҷҷатҳое, ки қарздориро муқаррар менамоянд, навиштаҷоти иҷроия ба ҷо меоварад.

2. Номгӯйи ҳуҷҷатҳоеро, ки аз рӯйи онҳо қарз ба таври бебаҳс дар асоси навиштаҷоти иҷроия рӯёнида мешавад, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунад.

**Моддаи 94. Шартҳои ба ҷо овардани навиштаҷоти иҷроия**

1. Навиштаҷоти иҷроия бо шартҳои зерин ба ҷо оварда мешавад:

- агар ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда бебаҳс будани қарз ё дигар масъулияти қарздорро дар назди кредитор тасдиқ намоянд;
- агар аз рӯзи ба вуҷуд омадани ҳуқуқи даъво се сол нагузашта бошад.

2. Агар барои талаботе, ки аз рӯйи он навиштаҷоти иҷроия ба ҷо оварда мешавад, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳлати дигари даъворо муқаррар карда бошад, навиштаҷоти иҷроия дар доираи ин мӯҳлат ба ҷо оварда мешавад.

**Моддаи 95. Мазмуни навиштаҷоти иҷроия**

Навиштаҷоти иҷроия бояд инҳоро дар бар гирад:

- насаб, ном ва номи падари нотариуси давлатие, ки навиштаҷоти иҷроияро ба ҷо меорад;
- насаб, ном, номи падар ва суроғаи кредитор (барои шахси воқеӣ);
- номи пурра, суроға ва суратҳисоби кредитор (барои шахси ҳуқуқӣ);
- насаб, ном, номи падар ва суроғаи қарздор (барои шахси воқеӣ);
- номи пурра, суроға ва суратҳисоби қарздор (барои шахси ҳуқуқӣ);
- нишон додани мӯҳлате, ки дар давоми он қарз рӯёнида мешавад;
- нишон додани маблағе, ки бояд рӯёнида шавад ё ашёҳое, ки бояд талаб карда гирифта шаванд, аз он ҷумла ҷарима, фоизи фоида, агар онҳо ситонида шаванд;
- нишон додани андозаи маблағи боҷи давлатӣ, ки кредитор супоридааст ё бояд аз қарздор рӯёнида шавад;
- санаи (рӯз, моҳ, соли) ба ҷо оварда шудани навиштаҷоти иҷроия;
- рақаме, ки таҳти он навиштаҷоти иҷроия дар феҳрист қайд гардидааст;
- имзо ва мӯҳри нотариуси давлатие, ки навиштаҷоти иҷроияро ба ҷо овардааст.

**Моддаи 96. Тартиби ситониш аз рӯйи навиштаҷоти иҷроия**

Ситониш аз рӯйи навиштаҷоти иҷроия бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 97. Мӯҳлати пешниҳод кардани навиштаҷоти иҷроия**

1. Навиштаҷоти иҷроия мумкин аст, барои иҷрои маҷбурӣ дар мӯҳлати се сол аз рӯзи дода шудани он пешниҳод карда шавад, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳлати дигарро пешбинӣ накарда бошад.

2. Барқарор намудани мӯҳлати гузаронидашуда барои пешниҳод кардани навиштаҷоти иҷроия бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

### БОБИ 17. БА ҶО ОВАРДАНИ ДИГАР АМАЛИЁТИ НОТАРИАЛӢ

**Моддаи 98. Ариза дар бораи эътирози баҳрӣ**

1. Нотариуси давлатӣ бо мақсади таъмини далелҳо барои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии соҳиби киштӣ аризаи хаттии капитани киштиро дар бораи ҳодисае, ки дар давраи шино кардан ё истодани киштӣ рух додааст, қабул мекунад, ки он барои ба соҳиби киштӣ пешниҳод кардани талаботи молумулкӣ асос шуда метавонад.

2. Ариза дар бораи эътирози баҳрӣ бояд дар бандари Ҷумҳурии Тоҷикистон ба идораи нотариалии давлатӣ ё консулгариҳо дар муддати 36 соат супурда шавад. Агар имконияти аризаро дар мӯҳлати муқарраргардида супоридан набошад, сабабҳои он дар ариза дар бораи эътирози баҳрӣ қайд карда мешавад.

3. Барои тасдиқи ҳолатҳое, ки дар ариза дар бораи эътирози баҳрӣ баён карда шудаанд, ба нотариуси давлатӣ дар давоми мӯҳлати нишондодашуда, бояд барои аз назар гузаронидан дафтари киштӣ ва иқтибос аз дафтари киштӣ, ки аз тарафи капитани киштӣ тасдиқ карда шудааст, пешниҳод карда шавад.

**Моддаи 99. Тартиб додани санад дар бораи эътирози баҳрӣ**

Нотариуси давлатӣ дар асоси аризаи капитани киштӣ, маълумоти дафтари киштӣ, инчунин пурсиши худи капитан ва ба қадри имкон камаш ду шоҳид аз ҷумлаи шахсони ҳайати фармондеҳии киштӣ ва ду шоҳид аз ҳайати дастаи (командаи) киштӣ дар бораи эътирози баҳрӣ санад тартиб медиҳад. Нусхаи санад ба капитан ё шахси ваколатдор дода мешавад.

**Моддаи 100. Эътироз оид ба векселҳо**

Нотариуси давлатӣ ба векселҳо дар хусуси дода нашудани маблағ, аксепт нашудан, нишон дода нашудани санаи аксепт мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба вексели интиқолӣ ва векселии оддӣ эътироз тартиб медиҳад.

**Моддаи 101. Пешниҳод намудани чекҳо барои пардохт ва тасдиқи напардохтани чекҳо**

1. Нотариуси давлатӣ чекҳои барои пардохт пешниҳодшударо, ки нигоҳдорандаи чек бо сабаби ба охир расидани мӯҳлати муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудааст, қабул менамояд.

2. Чек барои пардохт ба бонки ҷойи сукунати пардохткунандаи чек пешниҳод карда мешавад.

3. Дар сурати пардохт накардани чек нотариуси давлатӣ далели мазкурро бо роҳи дар чек ба ҷо овардани навиштаҷоти тасдиқкунандаи дахлдор тасдиқ менамояд.

4. Бо хоҳиши нигоҳдорандаи чек нотариуси давлатӣ дар сурати пардохт нашудани чек навиштаҷоти иҷроияро ба ҷо меорад.

**Моддаи 102. Қабул кардани ҳуҷҷатҳо барои маҳфуз доштан ва баргардонидани онҳо**

1. Нотариуси давлатӣ ҳуҷҷатҳоро аз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои маҳфуз доштан мувофиқи рӯйхат қабул мекунад ва дар ин бора ба шахсе, ки ҳуҷҷатҳоро барои маҳфуз доштан супоридааст, шаҳодатнома ва нусхаи рӯйхатро медиҳад.

2. Ҳуҷҷатҳое, ки барои маҳфуз доштан қабул карда шудаанд, ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки онҳоро барои маҳфуз доштан супоридаанд ё ба шахси ваколатдор бо пешниҳод кардани шаҳодатнома ва нусхаи рӯйхати ҳуҷҷатҳо ё бо санади суд баргардонида мешаванд.

(Идома дар саҳ. 5)

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## Дар бораи нотариати давлатӣ

(Идома аз саҳ. 2, 3, 4)

### ФАСЛИ III.
### ТАТБИҚИ МЕЪЁРҲОИ ҲУҚУҚИИ ДИГАР ДАВЛАТҲО ВА САНАДҲОИ ҲУҚУҚИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

### БОБИ 18.
### ТАРТИБИ ТАТБИҚИ МЕЪЁРҲОИ ҲУҚУҚИИ ДИГАР ДАВЛАТҲО ВА САНАДҲОИ ҲУҚУҚИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

**Моддаи 103. Амалиёти нотариалӣ барои шаҳрвандони хориҷӣ, шахсони бешаҳрванд ва шахсони ҳуқуқии хориҷӣ**

Шаҳрвандони хориҷӣ, шахсони бешаҳрванд ва шахсони ҳуқуқии хориҷӣ ҳуқуқ доранд дар баробари шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба идораҳои нотариалии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ба дигар мақомоте, ки амалиёти нотариалиро ба ҷо меоваранд, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намоянд.

**Моддаи 104. Татбиқ кардани меъёрҳои ҳуқуқи хориҷӣ**

1. Нотариуси давлатӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон меъёрҳои ҳуқуқии хориҷиро татбиқ менамояд.

2. Нотариуси давлатӣ ҳуҷҷатҳоеро, ки мувофиқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ тартиб дода шудаанд, қабул мекунад, инчунин дар шакли пешбиникардаи қонунгузории дигар давлатҳо навиштаҷоти тасдиққунандаро ба ҷо меоварад, агар ин ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон мухолифат накунад.

**Моддаи 105. Ҳифзи молу мулки меросӣ ва додани шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос**

Амалиёте, ки ба муҳофизати молу мулки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъбудаи баъди вафоти шаҳрванди хориҷӣ боқимонда алоқаманд аст ё ҳифзи молу мулке, ки баъди вафоти шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳрванди хориҷӣ ба он ҳуқуқ дорад, инчунин амалиёте, ки ба додани шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос вобаста ба ин молу мулк аст, мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон анҷом дода мешаванд.

**Моддаи 106. Аз тарафи нотариуси давлатӣ қабул кардани ҳуҷҷатҳое, ки дар давлати хориҷа тартиб дода шудаанд**

1. Ҳуҷҷатҳоеро, ки дар давлати хориҷа бо иштироки шахсони мансабдори хориҷӣ, мақомоти салоҳиятдори дигар давлатҳо тартиб дода шудаанд ё аз тарафи онҳо ирсол гардидаанд, нотариуси давлатӣ мутобиқи меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ қабул мекунад.

2. Ҳуҷҷатҳоро нотариуси давлатӣ дар он мавридҳое қабул менамояд, ки тартиби қабули онҳо дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон пешбинӣ шуда бошад.

**Моддаи 107. Муносибатҳои тарафайни нотариуси давлатӣ бо мақомоти адлияи дигар давлатҳо**

1. Супоришҳои мақомоти адлияи дигар давлатҳо дар бораи расонидани ёрии ҳуқуқӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон иҷро карда мешаванд.

2. Нотариуси давлатӣ супоришҳои мақомоти адлияи дигар давлатҳоро дар бораи расонидани ёрии ҳуқуқӣ, ки ба ӯ бо тартиби муқарраркардашуда супурда шудаанд, иҷро мекунад, ба истисноии мавридҳое, ки агар:

- иҷро кардани супориш ба соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат ё ба амнияти он таҳдид кунад;
- иҷро кардани супориш ба салоҳияти нотариуси давлатӣ мансуб набошад;
- иҷро кардани супориш хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад.

3. Нотариуси давлатӣ ҳуқуқ дорад ба мақомоти адлияи дигар давлатҳо бо супоришҳо дар бораи расонидани ёрии ҳуқуқӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон муроҷиат намояд.

**Моддаи 108. Таъмин кардани далелҳое, ки барои пешбурди парвандаҳо дар мақомоти дахлдори дигар давлатҳо заруранд**

1. Нотариусҳои давлатӣ далелҳоеро таъмин менамоянд, ки барои пешбурди парвандаҳо дар мақомоти дахлдори дигар давлатҳо заруранд.

2. Амалиёт оид ба таъмини далелҳо бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешаванд.

**Моддаи 109. Татбиқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ**

1. Дар мавриди ба ҷо овардани амалиёти нотариалӣ нотариусони давлатӣ меъёрҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалиеро, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, татбиқ менамоянд.

2. Агар дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон дар бораи фаъолияти нотариалӣ нисбат ба тартиби муқарраркардаи санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигар пешбинӣ шуда бошад, меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон татбиқ карда мешаванд.

### БОБИ 19.
### МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

**Моддаи 110. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки талаботи Қонуни мазкурро риоя намекунанд, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 111. Дар бораи аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нотариати давлатӣ»**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 майи соли 1997 «Дар бораи нотариати давлатӣ» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1997, №9, мод. 106; №23-24, мод. 333, Фасли XXXIV; с. 2003, №12, мод. 684; с. 2010, №7, мод. 541) аз эътибор соқит дониста шавад.

**Моддаи 112. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 16 апрели соли 2012 №810**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ

### Қарори
### Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 19 январи соли 2012 №659**

### Қарори
### Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон** **М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 29 марти соли 2012 № 296**

Қонуни мазкур асосҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, шартҳои ташаккулёбӣ ва татбиқи сиёсати давлатии инноватсиониро муайян ва муносибатҳои ҷамъиятиро дар ин соҳа танзим менамояд.

### БОБИ 1.
### МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

**Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- **фаъолияти инноватсионӣ** – фаъолияте, ки ба таҳия ва ҷорӣ намудани инноватсия (натиҷаи нав ё такмилдодашудаи таҳқиқоти илмӣ, корҳои таҷрибавию конструкторӣ ё дигар дастовардҳои илмию техникӣ) алоқаманд буда, барои расонидани он то бозор дар шакли нав ё такмилдодашудаи маҳсулот, хизматрасонӣ, усули истеҳсолот ё дигар натиҷаи самараноки ҷамъиятӣ равона карда шудааст;
- **инноватсия** – навоварӣ дар соҳаи техника, технология, кор, хизматрасонӣ ё идоракунӣ буда, ба истифодаи комёбиҳои илм ва технологияи пешқадаме асос ёфтааст, ки самаранокии баланди истеҳсолӣ ва ҷамъиятӣ дорад;
- **маҳсулоти инноватсионӣ** – натиҷаи фаъолияти инноватсионӣ, ки дар шакли нави маҳсулот, кор ва хизматрасониҳо, усули истеҳсолот ё натиҷаи дигари барои ҷамъият самаранокиаш баланд ё натиҷаи интиқоли маҳсулоту хизматрасониҳои мавҷуда, усулҳои истеҳсолот ва натиҷаҳои дигари фоиданоки ҷамъиятӣ ифода меёбад;
- **лоиҳаи инноватсионӣ** – натиҷаи нерӯи зеҳнии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба истифодаи ғояҳои нав мусоидат намуда, бо мақсади рушди илм ва ҷорӣ намудани технологияҳои муосир таҳия мегардад;
- **иқтидори инноватсионӣ** – маҷмӯи шаклҳои гуногуни захираҳои зеҳнӣ, молиявӣ, истеҳсолию технологӣ, ҳуқуқӣ ва ғайра, ки барои татбиқи фаъолияти инноватсионӣ заруранд;
- **сиёсати давлатии инноватсионӣ** – фаъолияти мақомоти давлатӣ, ки ба рушд, танзими давлатии фаъолияти инноватсионӣ, таҳияи механизм ва татбиқи он равона карда шудааст;
- **стратегияи рушди инноватсионӣ** – маҷмӯи тадбирҳои идоракунии давлат, ки асоси онро афзалиятҳои дарозмӯҳлат, мақсад ва вазифаҳои сиёсати инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд;
- **барномаи мақсадноки инноватсионӣ** - маҷмӯи чорабиниҳои истеҳсолӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ, хоҷагидорӣ, таҳқиқотӣ, илмӣ, таҷрибавию конструкторӣ ва ғайра, ки барои татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ дар мувофиқа бо захираҳо, иҷрокунандаҳо ва мӯҳлатҳои амалигардонии онҳо, ки ҳадафашон иҷрои самараноки масъалаҳои азхудкунӣ ва ҷорӣ намудани натиҷаҳои инноватсионӣ мебошад, равона шудаанд;
- **ташкилотҳои инфрасохтори инноватсионӣ** – технопаркҳо, технополисҳо, инкубаторҳои технологӣ, бизнес-инкубаторҳо, фондҳои венчурӣ, фондҳои инноватсионӣ ва дигар ташкилотҳо, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун инфрасохтори инноватсионӣ эътироф гардидаанд;
- **фонди инноватсионӣ** – шахси ҳуқуқие, ки фаъолияти он ба мусоидат намудан ба рушди фаъолияти инноватсионӣ тавассути маблағгузории лоиҳаҳои инноватсионӣ ва инфрасохторӣ, инчунин дигар хизматрасониҳо дар соҳаи инноватсия мебошад;
- **фонди венчурӣ** – шахси ҳуқуқие, ки фаъолияти он ба андӯхтани воситаҳои молиявӣ барои сармоягузории лоиҳаҳои инноватсионии таваккали баланддошта ва технологияи аълосифати аз ҷиҳати иқтисодӣ самаранок равона гардидааст.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.

### БОБИ 2.
### СУБЪЕКТ, ОБЪЕКТ ВА НАМУДҲОИ ФАЪОЛИЯТИ ИННОВАТСИОНӢ

**Моддаи 3. Субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ**

Ба субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ дохил мешаванд:

- шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки фаъолияти инноватсиониро амалӣ менамоянд;
- соҳибмулкони объектҳои моликияти зеҳние, ки дар татбиқи фаъолияти инноватсионӣ иштирок менамоянд;
- сармоягузороне, ки фаъолияти инноватсиониро сармоягузорӣ менамоянд;
- ташкилотҳои инфрасохтори инноватсионӣ;
- мақомоти давлатӣ, ки дар ҳамоҳангсозӣ ва танзими фаъолияти инноватсионӣ иштирок мекунанд.

**Моддаи 4. Объектҳои фаъолияти инноватсионӣ**

Ба объектҳои фаъолияти инноватсионӣ дохил мешаванд:

- маҳсулоти инноватсионӣ;
- дастовардҳои фаъолияти зеҳнӣ, ки дорои иттилооти нав ва самарабахши техникӣ мебошанд;
- объектҳои ҳуқуқи истисноие, ки бо офаридани маҳсулоти инноватсионӣ алоқаманд мебошанд;
- лоиҳаҳои инноватсионӣ ва сармоягузорӣ, барномаҳо, кору хизматрасонӣ, ки бо офаридан, истифода ва паҳн намудани маҳсулоти инноватсионӣ алоқаманд мебошанд;
- дороиҳои молиявӣ ва коғазҳои қиматноки ташкилотҳои инноватсионӣ.

**Моддаи 5. Намудҳои фаъолияти инноватсионӣ**

Ба фаъолияти инноватсионӣ дохил мешаванд:

- ҷорӣ намудани ғояҳо ва дастовардҳои нави илмӣ дар сохтори идоракунии давлатӣ;
- иҷро ва хизматрасонии корҳои илмию таҳқиқотӣ, лоиҳавӣ, кашшофӣ, таҷрибавию конструкторӣ ва технологӣ, ки барои ба даст овардани маҳсулоти нав ё такмилдодашуда, усули нав ё такмилдодашудаи кору хизматрасониҳо, ҷараёни технологии нав ё такмилдодашудае, ки дар гардиши иқтисодӣ татбиқ мегарданд, равона шудаанд;
- ташкили бозори фурӯши маҳсулот (кору хизматрасониҳо)-и инноватсионӣ;
- азнавҷиҳозонии технологӣ ва омодасозии истеҳсолот;
- гузаронидани озмоишҳо бо мақсади сертификатсиякунонӣ ва стандартонии ҷараёнҳои нави технологӣ, маҳсулот (кору хизматрасониҳо);
- истеҳсоли маҳсулот (кору хизматрасониҳо)-и нав ё такмилдодашуда ва ё мавриди истифода қарор додани технологияи нав ё такмилдодашуда дар марҳилаи ибтидоӣ то анҷоми мӯҳлати меъёрии талофияти лоиҳаи инноватсионӣ;
- ташкил ва рушди инфрасохтори инноватсионӣ;
- тарғиби натиҷаҳои фаъолияти инноватсионӣ ва паҳн намудани инноватсия;
- ҳифз кардан, вогузоштан ва ба даст овардани ҳуқуқ ба объектҳои моликияти зеҳнӣ (аз ҷумла ба дастовардҳои илмӣ, илмии техникӣ ва технологие, ки пурра ошкор нагардидаанд) бо мақсади азхудкунӣ ва татбиқи онҳо;
- дигар намудҳои фаъолият, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст.

**Моддаи 6. Муносибатҳои шартномавӣ байни субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ**

1. Фаъолияти инноватсионӣ бо мақсади азхудкунии истеҳсолӣ, таҳвили дастовардҳо ва натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва ё илмию техникӣ дар асоси шартномаҳои зерин амалӣ карда мешавад:

- оид ба иҷрои корҳои лоиҳавӣ, кашшофӣ, техникӣ, илмию таҳқиқотӣ, таҷрибавию конструкторӣ ва технологӣ, ки барои татбиқи лоиҳаи инноватсионӣ зарур мебошанд;
- оид ба хизматрасонӣ барои амалӣ намудани фаъолияти инноватсионӣ ва суғуртаи таваккалҳои инноватсионӣ ҳангоми татбиқи лоиҳаҳо;
- бо сармоягузороне, ки тартиб ва шаклҳои маблағгузории лоиҳаҳои инноватсионӣ, ҳисоб ва қабули натиҷаҳои татбиқи лоиҳаҳоро муайян мекунанд;
- дигар шартномаҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст.

2. Иҷрокунанда тибқи шартномаи инноватсионӣ ӯҳдадор мешавад, ки истифодаи маҳсулот (кор ва хизматрасониҳо)-и навро омода ва таъмин намояд. Фармоишгар ӯҳдадор мешавад, ки ба иҷрокунанда ҳуҷҷатҳо ва иттилооти дахлдорро пешниҳод намуда, натиҷаи фаъолияти инноватсиониро қабул ва маблағи маҳсулотро пардохт кунад.

3. Бастани шартномаҳо, интихоби шарикон барои иштирок дар фаъолияти инноватсионӣ, муайян намудани ӯҳдадориҳо, шартҳои дигари муносибатҳои тарафайн, ки хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нестанд, ҳуқуқи истисноии субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ маҳсуб меёбад.

4. Натиҷаҳои фаъолияти инноватсионӣ моликияти ҳиссавии субъектҳои фаъолияти инноватсионие мебошанд, ки дар татбиқи он бевосита иштирок намудаанд, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

### БОБИ 3.
### СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ИННОВАТСИОНӢ

**Моддаи 7. Асосҳои сиёсати давлатии инноватсионӣ**

1. Асосҳои сиёсати давлатии инноватсиониро ташкил медиҳанд:

- стратегияи рушди инноватсионӣ;
- барномаҳои мақсадноки инноватсионӣ, ки мутобиқи стратегияи рушди инноватсионӣ таҳия шуда, аз вазифаҳо барои давраи муайян, нишондодҳои назоратшаванда, номгӯйи чорабиниҳои алоҳида ва чораҳои дастгирии давлатие иборат мебошанд, ки аз ҷониби мақомоти давлатӣ ба субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ пешниҳод мегарданд;
- иттилоот оид ба натиҷаи фаъолияти инноватсионӣ, ки барои ҳар як барномаи алоҳида асоси низоми мониторинги татбиқи сиёсати инноватсионӣ ба ҳисоб меравад.

2. Сиёсати давлатии инноватсионӣ инҳоро дар бар мегирад:

- принсипҳои асосии ташаккулёбии стратегияи рушди инноватсионӣ;
- усулҳои татбиқ, механизм ва манбаъҳои маблағгузории стратегияи рушди инноватсионӣ;
- самтҳои афзалиятноки фаъолияти инноватсионӣ;
- намудҳои афзалиятноки маҳсулоти инноватсионӣ.

**Моддаи 8. Стратегияи рушди инноватсионӣ**

1. Стратегияи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби мақоми ваколатдор дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ (минбаъд - мақоми ваколатдор) дар асоси барномаҳои дарозмӯҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

2. Баъди анҷоми мӯҳлати татбиқи стратегияи рушди инноватсионӣ мақоми ваколатдор оид ба татбиқи он бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи ҷамъбастӣ пешниҳод менамояд.

**Моддаи 9. Барномаҳои мақсадноки инноватсионӣ**

1. Бо мақсади рушди фаъолияти инноватсионӣ дар асоси стратегияи рушди инноватсионӣ барномаҳои мақсадноки инноватсионӣ таҳия карда мешаванд.

2. Тартиби бақайдгирии давлатӣ, ташкилу гузаронидани ташхис ва озмуни лоиҳаҳои инноватсионӣ, ки бо мақсади ворид намудан ба барномаи мақсадноки инноватсионӣ пешниҳод мегарданд, аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

### БОБИ 4.
### МАҚСАД, ВАЗИФА ВА ПРИНСИПҲОИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ИННОВАТСИОНӢ

**Моддаи 10. Мақсад ва вазифаҳои сиёсати давлатии инноватсионӣ**

1. Мақсади асосии сиёсати давлатии инноватсионӣ баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ва таъмини рақобатпазирии истеҳсолкунандагони ватанӣ дар асоси таҳия ва паҳн кардани дастовардҳои заминавиест, ки инноватсияро беҳтар гардонида, рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ ва ноилшавӣ ба ҳадафҳои миллии стратегиро таъмин менамоянд.

2. Вазифаҳои асосии сиёсати давлатии инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳоянд :

- фароҳам овардани шароити мусоиди иҷтимоию иқтисодӣ, ташкилӣ ва ҳуқуқӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот, бо истифода аз иқтидорҳои инноватсионӣ, технологияҳои аз ҷиҳати энергетикӣ каммасраф ва аз ҷиҳати экологӣ тозае, ки барои истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир мусоидат мекунанд;
- ташаккули заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, ки рушди фаъолияти инноватсионӣ ва ҳимояи манфиатҳои субъектҳои фаъолияти инноватсиониро таъмин менамояд;
- дастгирии давлатии субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ ва ташаккули инфрасохтори инноватсионӣ;
- ҷалби субъектҳои соҳибкории хурд ва миёна ба фаъолияти инноватсионӣ;
- таъмини ҳамкории илм ва истеҳсолот;
- мусоидат ба ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ, ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва моликияти зеҳнӣ;
- ҷалби сармояи бонкҳо, дигар сохторҳои молиявӣ ва маблағгузориҳои шахсӣ барои таъсис ва дар амал ҷорӣ намудани инноватсия;
- мусоидат ба ташаккули низоми тайёр кардани мутахассисон, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси онҳо дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ.

**Моддаи 11. Принсипҳои сиёсати давлатии инноватсионӣ**

Сиёсати давлатии инноватсионӣ ба принсипҳои зерин асос меёбад:

- таъсис, нигоҳдорӣ, рушд ва истифодаи самараноки иқтидори инноватсионӣ;
- эътирофи афзалиятнокии фаъолияти инноватсионӣ;
- танзими давлатии фаъолияти инноватсионӣ дар ҳамбастагӣ бо фаъолияти самараноки механизми рақобатпазир дар соҳаи инноватсия;
- шаффоф ва ошкор будани интихоби самтҳои афзалиятноки фаъолияти инноватсионӣ, механизмҳои ташаккул ва татбиқи барномаҳо ва лоиҳаҳои инноватсионие, ки ба манфиати давлат амалӣ карда мешаванд;
- ҳамгиройии фаъолияти инноватсионӣ, сармоягузорӣ, илмӣ, илмию техникӣ ва илмию таълимӣ;
- мутамарказонии захираҳо бо мақсади рушди фаъолияти инноватсионӣ;
- махфияти натиҷаҳои инноватсионие, ки аз рӯйи моҳияти худ сирри давлатӣ мебошанд;
- ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ ва моликияти зеҳнӣ.

### БОБИ 5.
### ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ ФАЪОЛИЯТИ ИННОВАТСИОНӢ

**Моддаи 12. Шаклҳои танзими давлатии фаъолияти инноватсионӣ**

1. Мақомоти давлатӣ шаклҳои зерини танзими фаъолияти инноватсиониро истифода менамоянд:

- муайян намудани афзалиятҳои рушди инноватсия;
- таҳия, татбиқ ва маблағгузории барномаҳои мақсадноки инноватсионӣ ва дигар барномаҳо, аз ҷумла дар самти ҳавасмандгардонии рушди фаъолият ва инфрасохтори инноватсионӣ;
- пешбинии маблағҳои буҷетӣ барои маблағгузории лоиҳаҳои инноватсионӣ, корҳои илмию таҳқиқотӣ, таҷрибавию конструкторӣ ва технологӣ доир ба самарабахшии натиҷаҳои фаъолияти инноватсионӣ, ҷойгиронии фармоишҳо ба таҳвили мол, иҷрои корҳо, хизматрасониҳо барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва маҳаллӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ҷойгир намудани фармоиши давлатӣ барои хариди маҳсулоти дар натиҷаи фаъолияти инноватсионӣ истеҳсолшуда дар доираи барномаҳое, ки мутобиқи сиёсати давлатии инноватсионӣ тасдиқ шудаанд;
- таъсиси фондҳои инноватсионӣ ва венчурӣ, сармоягузории таъсис ва рушди дигар субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ, саҳмгузорӣ, аз ҷумла ҷалби сармояи хориҷӣ бо мақсади таъсиси субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ, ки барои рушди равандҳои инноватсионӣ муҳиманд;
- андешидани чораҳои зарурӣ оид ба тарғиби фаъолияти илмию техникӣ дар воситаҳои ахбори омма ва баланд бардоштани сатҳи ҷалби сармоя ба фаъолияти инноватсионӣ.

2. Танзими давлатии фаъолияти инноватсионӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ метавонад мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифодаи дигар шаклҳо амалӣ гардад.

**Моддаи 13. Дастгирии давлатии фаъолияти инноватсионӣ**

1. Дастгирии давлатии фаъолияти инноватсионӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ дар шаклҳои зерин амалӣ мегардад:

- маблағгузории корҳои илмию таҳқиқотӣ, таҷрибавию конструкторӣ ва технологӣ барои ба вуҷуд овардани маҳсулоти нав ё такмилдодашуда, технологияи нав ё такмилдодашуда, ки барои истифодабарии амалӣ таъин шудаанд;
- ба субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ барои ихтиёрдорӣ ё истифодабарӣ пешниҳод намудани молу мулки давлатӣ, натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ ва воситаҳои фардикунонидашудаи ба онҳо баробар;
- муқаррар намудани имтиёзҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- мусоидат ба рушди корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳое, ки ба фаъолияти инноватсионӣ машғуланд;
- дастгирии истеҳсолию технологии субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ;
- расонидани хизматҳои махсусгардонидашуда ва машваратӣ;
- маблағгузории корҳо оид ба тайёр намудан ва баланд бардоштани дараҷаи тахассусии мутахассисон дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ;
- фароҳам овардани шароити зарурии ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ, ки сармоягузориро барои татбиқи сиёсати давлатии инноватсионӣ таъмин менамояд;
- ташаккули инфрасохтори инноватсионии илм, истеҳсолот ва хизматрасонӣ;
- иштирок дар ташкили истеҳсолоти рақобатпазир;
- таъмини бозори кафолатноки фурӯши маҳсулоти инноватсионӣ дар асоси фармоиши давлатӣ;
- пешбарии инноватсияҳои ватанӣ ба бозори хориҷӣ;
- дигар шаклҳои дастгирии давлатии фаъолияти инноватсионӣ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст.

2. Дастгирии давлатии фаъолияти инноватсионӣ дар мӯҳлати талофияти лоиҳаи инноватсионӣ, вале на зиёда аз панҷ соли баъди татбиқи амалии он таъмин карда мешавад.

3. Дастгирии давлатии азхудкунӣ ва паҳнкунии маҳсулоти инноватсионӣ дар давраи муқарраршуда пешниҳод гардида, дар ин мӯҳлат он маҳсулоти инноватсионӣ ҳисобида мешавад.

**Моддаи 14. Талаботи асосӣ ба лоиҳаҳои инноватсионие, ки барои дастгирии давлатӣ пешниҳод мешаванд**

Лоиҳаҳои инноватсионии барои дастгирии давлатӣ пешниҳодшаванда бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд:

-дорои пешниҳодҳое бошанд, ки бо мақсади ягонаи таъсиси инноватсияҳо муттаҳид шудаанд;
- дорои асосноккунии техникӣ ва мақсаднокии иқтисодии татбиқи лоиҳаи инноватсионӣ бошанд;
- дар ҳолатҳое, ки дастгирии давлатӣ бо шарти баргардонидани маблағ ба буҷет амалӣ мешавад, тасдиқи баргардонидани маблағ пешниҳод карда шавад;
- дорои ҳуҷҷатҳое бошанд, ки мавҷудияти навоварӣ, мӯҳлати муайяни вақт, ки дар давоми он маҳсулот инноватсионӣ ҳисобида мешавад, инчунин ҳимояи ҳуқуқии лоиҳаи инноватсиониро таъмин карда тавонанд;
- дорои нақша ва ҷадвали татбиқи лоиҳаи инноватсионӣ бошанд;
- дорои хулосаи ташхисии мусбии мақоми ваколатдор бошанд, ки маводи пешниҳодгардидаи лоиҳаи инноватсиониро ҳамаҷониба арзёбӣ намояд.

**Моддаи 15. Тартиби пешниҳод ва асосҳо барои рад намудани лоиҳаҳои инноватсионие, ки барои дастгирии давлатӣ пешниҳод шудаанд**

1. Тартиби аз ҷониби субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ пешниҳод кардани лоиҳаҳои инноватсионӣ барои дастгирии давлатӣ аз ҷониби мақоми ваколатдор муқаррар карда мешавад.

2. Агар лоиҳаи иинноватсионии ба дастгирии давлатӣ пешниҳодшуда ба талаботи Қонуни мазкур ҷавобгӯ набошад, мақоми ваколатдор дар мӯҳлати як моҳ аз рӯзи муроҷиати субъекти фаъолияти инноватсионӣ ба он раддияи далелнок мефиристад.

3. Асосҳо барои рад намудани дастгирии давлатии фаъолияти инноватсионӣ инҳоянд:

- мувофиқат накардани лоиҳаи инноватсионии пешниҳодгардида ба талаботи моддаи 14 Қонуни мазкур;
- қарздор будани субъекти фаъолияти инноватсионӣ дар назди ташкилотҳои қарзӣ ва буҷет.

4. Аз рӯйи қарори мақоми ваколатдор оид ба рад намудани дастгирии давлатии лоиҳаи инноватсионӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба суд шикоят кардан мумкин аст.

**Моддаи 16. Манбаъҳои маблағгузории фаъолияти инноватсионӣ**

Фаъолияти инноватсионӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ, маблағҳои корхонаҳо, муассисаҳо, дигар ташкилотҳо, грантҳо ва дигар манбаъҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, маблағгузорӣ карда мешавад.

**Моддаи 17. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ салоҳияти зеринро дорад:

- самтҳои асосии сиёсати давлатии инноватсиониро муайян менамояд;
- стратегияи рушди инноватсиониро тасдиқ менамояд;
- мақоми ваколатдорро дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ муайян менамояд;
- татбиқи барномаҳои мақсадноки инноватсиониро назорат мекунад;
- барои ташкил ва рушди инфрасохтори инноватсионӣ чораҳои зарурӣ меандешад;
- чораҳои дастгирии давлатии фаъолияти иннноватсиониро муайян менамояд;
- дигар салоҳиятро дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд.

**Моддаи 18. Ваколатҳои мақоми ваколатдор дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ**

Мақоми ваколатдор дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ ваколатҳои зеринро дорад:

- стратегияи рушди инноватсионӣ ва барномаҳои мақсадноки инноватсиониро таҳия намуда, барои тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мекунад;
- ташхис ва озмуни лоиҳаҳои инноватсиониро мегузаронад;
- мониторинги фаъолияти субъектҳои фаъолияти инноватсиониро тибқи самтҳои мақсадноки фаъолияти онҳо, ки стратегияи рушди инноватсионӣ тасдиқ намудааст, амалӣ менамояд;
- ба субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ барои ихтиёрдорӣ ё истифодабарӣ молу мулки давлатӣ, дастовардҳои фаъолияти зеҳнӣ ва воситаҳои фардикунонидашудаи ба онҳо баробарро мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд;
- ваколатҳои дигарро дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд.

**Моддаи 19. Ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ**

Ба ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ дохил мешаванд:

- дар асоси стратегияи рушди инноватсионӣ ва барномаҳои мақсадноки инноватсионӣ таҳия намудани барномаҳои мақсадноки инноватсионии маҳал ва пешниҳод намудани онҳо ба баррасии Маҷлиси вакилони халқи дахлдор;
- ба субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ дар мувофиқа бо мақоми ваколатдор барои ихтиёрдорӣ ё истифодабарӣ пешниҳод намудани молу мулки давлатӣ, дастовардҳои фаъолияти зеҳнӣ ва воситаҳои фардикунонидашудаи ба онҳо баробар мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- амалӣ намудани ваколатҳои дигар дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

### БОБИ 6.
### МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

**Моддаи 20. Ҳамкории байналмилалии субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ**

Ҳамкории байналмилалии субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 21. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани муқаррароти Қонуни мазкур мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 22. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 16 апрели соли 2012 №822**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## Дар бораи занбӯриасалпарварӣ

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи занбӯриасалпарварӣ»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи занбӯриасалпарварӣ» қабул карда шавад.

2.Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оиди қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи занбӯрпарварӣ» аз 8 октябри соли 2003, №921 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2003, №9-10, моддаи 475; соли 2008, №10, моддаи 837) аз эътибор соқит дониста шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш. ЗУҲУРОВ**
**ш. Душанбе, 15 феврали соли 2012 №693**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи занбӯриасалпарварӣ»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи занбӯриасалпарварӣ» баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи занбӯриасалпарварӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш. Душанбе, 29 марти соли 2012 № 294**

Қонуни мазкур муносибатҳоро дар соҳаи истеҳсоли маҳсулоти занбӯриасалпарварӣ, ҳифз, истифода ва афзоиши оилаҳои занбӯри асал, самаранок истифода бурдани онҳо барои гардолуд кардани растаниҳои энтомофилӣ, фароҳам овардани шароит барои афзун гардонидани маҳсулоти занбӯри асал, инчунин зироаткорӣ, таъмини кафолатҳои риояи ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки ба занбӯриасалпарварӣ машғуланд, танзим менамояд.

#### БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

**Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- **занбӯриасалпарварӣ** – парвариш, ҳифз ва нигаҳдории занбӯри асал, ки истифодаи он барои гардолуд намудани растаниҳои энтомофилӣ ва баланд бардоштани ҳосилнокии онҳо, гирифтани маҳсулоти занбӯри асал равона шудааст;
- **занбӯрпарвар** – шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки ба занбӯриасалпарварӣ машғул мебошад;
- **оилаи занбӯри асал** – воҳиди томи биологӣ, ки аз занбӯрони корӣ, нарзанбӯрон ва модарзанбӯр иборат буда, дар як қуттии занбӯри асал ё лона сукунат доранд;
- **модарзанбӯр** - занбӯри модинае, ки оилаҳои занбӯри асалро афзун мегардонад;
- **селаи занбӯри асал** - оилаи нави занбӯри асал, ки аз оилаи асосии занбӯри асал пайдо шуда, аз он ҳангоми оилаҷудокунии табиӣ мустақилона берун шудааст;
- **гурӯҳи занбӯри асал** - маҷмӯи оилаҳои занбӯри асал дар доираи зоти занбӯри асал, ки дар ҳудуди муайян ташаккул ёфта, ирсияти умумӣ дорад;
- **қуттии занбӯри асал** – ҷиҳоз барои нигоҳдории оилаи занбӯри асал;
- **занбӯрҷой** – мавзеи муайяне, ки қуттиҳо бо оилаҳои занбӯри асал ва таҷҳизоти барои занбӯриасалпарварӣ зарур дар он ҷойгир карда шудаанд;
- **занбӯрҷойи доимӣ** - мавзее, ки дар давоми сол қуттиҳо бо оилаҳои занбӯри асал дар он доимӣ ҷойгир карда шудаанд;
- **занбӯрҷойи сайёр** – мавзее, ки қуттиҳо бо оилаҳои занбӯри асал тавассути кӯчонидан ба манбаъҳои ҷамъоварии асал гузошта мешаванд;
- **асал** – маҳсулоти табиие, ки онро занбӯри асал аз шираи растаниҳо ҷамъоварӣ менамояд;
- **мум** - маҳсулоте, ки онро занбӯри корӣ аз ғадудҳои мумҷудокуниаш хориҷ менамояд;
- **гарди гул** – маҳсулоте, ки занбӯри корӣ аз гули наботот ҷамъоварӣ менамояд;
- **шиpеш** – маҳсулоте, ки занбӯри корӣ аз шираи гулҳо ҷамъоварӣ менамояд;
- **шири занбӯр** – маҳсулоте, ки онро занбӯри корӣ аз ғадудҳои болоиаш истеҳсол менамояд;
- **заҳри занбӯр** – маҳсулоте, ки онро занбӯри корӣ аз нешаш ҷудо менамояд;
- **мумварақ** – варақчаҳои тунуки ба таври сунъӣ аз мум сохташуда, ки қолаби чашмакдори андозаҳояшон муайянро доранд;
- **шиносномаи байторию санитарии занбӯрҷой** - ҳуҷҷате, ки мавзеи муваққатӣ ё доимии занбӯрҷой, микдори оилаҳои занбӯри асал, зоти онҳо, мӯҳлат ва амалиётҳои байториро бо мақсади пешгирӣ, ташхис ва муолиҷаи касалиҳои онҳо дар бар мегирад;
- **растаниҳои энтомофилӣ**- растаниҳое, ки тавассути ҳашарот гардолуд мешаванд;
- **манбаи асалғундорӣ** – шира ва гарди гули растаниҳое, ки барои занбӯри асал ҳам манбаи ғизои табиӣ ва ҳам асалғундорӣ мебошанд;
- **хоҷагиҳои зотпарварӣ** – субъектҳои хоҷагидорие, ки аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ аттестатсия шуда, оилаҳои занбӯри асали зотӣ ва модарзанбӯрҳои бордоршудаи зоти муайянро парвариш менамоянд ва мефурӯшанд;
- **мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ**- мақоми давлатие, ки танзими давлатии соҳаи занбӯриасалпарвариро дар доираи ваколатҳояш амалӣ менамояд.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи занбӯриасалпарварӣ**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи занбӯриасалпарварӣ ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад.

#### БОБИ 2. ФАЪОЛИЯТ ДАР СОҲАИ ЗАНБӮРИАСАЛПАРВАРӢ

**Моддаи 3. Фаъолияти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ**

1. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ метавонанд фаъолияти соҳибкориро дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ амалӣ намоянд.

2. Шахсони воқеие, ки соҳибкори инфиродӣ намебошанд, ҳуқуқ доранд фаъолиятро дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ барои қонеъ гардонидани талаботи шахсиашон амалӣ намоянд.

3. Занбӯрпарварон мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи ташкил кардани иттиҳодияҳои занбӯриасалпарвариро доранд.

4. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ метавонанд маълумотро дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ аз мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ талаб карда гиранд.

**Моддаи 4. Шумораи оилаҳои занбӯри асал**

1. Шумораи оилаҳои занбӯри асали шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ маҳдуд намебошад, ба истиснои ҳолатҳое, ки дар қисмҳои 2 ва 3 моддаи мазкур пешбинӣ шудаанд.

2. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳуқуқ доранд ҷойгиронии шумораи оилаҳои занбӯри асали шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро дар доираи сарҳади минтақаҳои наздишаҳрию кабудизорҳо вобаста ба шароити нигаҳдории занбӯри асал мутобиқи меъёр ва қоидаҳои байторию санитарӣ муқаррар намоянд.

3. Ҷойгиронии шумораи оилаҳои занбӯри асал дар ҳудудҳои дахлдори ташкилотҳои ғайритиҷоратии боғдорию полезкории коллективӣ аз ҷониби маҷлиси умумии ин ташкилотҳо муайян карда мешавад.

**Моддаи 5. Бақайдгирӣ ва баҳисобгирии оилаҳои занбӯри асал**

Бақайдгирӣ ва баҳисобгирии оилаҳои занбӯри асал бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад.

**Моддаи 6. Ҷойгиронии қуттиҳо бо оилаҳои занбӯри асал**

1. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ қуттиҳо бо оилаҳои занбӯри асалро дар қитъаҳои замини мавриди истифодаашон бо риояи меъёр ва қоидаҳои зоотехникӣ ва байторию санитарии нигоҳдории занбӯри асал ҷойгир менамоянд.

2. Занбӯрпарвар қуттиҳо бо оилаҳои занбӯри асалро аз муассисаҳои таълимӣ, тандурустӣ, фароғатию фарҳангӣ дар масофае ҷойгир менамояд, ки ба одамон зарар нарасонанд. Тартиби ҷойгиронии бехатари қуттиҳо бо оилаҳои занбӯри асал бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мувофиқа карда мешавад.

3. Қуттиҳо бо оилаҳои занбӯри асал дар қитъаи замин дар масофаи на камтар аз панҷ метр аз сарҳади қитъаи замин ва дар баландии на камтар аз ду метр ҷойгир карда мешаванд ё аз қитъаи замини ҳамсоя бо бино, иморат, иншоот, девори яклухт ё буттазори зичи баландиашон на камтар аз ду метр ҷудо карда мешаванд.

**Моддаи 7. Ҷудо кардани қитъаҳои замин барои фаъолият дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ**

1. Қитъаҳои замин барои фаъолият дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҷудо карда мешаванд.

2. Истифодабарандагони қитъаҳои замине, ки барои ҷойгиронии қуттиҳо бо оилаҳои занбӯри асал бештар мувофиқ мебошанд, ҳуқуқ доранд ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии машғули занбӯриасалпарварӣ мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи гулкунии манбаъҳои асалғундорӣ, ҷойгиронии қуттиҳо бо оилаҳои занбӯри асалро, новобаста ба макони бақайдгирии оилаҳои занбӯри асал, иҷозат диҳанд.

3. Занбӯрҷойҳои сайёр дар назди манбаъҳои асалғундорӣ дар чунин масофае ҷойгир карда мешаванд, ки барои нигоҳдории пурмаҳсули оилаҳои занбӯри асал ва гардолуд шудани растаниҳои кишоварзии энтомофилӣ мусоидат намоянд.

4. Занбӯрҷойҳои сайёр бояд дар назди манбаъҳои асалғундорӣ дар масофаи на камтар аз якуним километр яке аз дигараш ва се километр аз занбӯрҷойи доимӣ воқеъ гардида бошанд.

5. Интихоб намудани занбӯрҷойҳои сайёр дар роҳи парвози занбӯри асал аз занбӯрҷойи дигари пештар ба манбаи асалғундорӣ ҷойгиршуда манъ мебошад.

6. Занбӯрпарварон ӯҳдадоранд, ки пас аз ҷойгиронии занбӯрҷойи сайёр ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба он маълумот диҳанд ва шиносномаи байторию санитарии занбӯрҷойро пешниҳод намоянд.

7. Дар занбӯрҷойҳо бояд танҳо зотҳои занбӯри асали ба ин ё он маҳал мутобиқгардида мувофиқи нақшаи ноҳиябандӣ, ки онро мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ тасдиқ намудааст, нигоҳ дошта шавад.

**Моддаи 8. Истифодаи оилаҳои занбӯри асал барои гардолуд намудани растаниҳои энтомофилӣ**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки фаъолияти парвариши растаниҳои энтомофилиро амалӣ менамоянд, бо мақсади баланд бардоштани ҳосилнокии онҳо метавонанд оилаҳои занбӯри асали дар моликияти шахсони дигар қарордоштаро бо пардохти ҳаққи хизмати ташкили гардолуд намудани растаниҳои энтомофилӣ дар асоси шартномаҳо тибқи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода баранд.

**Моддаи 9. Маҳсулоти соҳаи занбӯриасалпарварӣ**

1. Маҳсулоти соҳаи занбӯриасалпарварӣ тавассути хусусиятҳои ҷамъоварӣ ва физиологии занбӯри асал дастрас мешавад.

2. Маҳсулоти асосии соҳаи занбӯриасалпарварӣ аз асал иборат буда, ба маҳсулоти дуюмдараҷаи он мум, мумварақҳо, гарди гул, шиpеш, шири занбӯр ва заҳри занбӯр дохил мешаванд.

#### БОБИ 3. МАСЪАЛАҲОИ МОЛИКИЯТ ДАР СОҲАИ ЗАНБӮРИАСАЛПАРВАРӢ

**Моддаи 10. Объекти моликият дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ**

Объекти моликият дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ оилаи занбӯри асал, селаи занбӯри асал ва дигар таҷҳизоти барои амалӣ намудани фаъолият дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ зарурӣ мебошад.

**Моддаи 11. Ҳуқуқ барои баргардонидани селаи занбӯри асали паридарафта**

Шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки селаи занбӯри асалро аз даст додааст, барои баргардонидани он ҳуқуқ дорад. Дар ин маврид шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки селаи занбӯри асалро аз даст додааст, ҳуқуқ дорад онро ҷамъ намояд, агар селаи занбӯри асал дар ҳудуди бегона маскан гирифта ё дар қуттии холии бегона ҷойгир шуда бошад.

**Моддаи 12. Ҳуқуқи ҷуброни арзиши селаи занбӯри асали паридарафта**

1. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки селаи занбӯри асалро аз даст дода, онро бе танаффус ҷустуҷӯ намудаанд, барои ҷуброни арзиши селаи занбӯри асали паридарафта ҳуқуқ доранд, ба шарте ки селаи занбӯри асал ба қуттии занбӯри асале даромада бошад, ки дар моликияти шахси дигари воқеӣ ва ё ҳуқуқӣ қарор дорад.

2. Арзиши селаи занбӯри асали паридарафта тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷуброн карда мешавад.

**Моддаи 13. Селаи занбӯри асали бесоҳиб**

1. Селаи занбӯри асале, ки аз ҷониби шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ ҷустуҷӯ карда намешавад ё селаи занбӯри асали пайдоишаш номаълум бесоҳиб ҳисобида мешавад.

2. Ҳуқуқи моликият ба селаи занбӯри асали бесоҳиб тибқи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

#### БОБИ 4. ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ ЗАНБӮРИАСАЛПАРВАРӢ

**Моддаи 14. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ**

Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ инҳоянд:

- тасдиқи барномаҳои ҷумҳуриявии мақсадноки рушди занбӯриасалпарварӣ, барномаҳои дахлдори минтақавӣ;
- тасдиқи меъёрҳо ва қоидаҳо дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ;
- муайян намудани мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ;
- ҳавасмандгардонии иқтисодии соҳаи занбӯриасалпарварӣ;
- мусоидат барои ҳамкории байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ;
- ҳамоҳангсозии фаъолият доир ба тарбияи мутахассисон ва такмили ихтисоси онҳо дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ;
- амалӣ намудани салоҳиятҳои дигар тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Моддаи 15. Ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ**

Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ ваколатҳои зеринро амалӣ менамояд:

- татбиқи барномаҳои соҳавии рушди занбӯриасалпарварӣ;
- таҳия ва тасдиқи санадҳои меъёрӣ дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ дар доираи ваколатҳои худ;
- таъмини назорати риояи меъёрҳо ва қоидаҳои зоотехникӣ ва байторию санитарии нигоҳдории занбӯри асал, сифати маҳсулоти занбӯри асал;
- таъмини амалӣ намудани тадбирҳо оид ба пешгирии касалиҳои занбӯри асал, табобат, мубориза бо ҳашароти зараррасони оилаҳои занбӯри асал ва пешгирии заҳролуд гардидани занбӯри асал аз пеститсид ва дигар моводи кимиёвӣ;
- назорати фаъолияти хоҷагиҳои зотпарварӣ, минтақаҳои зотпарварӣ ва занбӯрҷойҳои селексионӣ;
- ҳамоҳангсозии фаъолияти селексионию зотпарварӣ дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ, мусоидат ба рушди репродукторҳои зотпарварӣ (занбӯрҷойҳои селексионӣ) ва парваришгоҳҳои занбӯри асал;
- ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ;
- ташкили таҳқиқотҳои илмие, ки ба ҳифз ва афзоишдиҳии занбӯри асал равона гардидаанд.

**Моддаи 16. Ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ**

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ ваколатҳои зеринро амалӣ менамоянд:

- назорат оид ба рушд ва ҳифзи соҳаи занбӯриасалпарварӣ дар қаламрави дахлдор;
- ҳамоҳангсозии фаъолият оид ба тарбияи мутахассисон ва такмили ихтисоси онҳо дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ.

**Моддаи 17. Тадбирҳои дастгирии давлатӣ дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ**

1. Мақсади дастгирии давлатӣ дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ таъмини талаботи аҳолии кишвар бо маҳсулоти соҳаи занбӯриасалпарварӣ аз ҳисоби истеҳсоли онҳо аз ҷониби молистеҳсолкунандагони ватанӣ мебошад.

2. Дастгирии давлатӣ дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ бо роҳҳои зерин амалӣ мегардад:

- ҷудо намудани маблағҳои давлатӣ;
- додани қарзҳои имтиёзнок;
- андешидани чораҳои ҳавасмандгардонии иқтисодӣ;
- инвеститсия ба соҳаи занбӯриасалпарварӣ.

#### БОБИ 5. ҲИФЗИ ЗАНБӮРИ АСАЛ

**Моддаи 18. Ташкили ҳифзи занбӯри асал, назорати зоотехникӣ ва байторию санитарӣ дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ**

1. Ташкили ҳифзи занбӯри асал аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

2. Назорати риояи меъёрҳо ва қоидаҳои зоотехникӣ ва байторию санитарии нигоҳдории занбӯри асал тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 19. Талаботи асосӣ барои ҳифзи занбӯри асал**

Талаботи асосӣ барои ҳифзи занбӯри асал инҳоянд:

- таъмини хизматрасонии аз ҷиҳати илмӣ асосноки зоотехникӣ, истифода ва афзоишдиҳии занбӯри асал;
- ҳифзи муҳити табиии зисти занбӯри асал, мавзеъҳои ҷойгиршавӣ ва роҳҳои кӯчонидани занбӯри асал;
- таъмини хизматрасонии байторию санитарии занбӯри асал.

**Моддаи 20. Таъмини ҳифзи занбӯри асал**

Ҳифзи занбӯри асал тавассути тадбирҳои зерин таъмин мегардад:

- аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ риоя намудани меъёрҳо ва қоидаҳои зоотехникӣ ва байторию санитарии нигоҳдории занбӯри асал ва ҷойгиронии қуттиҳо бо оилаҳои занбӯри асал дар назди манбаъҳои асалғундорӣ;
- аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ иҷро намудани талаботи ҳифзи муҳити зист, мавзеъҳои ҷойгиршавӣ ва роҳҳои кӯчонидани занбӯри асал;
- ҳифзи қуттиҳо бо оилаҳои занбӯри асал аз вайронкунӣ, пешгирии заҳролудшавии онҳо аз пеститсид ва дигар моводи кимиёвӣ;
- ҳифзи оилаҳои занбӯри асал аз паррандаҳо ва дигар ҳашароти занбӯрхӯр дар маҳалҳои зисти мавсимӣ;
- пешгирӣ намудани касалиҳои занбӯри асал, табобати онҳо, мубориза бар зидди ҳашароти зараррасони оилаҳои занбӯри асал;
- мусоидат барои ҳамлу нақли бемонеаи оилаҳои занбӯри асал;
- ташкили таҳқиқотҳои илмӣ дар соҳаи ҳифзи занбӯри асал;
- рекламаи занбӯриасалпарварӣ тавассути воситаҳои ахбори омма;
- тарбияи муносибати эҳтиёткоронаи шаҳрвандон ба занбӯри асал, инчунин ҳавасмандгардонии онҳо дар ин соҳа.

**Моддаи 21. Пешгирии заҳролудшавии занбӯри асал аз пеститсид ва дигар моводи кимиёвӣ**

1. Истифодаи пеститсид ва дигар моводи кимиёвӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

2. Номгӯйи воситаҳои муҳофизати растанӣ, моводи кимиёвӣ ва дигар доруҳои барои коркарди растанӣ дар занбӯрҷойҳо истифодашавандаро, мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба идоракунии соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд.

3. Пеститсид ва дигар моводи кимиёвӣ барои коркарди киштзор, алафзор, ҷангал, қитъаҳои муҳофизатии ҷангал ва дарахтзорҳо дар давраи гулкунии манбаъҳои асалғундорӣ бо тартиби дар моддаи 26 Қонуни мазкур муайянгардида истифода карда мешаванд.

**Моддаи 22. Ҳифзи занбӯри асал дар мавриди истифодабарии ҷангал**

1. Чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани маҳсулнокии ҷангалҳо бо назардошти талаботе, ки самаранокии фаъолиятро дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ таъмин менамоянд, амалӣ карда мешаванд.

2. Буридани дарахтон ва буттаҳо – манбаъҳои асалғундорӣ, дар ҳудудҳое, ки аз занбӯрҷойҳои доимӣ дар масофаи наздиктар аз се километр воқеъ шудаанд, ба истиснои ҳолатҳои беҳтар намудани вазъи санитарии ҷангалҳо ва зиёд кардани шумораи ниҳолҳо манъ аст.

**Моддаи 23. Ҳифзи занбӯри асал дар шароити муҳити табиии зисти он**

1. Фаъолият оид ба истифодаи хусусиятҳои фоидаовари занбӯри асал ва ҷамъоварии маҳсулоти занбӯри асал дар шароити муҳити табиии зисти он тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

2. Вайронкунии ковокии дарахт ва дигар ҷойҳои зисти оилаҳои занбӯри асал дар шароити муҳити табиии зисти он манъ аст.

3. Агар оилаи занбӯри асал дар шароити муҳити табиии зисташ ба фаъолияти ҳаётии инсон халал расонад, чунин оилаи занбӯри асал бо иштироки намояндаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ кӯчонида ё нобуд карда мешавад.

**Моддаи 24. Пешгирии касалиҳои занбӯри асал, табобати онҳо, мубориза бар зидди ҳашароти зараррасони оилаҳои занбӯри асал**

1. Бо мақсади ба ҳисоб гирифтани занбӯрҷойҳо ва гузаронидани тадбирҳои байторӣ шиносномаи байторию санитарии занбӯрҷойҳо дода мешавад. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ӯҳдадоранд, ки шиносномаи байторию санитарии занбӯрҷойҳоро дошта бошанд.

2. Шакли шиносномаи байторию санитарии занбӯрҷой ва тартиби додани онро мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ муқаррар менамояд.

3. Пешгирии касалиҳои занбӯри асал, табобати он, мубориза бар зидди ҳашароти зараррасони оилаҳои занбӯри асал тибқи қонунгузории байтории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешаванд.

4. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ӯҳдадоранд, ки оид ба пешгирии касалиҳои занбӯри асал, табобати он, мубориза бар зидди ҳашароти зараррасони оилаҳои занбӯри асал чораҳо андешанд.

5. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои амалӣ намудани чораҳои пешгирии касалиҳои занбӯри асал, табобати он, мубориза бар зидди ҳашароти зараррасони оилаҳои занбӯри асал метавонанд мутахассисони соҳаи байториро ҷалб намоянд.

6. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар сурати пайдошавии бемориҳои сироятӣ вазифадоранд ба мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ маълумот пешниҳод намоянд.

**Моддаи 25. Парвариш, истифодаи зотҳо ва гурӯҳҳои бештар арзишдори занбӯри асал**

1. Фаъолияти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ оид ба парвариш, истифодаи зотҳо ва гурӯҳҳои бештар арзишдори занбӯри асал, инчунин оид ба беҳтаргардонии зотҳо ва гурӯҳҳои занбӯри асал тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад.

2. Бо мақсади таъмини шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо зотҳо ва гурӯҳҳои бештар арзишдори занбӯри асал, инчунин беҳтаргардонии зотҳо ва гурӯҳҳои занбӯри асал дар ҳудудҳои муайян (муҳити табиии зисти он) хоҷагиҳои зотпарварӣ ва репродукторҳои зотӣ (занбӯрҷойҳои селексионӣ) таъсис дода мешаванд.

3. Дар атрофи хоҷагиҳои зотпарвар ва репродукторҳои зотӣ (занбӯрҷойҳои селексионӣ) минтақаҳои муҳофизатӣ дар доираи на камтар аз понздаҳ-бист километр муайян карда мешаванд, ки дар ҳудуди онҳо ворид намудани оилаҳои занбӯри асал ё модарзанбӯрҳои зотҳо ва гурӯҳҳои дигари занбӯри асал, инчунин оилаҳои занбӯри асал ё модарзанбӯрҳои авлодашон номаълум манъ аст.

**Моддаи 26. Огоҳонидани шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар бораи ҳолатҳои барои занбӯри асал хатарнок**

1. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастрас намудани иттилооти саривақтӣ, пурра ва саҳеҳ дар бораи вазъи муҳити зист, инчунин оид ба ҳолатҳои барои занбӯри асал хатарнок ҳуқуқ доранд. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар бораи вазъи муҳити зист, инчунин оид ба ҳолатҳое, ки барои занбӯри асал хатарнок мебошанд, тавассути воситаҳои ахбори омма огоҳонида мешаванд.

2. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки барои коркарди растаниҳои киштзор ва ҷангал пеститсид ва дигар моводи кимиёвиро истифода мебаранд, ӯҳдадоранд на дертар аз се шабонарӯз то оғози чунин коркард шахсан дар шакли хаттӣ ё тавассути воситаҳои ахбори омма шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиеро, ки занбӯрҷойҳояшон дар масофаи камтар аз панҷ километр аз киштзору ҷангал коркардшаванда воқеъ гардидаанд, огоҳ намоянд. Дар баробари ин санаи коркарди растаниҳои киштзор ва ҷангал, тарзи коркарди онҳо, сатҳи заҳрнокии пеститсид ва (ё) моводи кимиёвии истифодашаванда қайд карда мешавад.

**Моддаи 27. Мусоидат ба ҳамлу нақли қуттиҳо бо оилаҳои занбӯри асал**

1. Ҳамлу нақли қуттиҳо бо оилаҳои занбӯри асал тавассути ядакҳо, платформаҳо ва дӯкончаҳои сайёр, ки ба таҷҳизоти кишоварзии технологӣ мансуб мебошанд, аз рӯйи хатсайрҳои бо мақоми дахлдори ваколатдори давлатӣ мувофиқашуда анҷом дода мешавад.

2. Барои пешгирии фавти оилаҳои занбӯри асал дар сурати якбора баландшавии ҳарорат ва рутубати ҳавои қуттиҳои занбӯри асал, аз ҷониби мақомоти дахлдори ваколатдори давлатӣ ба мӯҳлати беш аз 15 дақиқа боздоштани воситаҳои нақлиёте, ки қуттиҳо бо оилаҳои занбӯри асалро ҳамлу нақл мекунанд, роҳ дода намешавад, ба шарте ки боздошти мазкур ба назорати риояи қоидаҳои ҳамлу нақли онҳо ва (ё) ҳолати техникии воситаҳои нақлиёт вобаста набошад.

3. Дар мавриди зарурӣ мақоми дахлдори ваколатдори давлатӣ ҷиҳати бемонеа ҳамлу нақл намудани қуттиҳо бо оилаҳои занбӯри асал мусоидат менамояд.

**Моддаи 28. Ҳамкории байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ**

1. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ мусоидат менамояд.

2. Ҳамкории байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи занбӯриасалпарварӣ мутобиқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

#### БОБИ 6. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

**Моддаи 29. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 30. Дар бораи аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи занбӯриасалпарварӣ»**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 декабри соли 2003 «Дар бораи занбӯриасалпарварӣ» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2003, №12, мод. 679; соли 2008, №12, қисми 2, мод. 1003) аз эътибор соқит дониста шавад.

**Моддаи 31. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 16 апрели соли 2012 №820**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 29 феврали соли 2012 № 708**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 29 марти соли 2012 №284**

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 марти соли 2008 «Дар бораи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, №3, мод. 191; с. 2011, №6, мод. 453) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Ба банди д) қисми 1 моддаи 11 баъд аз калимаҳои «Ҷумҳурии Тоҷикистон» калимаҳои «, сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ» илова карда шаванд.

2. Дар моддаи 12:

- дар банди д) қисми 1 аломати нуқта ба аломати нуқта вергул «;» иваз карда шавад;

- ба қисми 1 банди е) бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«е) бо парвандаҳои ҷиноятӣ, граждании, оилавӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ки вобаста ба онҳо санадҳои судӣ эътибори қонунӣ пайдо кардаанд, инчунин бо парвандаҳои қатъгашта ё маводе, ки оид ба онҳо аз оғози парвандаи ҷиноятӣ рад карда шудааст, бо риояи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳифзи маълумотҳое, ки дорои сирри давлатӣ, тафтишотӣ, тиҷоратӣ ё дигар сирри бо қонун ҳифзшаванда мебошанд, шинос шуда, аз онҳо маълумоти заруриро рӯйнавис ё нусхабардорӣ кунад.»;

- қисми 3 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«3. Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҳуқуқ дорад дар иҷлосияҳо, ҷаласаҳои якҷоя ва алоҳидаи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар маҷлисҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти давлатӣ иштирок намояд.»;

- қисмҳои 4 ва 5 бо мазмуни зайл илова карда шаванд:

«4. Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ё бо супориши хаттии ӯ корманди Дастгоҳи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон ҳуқуқ доранд бо риояи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷлисҳои тамоми марҳилаҳои судӣ, аз ҷумла маҷлисҳои пӯшидаи судӣ иштирок намоянд.

5. Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон метавонад оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои шахсоне, ки бинобар вазъи саломатӣ ё дигар сабабҳои узрнок қобилияти мустақилона истифода бурдани воситаҳои ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқҳои худро надоранд, ба суд ва ё дигар мақомоти дахлдори давлатӣ муроҷиат намояд, аз ҷумла аризаи даъвогӣ пешниҳод кунад.».

3. Дар моддаи 22:

- дар банди б) аломати нуқта ба аломати нуқта вергул «;» иваз карда шавад;

- банди в) бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«в) ба мақомот ва шахсони мансабдори ваколатдори давлатӣ оид ба қабул намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба ҳуқуқи инсон ё ворид намудани тағйиру иловаҳо ба онҳо пешниҳод ирсол намояд.»;

- матни модда қисми 1 ҳисобида, қисми 2 бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«2. Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон метавонад ба Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати додани тавзеҳоти дастурӣ оид ба масъалаҳои ҳуқуқи инсон муроҷиат намояд.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 16 апрели соли 2012 №811**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## Дар бораи муҳофизати растаниҳо

### Қарори
### Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳофизати растаниҳо»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳофизати растаниҳо» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш. ЗУХУРОВ**
**ш. Душанбе, 28 декабри соли 2011 № 640**

### Қарори
### Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳофизати растаниҳо»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи муҳофизати растаниҳо» баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳофизати растаниҳо» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш. Душанбе, 29 марти соли 2012 № 291**

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилии фаъолиятро дар соҳаи муҳофизати растанӣ ва маҳсулоти кишоварзӣ аз ҳашароти зараррасон, касалиҳо ва алафҳои бегона муайян менамояд.

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

**Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- **муҳофизати растаниҳо** – маҷмӯи тадбирҳои бо усулу воситаҳои гуногуни бо ҳам тавъам (ташкилию ҳоҷагӣ, агротехникӣ, биологӣ, селексионию генетикӣ, кимиёвӣ ва дигар) асосёфтаи соҳаи кишоварзӣ ва хоҷагии ҷангал барои пешгирӣ ва барҳам додани зараре, ки ба растанӣ аз ҳашароти зараррасон, касалиҳо ва алафҳои бегона расидааст;
- **организми зараррасон** - намуд, навъ ё биотипи растанӣ, ҳайвонот ё организмҳои барангезандаи касалӣ, ки барои растанӣ ё маҳсулоти растанӣ зарарноканд;
- **организмҳои зараррасони махсусан хавфнок** – ҳашароти зараррасон ва барангезандаи касалиҳои растаниҳо, ки қобилияти оммавии такроран афзоиш ёфтан, паҳн шудан ва ба иқтисодиёт ва муҳити зист зарар расониданро доронд;
- **назорати давлатии фитосанитарӣ** - фаъолияте, ки ба риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муҳофизати растаниҳо аз тарафи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ равона шудааст;
- **безараргардонии пеститсидҳо** - чорабиниҳое, ки бо мақсади безараргардонӣ, гӯронидан ва нобуд сохтани пеститсидҳои мамнӯъ ё мӯҳлати истифодаашон гузашта, инчунин зарфҳои холии онҳо андешида мешаванд;
- **объектҳои таъиноти кишоварзӣ** – киштзор, анборҳои ғалла ва сабзавоту меванигоҳдорӣ, майдонҳои кушоди махсус, биноҳои истеҳсолӣ ва дигар биноҳо, ки барои истеҳсол, коркард ва нигоҳдории маҳсулоти кишоварзӣ пешбинӣ гардидаанд;
- **миқдори боқимондаи пеститсидҳо** - миқдори ниҳоии имконпазири моддаҳои таъсирбахш ва метаболитҳои фаъоли биологии он дар маҳсулоти дарозмуддат истеъмолшаванда ё минбаъд коркардшаванда ва дар объектҳои муҳити зист;
- **пеститсидҳо** - моддаҳои кимиёвӣ, ки бар зидди организмҳои зараррасон ва организмҳои зараррасони махсусан хавфнок, инчунин барои хушкондан ва резондани баргҳо ва танзими сабзиши растаниҳо истифода мешаванд;
- **қоидаҳои нигоҳдорӣ, ҳамлу нақл ва истифодаи пеститсидҳо** - талаботи ҳатмии бехатарӣ нисбат ба шароит ва технологияҳои нигоҳдорӣ, ҳамлу нақл ва истифодаи пеститсидҳо ;
- **маҳсулоти растанипарварӣ** – маводи ғизоии аҳолӣ ва хуроки чорво, ашёи хоми саноатӣ ва маводи доруворӣ, ки аз растанӣ ҳосил карда мешаванд;
- **анборҳои махсус** - анборҳое, ки барои гӯронидани пеститсидҳои мамнӯъ ё мӯҳлати истифодаашон гузашта, инчунин зарфҳои холии онҳо пешбинӣ гардидаанд;
- **мақоми ваколатдор** - мақоми давлатӣ, ки фаъолияти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро дар соҳаи муҳофизати растанӣ ҳамоҳанг ва танзим мекунад, инчунин назорати давлатиро дар соҳаи муҳофизати растаниҳо амалӣ месозад;
- **чораҳои фитосанитарӣ** - маҷмӯи чораҳое, ки ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид шудани организмҳои зараррасон ва организмҳои махсусан хавфноки зараррасон ва паҳншавии онҳоро пешгирӣ менамояд;
- **меъёрҳои фитосанитарӣ** - андозаи бузургиҳои муқарраршуда, ки барои муайян намудани ҳаҷми чораҳои фитосанитарӣ истифода мешаванд;
- **мониторинги фитосанитарӣ** – системаи мушоҳидаҳо оид ба инкишоф ва густариши организмҳои зараррасон ва организмҳои зараррасони махсусан хавфнок, пешгӯӣ ва муқаррар намудани дараҷаи зараровари онҳо.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муҳофизати растаниҳо**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муҳофизати растаниҳо ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад.

**Моддаи 3. Вазифаҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи муҳофизати растаниҳо**

Ба вазифаҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи муҳофизати растаниҳо дохил мешаванд:

- таъмини вазъи мусоиди фитосанитарӣ;
- пешгирӣ ва аз байн бурдани таъсири зарарноки пеститсидҳо ба саломатии инсон ва ҳайвонот, маҳсулоти кишоварзӣ ва муҳити зист ҳангоми амалӣ кардани чораҳои фитосанитарӣ;
- таъмини амнияти озуқаворӣ.

## БОБИ 2. ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ ФАЪОЛИЯТ ДАР СОҲАИ МУҲОФИЗАТИ РАСТАНИҲО

**Моддаи 4. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муҳофизати растаниҳо**

Ба салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муҳофизати растаниҳо мансубанд:

- муайян намудани самтҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи муҳофизати растаниҳо;
- тасдиқи барномаҳои соҳаи муҳофизати растаниҳо;
- тасдиқи номгӯи организмҳои зараррасони махсусан ҳавфнок;
- муайян намудани мақоми ваколатдор дар соҳаи муҳофизати растаниҳо;
- анҷом додани ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи муҳофизати растаниҳо;
- дигар ваколатҳо мутобиқи Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Моддаи 5. Ваколатҳои мақоми ваколатдор дар соҳаи муҳофизати растаниҳо**

Ба ваколатҳои мақоми ваколатдор дар соҳаи муҳофизати растаниҳо дохил мешаванд:

- таҳияи барномаҳо дар соҳаи муҳофизати растаниҳо, тартиб додани номгӯи организмҳои зараррасони махсусан хавфнок, пешниҳоди онҳо барои тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- таҳия ва тасдиқи тавсия ва нишондодҳои дастурӣ доир ба андешидани чораҳои фитосанитарӣ;
- назорати риояи қоидаҳои нигоҳдорӣ, ҳамлу нақл ва истифодаи пеститсидҳо, таҳия ва тасдиқи ҳуҷҷатҳои меъёрии танзимкунандаи муносибатҳо дар соҳаи муҳофизати растаниҳо;
- ташкили кор оид ба безараргардонии пеститсидҳо дар мувофиқа бо мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва назорати санитарию эпидемиологӣ;
- ташкил ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти дигари давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ оид ба андешидани чораҳои фитосанитарӣ ва мониторинги организмҳои зараррасон ва организмҳои зараррасони махсусан хавфнок;
- ташкили хариди давлатии пеститсидҳо, кор ва хизматрасонӣ оид ба нигоҳдорӣ, ҳамлу нақл, тақсимот ва истифодабарии онҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ташкили захираи давлатии пеститсидҳо;
- ташкил ва гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ дар байни аҳолӣ оид ба амалӣ намудани чораҳои фитосанитарӣ ва муҳофизати растаниҳо;
- ҳамкорӣ бо мақомоти дигари давлатӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ, иштирок дар амалигардонии барномаҳо, аз ҷумла барномаҳои байналмилалӣ дар соҳаи муҳофизати растаниҳо;
- дигар ваколатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст.

**Моддаи 6. Ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи муҳофизати растаниҳо**

Ба ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи муҳофизати растаниҳо дохил мешаванд:

- фароҳам овардани шароит ба сохторҳои минтақавии мақоми ваколатдор барои иҷрои талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муҳофизати растаниҳо ва ҳифзи муҳити зист;
- сохтмон, истифодабарӣ ва дар ҳолати зарурӣ нигоҳ доштани анборҳои махсус;
- ташкили чорабиниҳои безараргардонии пеститсидҳо, ки аз ҳисоби маблағҳои буҷети маҳаллӣ ё дигар шахсони ҳуқуқӣ харида мешаванд.

**Моддаи 7. Ташкилотҳои давлатӣ оид ба муҳофизати растаниҳо**

1. Ташкилотҳои давлатӣ оид ба муҳофизати растаниҳо бо мақсади иҷрои вазифаҳои зерин ташкил карда мешаванд:

- мониторинги фитосанитарии организмҳои зараррасон ва организмҳои зараррасони махсусан хавфнок;
- озмоишҳои истеҳсолии пеститсидҳое, ки барои бақайдгирӣ тавассути озмоишии онҳо дар шароити истеҳсолӣ тавсия шудаанд;
- санҷиши маҳсулоти кишоварзӣ бо мақсади муайян кардани миқдори боқимондаи пеститсидҳо, нитратҳо, нитритҳо ва намакҳои металлҳои вазнини таркиби онҳо.

2. Мониторинги фитосанитарии организмҳои зараррасони махсусан хавфнок ба инҳисори давлатӣ мансуб аст.

3. Ташкилотҳои давлатӣ оид ба муҳофизати растаниҳо баҳисобгирии фитосанитариро ба роҳ монда, бо тартиби муайяннамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақоми ваколатдор ҳисобот пешниҳод менамоянд.

## БОБИ 3. НАЗОРАТИ ДАВЛАТИИ ФИТОСАНИТАРӢ

**Моддаи 8. Вазифаҳои назорати давлатии фитосанитарӣ**

Назорати давлатии фитосанитарӣ чунин вазифаҳоро пешбинӣ менамояд:

- назорати фаъолияти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ оид ба риояи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муҳофизати растаниҳо;
- ташкил ва назорати иҷрои мониторинги фитосанитарӣ ва чораҳои фитосанитарӣ;
- ба роҳ мондани баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳии фитосанитарӣ бо тартиби муқарраргардида;
- ошкор ва пешгирӣ намудани вайронкуниҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муҳофизати растаниҳо;
- назорат оид ба гузаронидани озмоишҳои истеҳсолӣ ва бақайдгирии пеститсидҳо;
- назорати безараргардонии пеститсидҳо;
- назорати ҳолати анборҳои махсус.

**Моддаи 9. Таҳия ва татбиқи чораҳои фитосанитарӣ**

1. Чораҳои фитосанитарӣ таҳия ва татбиқ карда мешаванд:

- дар асоси принсипҳои асосноки илмӣ;
- дар асоси стандартҳо, дастурҳо ва тавсияҳои байналмилалӣ;
- ба андозаи барои ҳифзи ҳаёт ва саломатии инсон, растанӣ ва ҳайвонот зарурӣ;
- бо мақсади пешгирии худсарона ё беасоси поймолкунии ҳуқуқи истеҳсолкунандагоне, ки шароити комилан мутобиқ ё монанд байни онҳо афзалият дорад, аз ҷумла дар ҳудуди давлати худ ва ё ҳудуди дигар давлати манфиатдор;
- дар асоси арзёбии хатари ба ҳаёт ва саломатии инсон, растаниҳо ё ҳайвонот таҳдидкунандае, ки тибқи методологияи ташкилотҳои дахлдори байналмилалӣ гузаронда мешавад.

2. Чораҳои фитосанитарӣ набояд тавре татбиқ шаванд, ки боиси маҳдудсозии ниҳонии савдои байналмилалӣ гарданд.

3. Ҳангоми арзёбии хатари ба ҳаёт ва саломатии инсон, растаниҳо ё ҳайвонот дар рафти таҳия ва татбиқи чораҳои фитосанитарӣ таҳдидкунанда мақоми ваколатдор бояд ҳолатҳои зеринро ба инобат гирад:

- мавҷудияти далелҳои илмӣ;
- усулҳои дахлдори истеҳсол ва коркард;
- усулҳои дахлдори назорат, гирифтани намуна ва озмоиш;
- дараҷаи паҳншавии ҳашароти зараррасон, касалиҳо ё алафҳои бегонаи мушаххас;
- мавҷудияти минтақаҳои аз ҳашароти зараррасон, касалиҳо ё алафҳои бегона озод;
- шароитҳои мувофиқи экологӣ, чораҳои карантинӣ ва дигар чораҳо;
- омилҳои дахлдори иқтисодӣ, аз ҷумла зарари имконпазир аз камшавии ҳаҷми истеҳсол ё фурӯш ҳангоми ворид шудан, макон гирифтан ва паҳн гардидани ягон ҳашароти зараррасон, касалӣ ё алафи бегона, хароҷоти мубориза бар зидди онҳо ва нобуд сохтани онҳо, таносуби нисбии хароҷот ва самаранокии усулҳои алтернативии маҳдудсозии хатар.

4. Дар мавриди кофӣ набудани далелҳои дахлдори илмӣ мақоми ваколатдор дар асоси иттилооти муносиб, иттилооти аз ташкилотҳои дахлдори байналмилалӣ дастрасшуда, инчунин бо назардошти иттилоот дар бораи чораҳои фитосанитарии татбиқшудаи дигар мамлакатҳо метавонад муваққатан чораҳои фитосанитариро ҷорӣ намояд.

5. Чораҳои фитосанитарӣ бо назардошти хусусиятҳои фитосанитарии кишварҳо ва воҳидҳои марзиву маъмурии он, ки маҳсулотро баровардаанд ва ё маҳсулот барои онҳо таъин шудааст, ҳамчунин бо назардошти хусусиятҳои фитосанитарии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва воҳидҳои марзиву маъмурии он татбиқ карда мешаванд.

6. Дар рафти арзёбии хусусиятҳои фитосанитарии минтақа мақоми ваколатдор дар қатори дигар омилҳо дараҷаи паҳншавии ҳашароти зараррасон, касалиҳо ё алафҳои бегона, мавҷудияти барномаи мубориза бар зидди онҳо ё нобудсозии онҳо ва меъёру дастурҳои муносиби ташкилотҳои дахлдори байналмилалиро ба инобат мегирад.

7. Мақоми ваколатдор, аз ҷумла консепсияи минтақаи аз ҳашароти зараррасон, касалиҳо ё алафҳои бегона озод ва минтақаеро, ки дар онҳо ҳашароти зараррасон, касалиҳо ё алафҳои бегона кам паҳн шудаанд, эътироф менамояд. Ҳангоми муайян намудани чунин минтақаҳо омилҳои ҷуғрофӣ, системаҳои экологӣ, назорати эпидемиологӣ, самаранокии назорати санитарӣ ва фитосанитарӣ ба асос гирифта мешаванд.

8. Мамлакатҳои содиркунанда, ки минтақаҳои дар ҳудудашон бударо минтақаҳои аз ҳашароти зараррасон, касалиҳо ё алафҳои бегона озод ё минтақаҳои ҳашароти зараррасон, касалиҳо ё алафҳои бегона кам паҳншуда эълон намудаанд, дар ин хусус ба мақомоти дахлдор далелҳои тасдиқкунанда пешниҳод менамоянд, то холисона нишон диҳанд, ки чунин минтақаҳо дар ҳақиқат минтақаҳои аз ҳашароти зараррасон, касалиҳо ё алафҳои бегона озоданд ва ё минтақаҳое мебошанд, ки дар онҳо ҳашароти зараррасон, касалиҳо ё алафҳои бегона кам паҳн шудаанд ва эҳтимоли қавӣ ҳаст, ки ба сифати чунин минтақаҳо боқӣ мемонанд.

9. Мақоми ваколатдор метавонад нисбат ба чораҳои дар асоси стандартҳо, дастурҳо ё тавсияҳои дахлдори байналмилалӣ таҳияшуда чораҳои фитосанитарие татбиқ намояд, ки дараҷаи баландтари муҳофизати фитосанитариро таъмин мекунанд, агар дар хусуси муносиб будани дараҷаи мазкури муҳофизати фитосанитарӣ далелҳои дахлдори илман асонок мавҷуд бошанд.

**Моддаи 10. Шаффофияти қоидаҳои фитосанитарӣ**

1. Қоидаҳои қабулшудаи фитосанитарӣ бо мақсади ба тарафҳои манфиатдор додани имконият барои шиносоӣ бетаъхир нашр карда мешаванд.

2. Ба истиснои ҳолатҳои таъхирнопазир байни нашри ҳама гуна қоидаи фитосанитарӣ ва эътибор пайдо намудани он фосилаи муносиби вақт пешбинӣ мегардад, то ин ки ба истеҳсолкунандагон барои мувофиқ намудани маҳсулоти худ ва усулҳои истеҳсоли он ба талаботи муайяннамудаи мақоми ваколатдор имконият дода шавад.

3. Мақоми ваколатдор тавассути маркази иттилоотӣ оид ба масъалаҳои фитосанитарӣ ба саволҳои муносиби тарафҳои манфиатдор бояд ҷавоб диҳад, ҳамчунин ҳуҷҷатҳои дахлдори зеринро пешниҳод намояд:

- ҳама гуна қоидаҳои фитосанитарие, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудаанд ё таҳия мешаванд;
- ҳама гуна расмиёти назорат, қоидаҳои истеҳсол ва карантин, расмиёти маъқул донистани дараҷаи имконпазири пеститсидҳо ва иловаҳои ғизоие, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунанд;
- расмиёти арзёбии хатар, омилҳои дар ин маврид ба назар гирифташаванда, инчунин муайян кардани дараҷаи зарурии муҳофизати фитосанитарӣ;
- узвият ва иштирок дар ташкилотҳо ва системаҳои фитосанитарии байналмилалӣ ва минтақавӣ, инчунин дар созишномаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба.

4. Дар мавриди мавҷуд набудани стандартҳо, дастурҳо ё тавсияҳои дахлдори байналмилалӣ ё тафовути зиёд доштани мазмуни чораҳои андешидашавандаи фитосанитарӣ ва мазмуни стандартҳо, дастурҳо ё тавсияҳои дахлдори байналмилалӣ ва агар ин чораҳо ба савдо таъсири ҷиддӣ расонанд, мақоми ваколатдор бояд:

- оид ба нияти ҷорӣ намудани чораҳои мушаххас дар марҳалаи аввали омодасозии онҳо хабарнома чоп намояд, то ба тарафҳои манфиатдор барои бо онҳо шинос шудан имконият дода шавад;
- тарафҳои манфиатдорро дар хусуси маҳсулоте, ки бо ин чораҳо фаро гирифта мешаванд, қаблан огоҳ намояд ва дар огоҳнома мақсад ва сабабҳои ҷорӣ намудани чораҳои таҳияшударо мухтасар нишон диҳад;
- бо дархости мақомоти салоҳиятдори кишварҳои дигар матни ҳуҷҷатҳои таҳияшавандаро ба қадри имкон бо дарҷи фаслҳое, ки аз стандартҳо, дастурҳо ё тавсияҳои дахлдори байналмилалӣ моҳиятан фарқ доранд, пешниҳод намояд;
- ба тарафҳои манфиатдор барои омода кардани эродномаҳо дар намуди хаттӣ вақту имконияти баробар диҳад, мувофиқи дархост ин эродномаҳоро муҳокима намояд, эродҳо ва натиҷаҳои муҳокимаҳоро ба эътибор гирад.

5. Дар ҳолатҳое, ки зарурати таъхирнопазири ҳифзи саломатӣ пайдо мешавад ё воқеан пайдо шуда метавонад, мақоми ваколатдор бо салоҳдиди худ ҳуқуқ дорад муқаррароти қисми 4 моддаи мазкурро иҷро накунад, ба шарте ки вай:

- тарафҳои манфиатдорро дар бораи чораи мушаххас ва маҳсулоти бо он фарогирифташуда бетаъхир огоҳ созад ва дар огоҳнома мақсаду сабабҳои ҷорӣ кардани танзим, аз ҷумла моҳияти масъалаи (масъалаҳои) ҳалталаби таъхирнопазирро мухтасар нишон диҳад;
- бо дархости мақомоти салоҳиятдори дигар кишварҳо матни ҳуҷҷатҳоро пешниҳод намояд;
- ба тарафҳои манфиатдор барои таҳия намудани эродномаҳо дар намуди хаттӣ имконият диҳад, мувофиқи дархост ин эродномаҳоро муҳокима намояд, эродҳо ва натиҷаҳои муҳокимаҳоро ба инобат гирад.

**Моддаи 11. Ҳамарзишии чораҳои фитосанитарӣ**

1. Мақоми ваколатдор чораҳои фитосанитарии мамлакатҳои дигарро чун чораҳои ҳамарзиши дар Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқшаванда эътироф мекунад, агар мамлакати содиркунанда ба мақоми ваколатдор холисона нишон дода тавонад, ки ин чораҳо дараҷаи зарурии муҳофизати фитосанитариро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамоянд.

2. Тартиб ва шартҳои эътироф намудани ҳамарзишии чораҳои мушаххаси санитарӣ ё фитосанитарӣ тибқи созишномаҳои дуҷониба ё бисёрҷониба баъд аз баргузории машваратҳои дахлдор бо мамлакатҳои манфиатдор муайян карда мешаванд.

**Моддаи 12. Расмиёти назорати фитосанитарӣ ва маъқул донистан**

1. Расмиёти назорати фитосанитарӣ ва маъқул донистан амалӣ мегарданд:

- бидуни таъхири беасос ва ҳуқуқпоймолкунӣ нисбати маҳсулоти воридшаванда дар қиёс ба ҳамин гуна маҳсулоти ватанӣ;
- дар асоси иттилооти дархостшудаи камтарин, ки барои амалисозии расмиёти назорат, бозрасӣ ва маъқул донистан зарур мебошад;
- бо огоҳ намудани дархосткунанда дар бораи мӯҳлати анҷоми расмиёт дар асоси маълумоти чопшуда оид ба давомнокии маъмули расмиёт ё бо талаби дархосткунанда, дар бораи марҳалаи иҷрои расмиёт бо шарҳи ҳама гуна таъхир;
- бо иттилоотонии дархосткунанда дар бораи камбудиҳои имконпазири ҳуҷҷатҳо ва натиҷаҳои расмиёт бо мақсади рафъи онҳо дар мавриди зарурӣ;
- бо риояи махфияти иттилоот дар бораи маҳсулоти воридшаванда, ки зимни анҷом додани расмиёти назорат ва маъқул донистан ошкор мегардад ё ба даст оварда мешавад, на камтар аз оне ки нисбати маҳсулоти ватанӣ риоя мегардад ва тавре ки манфиатҳои қонунии тиҷоратӣ ҳифз карда шаванд;
- ба шарте, ки ҳама гуна талабот оид ба назорат ва маъқул донистани намунаҳои алоҳидаи маҳсулот бо он ки асоснок ва зарур мебошанд, маҳдуд карда шаванд;
- ба шарте, ки ҳама гуна боҷи тибқи расмиёти нисбати маҳсулоти воридотӣ татбиқшаванда ҳисоб кардашуда бо ҳар як боҷе, ки аз ҳамин гуна маҳсулоти ватанӣ ё маҳсулоти дар қаламрави дигар кишварҳо истеҳсолшуда ситонида мешавад, баробар бошад ва аз арзиши воқеии хизматрасониҳо зиёд набошад;
- ҳангоми гузаронидани расмиёти интихоби намунаҳои маҳсулоти воридшаванда меъёрҳое татбиқ мегарданд, ки барои маҳсулоти ватанӣ истифода шудаанд, то ин ки ногувориҳо барои дархосткунандагон, воридкунандагон, содиркунандагон ё намояндагони онҳо ба ҳадди ниҳоӣ кам карда шаванд.

2. Агар пас аз гузаронидани расмиёти назорат ва бозрасӣ ба тавсифоти маҳсулот вобаста ба талаботи татбиқшаванда тағйирот ворид карда шавад, расмиёт нисбати маҳсулоти таҷдидшуда бо пайдо кардани эътимоди кофӣ, ки барои муайян сохтани мутобиқати ин маҳсулот чун пештара ба қоидаҳои муносиб зарур мебошад, маҳдуд карда мешавад.

**Моддаи 13. Объектҳое, ки мавриди назорати давлатии фитосанитарӣ қарор мегиранд**

Объектҳое, ки мавриди назорати давлатии фитосанитарӣ қарор мегиранд, инҳо мебошанд:

- объектҳои таъиноти кишоварзӣ, қитъаҳои ҳамшафати роҳҳои автомобилгард ва роҳи оҳан, дигар ҳудудҳое, ки макони зисти организмҳои зараррасон ва организмҳои зараррасони махсусан хавфнок мебошанд, инчунин маҳсулоти растанипарварӣ;
- организмҳои зараррасон ва организмҳои зараррасони махсусан хавфнок;
- воситаҳои махсус ва пеститсидҳо, ки барои гузаронидани чораҳои фитосанитарӣ истифода бурда мешаванд;
- анборҳои махсус.

## БОБИ 4. ТАЛАБОТ ОИД БА МУҲОФИЗАТИ РАСТАНИҲО

**Моддаи 14. Ӯҳдадориҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ доир ба пешгирии паҳншавии организмҳои зараррасон**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки фаъолияти онҳо ба объектҳои назорати давлатии фитосанитарӣ вобаста аст, ӯҳдадоранд:

- бо мақсади пешгирии паҳншавии организмҳои зараррасон дар ҳудудҳои худ мониторинги фитосанитарӣ баранд ва чораҳои фитосанитарӣ андешанд;
- қоидаҳои нигоҳдорӣ, ҳамлу нақл ва истифодабарии пеститсидҳоро риоя намоянд;
- амру фармоишҳои нозирони давлатиро доир ба муҳофизати растаниҳо иҷро намоянд;
- ба нозирони давлатӣ оид ба муҳофизати растаниҳо дар иҷрои талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муҳофизати растаниҳо мусоидат намоянд;
- ҷиҳати безарар гардонидани пеститсидҳо чораҳо андешанд;
- баҳисобгирии фитосанитариро ба роҳ монанд ва ба мақоми ваколадор ҳисобот пешниҳод намоянд.

**Моддаи 15. Захираи давлатии пеститсидҳо**

1. Захираи давлатии пеститсидҳо ҳаҷми муайяни мунтазам навшавандаи пеститсидҳо буда, моликияти давлатӣ ҳисобида мешавад ва дар ихтиёри мақоми ваколатдор қарор дорад.

2. Захираи давлатии пеститсидҳо барои барҳам додани ҳолатҳои ғайричашмдошт оммавӣ паҳн шудани организмҳои зараррасони махсусан хавфнок пешбинӣ карда мешавад.

3. Захира аз ҳисоби ҳаҷми пеститсидҳои аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ харидоришуда дар асоси мониторинг ва баҳисобгириии фитосанитарии ҳолати фитосанитарии бавӯқуъомада ташкил карда мешавад.

4. Меъёри захираи намудҳои пеститсидҳо ва тартиби истифодабарии онҳоро мақоми ваколатдор муқаррар менамояд.

**Моддаи 16. Меъёрҳои фитосанитарӣ**

1. Меъёрҳои фитосанитарӣ моҳияти имконпазири миқдорӣ ва (ё) сифатии нишондиҳандаҳоро, ки вазъияти фитосанитариро аз нуқтаи назари бехатарии он барои маҳсулоти растанпарварӣ ва объектҳои таъиноти кишоварзӣ тавсиф медиҳад, муайян месозанд.

2. Меъёрҳои фитосанитарӣ дар асоси тадқиқотҳое, ки мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешаванд ва талаботи моддаҳои 10 ва 12 Қонуни мазкур муқаррар мегарданд.

3. Меъёрҳои фитосанитарӣ барои пешгӯӣ ва банақшагирии холисонаи ҳаҷми чораҳои фитосанитарӣ, инчунин пешгӯии имконияти афзоиш ва паҳншавии оммавии организмҳои зараррасон ва организмҳои зараррасони махсусан хавфнок ва нобуд сохтани онҳо асос мебошанд.

4. Меъёрҳои фитосанитарӣ барои гузаронидани назорати давлатии фитосанитарӣ аз ҷониби нозирони давлатӣ оид ба муҳофизати растаниҳо асос мебошанд.

**Моддаи 17. Тартиби безараргардонии пеститсидҳо**

1. Тартиби безараргардонии пеститсидҳо аз ҷониби мақоми ваколатдор дар мувофиқа бо мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва назорати санитарию эпидемиологӣ муайян карда мешавад.

2. Барои безараргардонии пеститсидҳо анборҳои махсус истифода карда мешаванд.

3. Иҷозат барои сохтмони анборҳои махсус, инчунин барои безараргардонии пеститсидҳо аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба назорати санитарию эпидемиологӣ дода мешавад.

4. Ҷойгиронии мақсадноки анборҳои махсус дар минтақаҳо ва теъдоди онҳо аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо пешниҳоди мақоми ваколатдор ва дар мувофиқа бо мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва назорати санитарию эпидемиологӣ муайян карда мешавад.

**Моддаи 18. Ҳамоҳангсозии тадқиқотҳои илмӣ ва фаъолият оид ба омӯзиш, такмили ихтисос ва бозомӯзии мутахассисону кормандони соҳаи муҳофизати растаниҳо**

1. Мақоми ваколатдор гузаронидани тадқиқотҳои илмии амалиро дар соҳаи муҳофизати растаниҳо ташкил, ҳамоҳанг ва назорат карда, усул ва тавсияҳоро оид ба анҷом додани чорабиниҳои фитосанитарӣ, ки дар натиҷаи тадқиқотҳо таҳия мешаванд, тасдиқ менамояд.

2. Барномаҳои омӯзиш, такмили ихтисос ва бозомӯзии мутахассисон ва кормандони соҳаи муҳофизати растаниҳо бо мақоми ваколатдор мувофиқа карда мешаванд.

## БОБИ 5. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

**Моддаи 19. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 20. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 16 апрели соли 2012 №817**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ»

### Қарори
### Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш. ЗУҲУРОВ**
**ш. Душанбе, 15 феврали соли 2012 № 687**

### Қарори
### Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш. Душанбе, 29 марти соли 2012 № 298**

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 1997 «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1997, №23-24, мод. 350; с. 2003, № 8, мод. 458; с. 2006, №4, мод. 200; с. 2007, №3, мод. 177; № 7, мод. 694; с.2008, №10, мод. 821) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар қисми якуми моддаи 1, сархати ҳаштуми моддаи 4, сархати дуюми қисми сеюми моддаи 7, қисми якуми моддаи 102, сархати панҷуми қисми дуюми моддаи 17, қисми якуми моддаи 21, сархати нӯҳуми қисми дуюми моддаи 22 ва қисми якуми моддаи 231 калимаи «системаи» ба калимаи «низоми» иваз карда шавад.

2. Дар моддаи 3:

- дар банди дуюм калимаҳои «шахси ҳуқуқие мебошад» ба калимаҳои «шахси ҳуқуқӣ» иваз карда шаванд;
- дар банди сеюм калимаҳои «шахси воқеие мебошад» ба калимаҳои «шахси воқеӣ» иваз карда шаванд;
- аз банди ҳаштум калимаҳои «(персоникунонидашуда)», «анҷом дода мешавад» ва аз сархати нӯҳуми қисми дуюми моддаи 22 калимаи «(персонификацияшуда)» хориҷ карда шаванд;
- бандҳои даҳум, ёздаҳум ва сенздаҳум хориҷ карда шаванд.

3. Дар моддаи 4:

- дар сархати якум калимаи «характери» ба калимаи «хусусияти» иваз карда шавад;
- дар сархати сеюм калимаҳои «тафриқаи» ва «дарназардошти» мувофиқи ба калимаҳои «табақабандии» ва «назардошти» иваз карда шаванд;
- дар сархати ҳафтум калимаҳои «мақоми намояндагӣ» ба калимаҳои «шахси намоянда» иваз карда шаванд;
- дар сархати ҳаштум калимаҳои «дастрас будан дар» ба калимаҳои «дастрасӣ ба» иваз карда шаванд.

4. Дар қисми дуюми моддаи 7:

- аз сархати дуюм калимаи «(персоникунонидашуда)» хориҷ карда шавад;
- сархати чордаҳум хориҷ карда шавад.

5. Моддаи $10^1$ ва қисми сеюми моддаи $10^2$ хориҷ карда шаванд.

6. Дар қисми дуюми моддаи 12 пас аз калимаҳои «кормандон» ва «кормандоне» калимаҳои «(шахсони суғурташуда)» илова ва калимаҳои «ба кормандони ятим» ба калимаҳои «ба шахсони ятим» иваз карда шаванд.

7. Ба қисми якуми моддаи $16^1$ пас аз рақами «14» рақами «,15» илова карда шавад.

8. Қисми сеюми моддаи 23 хориҷ карда шавад.

9. Қисми чоруми моддаи 24 хориҷ карда шавад.

10. Дар қисми якуми моддаи 30 калимаҳои «10 рӯз дида мешавад» ба калимаҳои «30 рӯз баррасӣ карда мешавад» иваз карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 16 апрели соли 2012 №824**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ»

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 8 феврали соли 2012 №681**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ» баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 29 марти соли 2012 № 289**

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2006, «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2006, №3, мод. 158) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Ба моддаи 1 баъд аз калимаҳои «сангҳои қиматбаҳо» калимаҳои «, инчунин барои рафъи оқибати ҳолатҳои фавқулодда ва дигар ҳолатҳои ногаҳонӣ тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» илова карда шаванд.

2. Дар моддаи 3:

- дар қисми 1 калимаи «буҷети» ба калимаи «маблағи» иваз карда шавад;

- ба қисми 2 баъд аз сархати дуюм сархати нав бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- маблағи муассисаҳо ва дигар ташкилотҳое, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти ҳокимияти давлатӣ таъсис додаанд;»;

- қисми 15 дар таҳрири зерин ифода карда шавад.

«**15. Ҳадди камтарини маблағи харид** - нишондиҳандаест, ки барои моддаи хароҷоти гурӯҳбандии иқтисодии буҷетӣ барои як семоҳа муқаррар шуда, то расидан ба он ташкилоти харидор ҳуқуқ дорад харидро бо тартиби соддакардашуда анҷом диҳад. Ҳадди камтарини маблағи харид барои хариди мол ба дусаду панҷоҳ, барои кор ва хизматрасонӣ ба сесаду панҷоҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо баробар аст.».

- қисми 7 хориҷ карда, қисмҳои 8, 9, 10, 11, 12, 13, 14, 15, 16, 17, 18 ва 19 мувофиқан қисмҳои 7, 8, 9, 10, 11, 12, 13, 14, 15, 16, 17 ва 18 ҳисобида шаванд;

3.Ҷумлаи якуми моддаи 6 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Бо мақсади татбиқи муқаррароти Қонуни мазкур ҳангоми иҷрои расмиёти хариди давлатӣ огоҳнома ва (ё) хабардиҳие эътироф карда мешаванд, ки дар шакли хаттӣ таҳия гардидаанд, ба истиснои ҳолатҳое, ки қисми 1 моддаи 45 Қонуни мазкур пешбинӣ намудааст.».

4. Дар моддаи 8:

- қисми 1 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«1. Ба шахсоне, ки ҷиҳати намояндагӣ кардани ташкилоти харидор ваколатдор карда шудаанд, манъ аст:»;

- дар қисми 2 калимаҳои «хизматчиёни давлатӣ» ба калимаҳои «шахсоне, ки ҷиҳати намояндагӣ кардани ташкилоти харидор ваколатдор карда шудаанд» иваз карда шаванд.

5. Ба қисми 2 моддаи 9 баъд аз сархати дуюм сархати нав бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- муассисаҳо ва дигар ташкилотҳое, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти ҳокимияти давлатӣ таъсис додаанд;».

6. Дар сархати дуюми қисми 1 моддаи 10 калимаҳои «шахсони мансабдори соҳибихтисос» ба калимаҳои «шахсони мансабдори дорои Сертификати мутахассис оид ба харид» иваз карда шаванд.

7. Дар сархати ёздаҳуми қисми 2 моддаи 12 калимаи «ҳисобот» ба калимаҳои «ҳисоботи семоҳа» иваз карда, калимаҳои «дар ҳар семоҳа» хориҷ карда шаванд.

8. Дар моддаи 13:

- ба қисми 1 баъд аз калимаҳои «воҳиди харид» калимаҳои «барои ҳар як хариди алоҳида» илова карда шаванд;

- аз қисми 2 калимаи «ҳамчун» хориҷ карда шавад;

- дар қисми 4 калимаҳои «қарордоди амал дахолат» ба калимаҳои «қарордод баромад» иваз карда шаванд.

9. Ба сархати дуюми қисми 1 моддаи 16 баъд аз калимаҳои «амволи он тахти гарав» калимаҳои «бо манъи ҳуқуқи истифода бурдан қарор надошта бошад» илова карда шаванд.

10. Дар моддаи 17:

- сархати чоруми қисми 3 хориҷ карда шавад;

- дар қисми 4 калимаҳои «на дертар аз даҳ рӯзи» ба калимаҳои «на дертар аз даҳ рӯз то» иваз карда шаванд.

11. Моддаи 18 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«**Моддаи 18. Реҷаи мусоид барои истеҳсолкунандагони дохилӣ**

Бо мақсади дастгирии соҳаи истеҳсолот барои истеҳсолкунандагони дохилӣ реҷаи мусоид татбиқ мегардад, ки қоидаҳои онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд.».

12. Ба сархати сеюми қисми 1 моддаи 19 баъд аз калимаҳои «иттилооти бардурӯғ» калимаҳои «, далелҳои таҳрифкунанда, гумроҳсозанда» илова карда шаванд.

13. Дар қисми 1 моддаи 20:

- дар сархати чорум рақами «80» ба рақами «81» иваз карда шавад;

- сархати ҳаштум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- нисбат ба вайронкунандагони расмиёти хариди давлатӣ, ташкилотҳои харидоре, ки қарори мақоми ваколатдорро иҷро накардаанд, чораҳои пешбинишудаи ҷавобгарии маъмуриро татбиқ намояд;».

14. Дар моддаи 21:

- ба қисми 2 баъд аз калимаҳои «пешниҳод гардидааст» калимаҳои «, баррасӣ намуда» ва баъд аз калимаи «довталаби» калимаҳои «молрасон (пудратчӣ)» илова карда, калимаи «ва» хориҷ карда шавад;

- ба қисми 3 баъд аз калимаи «довталабон,» калимаҳои «молрасон (пудратчӣ)» илова карда шаванд.

15. Дар моддаи 24:

- ҷумлаи сеюми қисми 2 дар таҳрири зерин ифода карда шавад: «Интихоби усули дигари хариди давлатӣ танҳо дар мувофиқа бо мақоми ваколатдор анҷом дода мешавад.»;

- қисми 3 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«3. Хариди давлатӣ, ки арзиши он аз ҳадди камтарини маблағи харид зиёд нест, метавонад тибқи муқаррароти моддаи 29 Қонуни мазкур сурат гирад.»;

- қисмҳои 4 ва 5 хориҷ карда шаванд.

16. Ба сархати дуюми қисми 1 моддаи 26 баъд аз калимаҳои «табиати махсуси худ» калимаҳои «, вазъи баамаломада дар бозори мол, кор ва хизматрасонии мушаххас» илова карда шаванд.

17. Дар қисми 1 моддаи 27:

- дар ҷумлаи якум калимаҳои «ҳадди баландтарини маблағи харид» ба калимаҳои «ду ҳазору панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо» иваз карда шаванд;

- дар ҷумлаи дуюм калимаҳои «маблағи панҷкаратаи ҳадди баландтарини маблағи харид» ба калимаҳои «дувоздаҳ ҳазору панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо» иваз карда шаванд;

- ҷумлаи нав бо мазмуни зерин илова карда шавад: «Номгӯи ҳолатҳои махсус аз тарафи мақоми ваколатдор бо тартиби муқаррargардида тасдиқ карда мешавад.».

18. Дар қисми 1 моддаи 29 калимаҳои «мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» ба калимаҳои «ташкилоти харидор» иваз карда шаванд.

19. Сархати панҷуми қисми 1 моддаи 32 хориҷ карда шавад.

20. Дар қисми 1 моддаи 33 калимаҳои «як ҳафтаи» ба калимаҳои «як рӯзи» иваз карда шаванд.

21. Дар қисми 1 моддаи 34:

- дар ҷумлаи якум калимаҳои «Даъватнома ҷиҳати иштирок дар озмуни харид» ва «бошад» мувофиқан ба калимаҳои «Ҳуҷҷатҳои тендерӣ» ва «бошанд» иваз карда шаванд;

- ба сархати шашум баъд аз калимаҳои «ифодаи пулӣ» калимаҳои «ва ё баҳо (балҳо)» илова карда шаванд;

- дар сархати ёздаҳум калимаҳои «шакли намунавӣ» ба калимаи «шакл» иваз карда шаванд;

- ба сархати чордаҳум пеш аз калимаи «мӯҳлате» калимаҳои «бо нишон додани» илова карда шаванд.

22. Дар моддаи 35:

- ба қисми 2 баъд аз калимаҳои «баъди гирифтани дархост» калимаҳои «, вале то гузаштани мӯҳлати пешниҳоди дархости тендерӣ» илова карда шаванд;

- дар қисми 3 калимаҳои «ҳуҷҷати гуфтушунид» ба калимаҳои «ҳуҷҷатҳои тендерӣ» иваз карда шаванд.

23. Дар моддаи 37:

- дар қисми 4 калимаҳои «ирсол мегардад» ба калимаҳои «ирсол гардида, ҳамзамон дар ҳамон воситаҳои ахбори омма ва (ё) Бюллетени хариди давлатӣ нашр мегардад» иваз карда шаванд;

- дар қисми 5 калимаҳои «ба маблағи камтар аз нархи баландтарини ниҳоӣ» хориҷ карда, ҷумлаҳои нав бо мазмуни зерин илова карда шаванд: «Татбиқи ҳуқуқи маҳдуд намудани мӯҳлат танҳо дар ҳолате иҷозат дода мешавад, ки ягон довталаби эҳтимолӣ тамдиди мӯҳлати маҳдудшударо талаб накарда бошад. Дар мавриди изҳори чунин талабот, мӯҳлати пешниҳоди дархостҳои тендерӣ ба мӯҳлати иловагии талабшуда тамдид карда мешавад, вале наметавонад аз мӯҳлати дар сархати якуми қисми 2 моддаи мазкур муқарраршуда зиёд бошад. Талаботи тамдиди мӯҳлати маҳдудшуда бояд на дертар аз 3 рӯз то оғози кушодани лифофаҳои дорои дархостҳои тендерӣ пешниҳод гардад. Оид ба тамдид намудани мӯҳлати маҳдудшуда довталабоне, ки ҳуҷҷатҳои тендериро дастрас намудаанд, огоҳ карда, ҳамзамон дар ҳамон воситаҳои ахбори омма тағйири дахлдор нашр карда мешавад.»;

- қисми 6 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«6. Дар ҳолати татбиқи ҳуқуқи пешбининамудаи қисми 5 моддаи мазкур мӯҳлати пешниҳоди дархостҳои тендерӣ наметавонад аз рӯзи нашри даъватнома ҷиҳати иштирок дар озмуни харид камтар аз даҳ рӯз бошад. Дар асоси дархости ташкилоти харидор ҳангоми ба миён омадани зарурати хариди фаврӣ, мӯҳлати пешниҳоди дархостҳои тендерӣ метавонад аз рӯзи нашри даъватнома ҷиҳати иштирок дар озмуни харид камтар аз даҳ рӯз бошад.».

24. Дар моддаи 39:

- ба қисми 2 баъд аз калимаҳои «кафолати дархости тендерӣ» калимаҳои «бо фоиз» илова карда шаванд;

- дар сархати сеюми қисми 4 калимаи «бо» ба калимаи «то» иваз карда шавад.

25. Дар қисми 3 моддаи 41 калимаҳои «шакли намунавӣ» ба калимаи «шакл» иваз карда шавад.

26. Дар моддаи 42:

- аз қисми 5 калимаи «(предмети)» хориҷ карда шавад;

- ба қисми 6 баъд аз сархати чорум сархати нав бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- агар нархи дархости тендерии довталаб аз маблағи барои хариди иҷрои корҳои сохтмон ҷудогардида зиёда аз 10 фоиз камтар бошад;»;

- дар қисми 7:

- дар зербанди а):

- аз сархати якум калимаҳои «, бо назардошти имтиёзе, ки ба молрасонҳои (пудратчиёни) дохилӣ фароҳам оварда мешавад ва мутобиқи моддаи 18 Қонуни мазкур татбиқ мегардад» хориҷ карда шаванд;

- ба сархати дуюм баъд аз калимаҳои «дар ифодаи пулӣ» калимаҳои «ё фоиз» илова карда шаванд;

- аз сархати якуми зербанди б) калимаҳои «бо назардошти имтиёзоте, ки ба молрасонҳои (пудратчиёни) дохилӣ фароҳам оварда шудааст ва мутобиқи моддаи 18 Қонуни мазкур татбиқ мегарданд» хориҷ карда шаванд.

27. Дар моддаи 44:

- сархати дуюми қисми 1 хориҷ карда шавад;

- дар қисми 5 калимаҳои «сархати якум ва дуюми» ба калимаҳои «сархати якуми» иваз карда шаванд.

28. Дар моддаи 45:

- қисми 1 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«1. Ташкилоти харидор ӯҳдадор аст на дертар аз се рӯзи баъд аз интихоби ғолиби озмун ҳамаи молрасонҳои (пудратчиёни) иштирокдоштаро дар ин хусус бо ҳар роҳи мақбул, ки метавонад дар мавриди зарурат ва минбаъд тасдиқи худро ёбад, огоҳ созад.»;

- қисми 3 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«3. Ташкилоти харидор ва ғолиби озмун ҳуқуқ доранд дар сурати оғоз нагардидани расмиёти пешниҳоди шикоят тибқи моддаҳои 79-81 Қонуни мазкур қарордоди харидро баъд аз 3 рӯзи огоҳ сохтани иштирокчиёни озмун дар бораи интихоби ғолиби озмун ба имзо расонанд. Дар сурати гузаштани мӯҳлати амали дархости тендерии ғолиби озмун то лаҳзаи бастани қарордод, аз ҷониби ғолиби озмун ба имзо расонидани қарордод тасдиқи розигии ӯ барои дароз намудани мӯҳлати дархости тендерӣ маҳсуб меёбад. Ҳангоми истифодаи усулҳои «Дархости нархнома» ва «Харид аз як манбаъ» қарордоди харид метавонад дар ҳар вақти баъд аз хотима ёфтани расмиёти интихоби ғолиби озмун, молрасон (пудратчӣ) ба имзо расонида шавад.».

29. Дар моддаи 46:

- сархати ҳаштуми қисми 1 хориҷ карда шавад;

- ҷумлаи дуюми қисми 2 дар таҳрири зерин ифода карда шавад: «Ташкилоти харидор дар бораи ин ё он харид ба мақоми ваколатдор ҳар семоҳа ҳисоботи ҷамъбастиро тибқи шакли аз ҷониби мақоми ваколатдор тасдиқшуда пешниҳод менамояд.»;

- аз қисми 4 калимаи «ҳаштум,» хориҷ карда шавад;

- дар қисми 6 калимаҳои «таҳияи он» ба калимаҳои «ба имзо расонидани қарордод» иваз карда шаванд.

30. Дар қисми 1 моддаи 70 калимаҳои «ҳадди камтарини маблағи харид» ба калимаҳои «ду ҳазору панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо» иваз карда шаванд.

31. Дар қисми 4 моддаи 74 калимаҳои «дар хусуси арзиши қарордод иттилоот» ба калимаҳои «ҳисобот оид ба расмиёти хариди давлатӣ тибқи моддаи 46 Қонуни мазкур» иваз карда шаванд.

32. Дар моддаи 79:

- қисми 1 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«1. Иштирокчиёни расмиёти хариди давлатӣ ҳуқуқ доранд то бастани қарордоди харид ба ташкилоти харидор ва (ё) мақоми ваколатдор шикоят пешниҳод намоянд. Бастани қарордоди харид ҳуқуқи минбаъд ба мақоми ваколатдор пешниҳод намудани шикоятро маҳдуд намесозад.»;

- аз ҷумлаи якуми қисми 2 калимаҳои «дар давоми 15 рӯзи баъди эълони натиҷаҳои расмиёти харид» ва ҷумлаи дуюм хориҷ карда шаванд;

- дар сархати дуюми қисми 3 рақами «6» ба рақами «5» иваз карда, сархати сеюм хориҷ карда шавад.

33. Дар қисми 1 моддаи 80 калимаҳои «баровардани қарор дар бораи интихоби суратгирифта» ба калимаҳои «бастани қарордод» иваз карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 16 апрели соли 2012 №815**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 29 феврали соли 2012 №704**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон» баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 29 марти соли 2012 №295**

**Моддаи 1.** Ба Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 ноябри соли 2000 қабул гардидааст (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2000, №11, мод. 510; с. 2006, №3, мод. 164; с. 2008, №3, мод. 200; с. 2009, №12, мод. 824), тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар моддаи 2:

- номи модда дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«Моддаи 2. Мафҳумҳои асосӣ»;

- қисми якум бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«Дар Кодекси мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода карда мешаванд:»;

- пас аз сархати сиюҷорум сархатҳои нав бо мазмуни зайл илова карда шаванд:

«- **идоракунии ҳамгироиёнаи захираҳои об** – низоми идоракунӣ, ки баҳисобгирӣ ва таъсири мутақобилаи захираҳои об (обҳои рӯизаминӣ, зеризаминӣ ва бозпасгашта) ва захираҳои замин, инчунин захираҳои дигари табиии ба онҳо вобастаро дар ҳудуди муайяни гидрографӣ ба асос гирифта, манфиати соҳаҳо ва сатҳҳои гуногуни истифодабарии об ва захираҳои табииро алоқаманд месозад ва онҳоро ба раванди қабули қарор, банақшагирӣ, маблағгузорӣ, ҳифз ва рушди захираҳои об ба манфиати рушди устувори ҷомеа ва ҳифзи муҳити зист ҷалб менамояд;

- **иншооти хоҷагии об** – обанборҳо, сарбандҳо, каналҳо, заҳбуру заҳкашҳо, қубурҳои об, чоҳҳои об, ҷӯйҳо, иншооти гидротехникӣ, садҳои муҳофизат аз об, новаҳо, қубурҳои об бо коммуникатсияҳо ва дигар ҷузъиёти инфрасохторӣ;

- **нақшаи ҳавзавии истифодабарӣ ва ҳифзи захираҳои об** – нақшаи рушд, истифодаи ҳамгироиёна ва ҳифзи захираҳои об дар ҳудуди гидрографии ҳавзаи асосии манбаи об;

- **шабакаи заҳбуру заҳкашҳо** – шабакаи бо ҳам пайвасти заҳбурҳо ва заҳкашҳои кушода ва пӯшида, иншооти гидротехникӣ, чоҳҳои амудӣ ва инфрасохтори дигар, аз ҷумла ҳамаи қитъаҳои замине, ки барои таъмини нигоҳдорӣ, истифодабарӣ ва таъмири шабакаҳои заҳбуру заҳкашҳо ҷудо шудаанд;

- **ташкилоти ҳавзавии захираҳои об** - сохтори ҳудудии мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба танзими истифода ва ҳифзи захираҳои об, ки барои идоракунии захираҳои об дар ҳудуди ҳавзаи асосӣ масъул мебошад;

- **шартнома оид ба обрасонӣ** – санади ҳуқуқие, ки байни истифодабарандагони аввала ва баъдинаи об ва ташкилоти обрасон оид ба шартҳои обрасонӣ ба мӯҳлати муайян баста мешавад;

- **Шӯрои миллии об** – мақоми машваратию маслиҳатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки фаъолияти вазорату идораҳо ва мақомоти дигари давлатӣ, инчунин ташкилотҳои ғайридавлатиро дар бобати банақшагирӣ, идоракунӣ, истифодабарӣ ва ҳифзи захираҳои об ҳамоҳанг месозад;

- **Шӯрои ҳавзавии об** – мақоми машваратию маслиҳатии ҳавзавӣ, ки фаъолияти ташкилотҳои давлатӣ ва ғайридавлатиро дар бобати банақшагирӣ, истифодабарӣ ва ҳифзи захираҳои оби ҳавзаи муайяни об ҳамоҳанг месозад;»;

- дар охири сархатҳои якум - сиюякум аломати нуқта ба аломати нуқта вергул «;» иваз карда шавад.

2. Дар сархатҳои бистум ва бистуҳафтуми моддаи 2, моддаи 9, қисми 1 моддаи 12, моддаи 15, қисми 1 моддаи 16, моддаи 19, қисмҳои 1 ва 2 моддаи 21, қисми 2 моддаи 23, қисми 1 моддаи 25, қисми 2 моддаи 26, моддаи 32, қисми 2 моддаи 34, қисми 1 моддаи 35, қисми 1 моддаи 36, қисми 3 моддаи 37, қисми 2 моддаи 38, сархати панҷуми қисми 1 моддаи 43, қисми 4 моддаи 44, сархати даҳуми моддаи 45, сархати панҷуми қисми 1 моддаи 49, қисми 2 моддаи 50, сархати панҷуми қисми 2 моддаи 54, моддаи 56, қисми 2 моддаи 61, қисми 2 моддаи 70, моддаи 72, моддаи 74, қисми 2 моддаи 76, қисми 2 моддаи 79, қисмҳои 1 ва 2 моддаи 83, қисми 2 моддаи 88, моддаи 92, қисми 1 моддаи 93, моддаи 98, қисми 3 моддаи 100, моддаи 105, моддаи 106, моддаи 108, моддаи 112, моддаи 113, моддаи 114, моддаи 115, қисмҳои 1 ва 2 моддаи 117, моддаи 127, моддаи 128, моддаи 129, қисми 2 моддаи 130, моддаи 135, қисми 1 моддаи 136, қисми 1 моддаи 137 ва қисми 1 моддаи 140 калимаҳои «мақомоти ваколатдори махсуси давлатӣ доир ба танзими истифода ва ҳифзи об», сархати сеюми моддаи 6 калимаҳои «мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба истифода ва ҳифзи захираҳои об», сархати ҳафтуми моддаи 7 калимаҳои «мақомоти ваколатдори махсуси давлатӣ оид ба истифода ва ҳифзи захираҳои об», моддаи 46 калимаҳои «мақомоти ваколатдори махсуси давлатӣ доир ба истифода ва ҳифзи об», қисми 2 моддаи 65 калимаҳои «мақомоти махсуси ваколатдори давлатӣ оид ба танзими истифода ва ҳифзи об», қисми 1 моддаи 100 калимаҳои «мақомоти ваколатдори махсуси давлатӣ оид ба танзим истифода ва ҳифзи об», қисми 2 моддаи 100 ва моддаи 120 калимаҳои «мақомоти ваколатдори махсуси давлатӣ оид ба танзими истифода ва ҳифзи об», қисми 3 моддаи $132^{2}$ калимаҳои «мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба истифода ва ҳифзи захираҳои об» мувофиқан ба калимаҳои «мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба танзими истифода ва ҳифзи захираҳои об» иваз карда шаванд.

3. Дар қисми 2 моддаи 33 калимаҳои «ба танзими истифода ва ҳифзи об» ба калимаҳои «дар мувофиқа бо мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба танзими истифода ва ҳифзи захираҳои об» иваз карда шаванд.

4. Дар сархати сеюми моддаи 69 калимаҳои «мақомоти ваколатдори махсуси вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ доир ба танзими истифода ва ҳифзи об» ба калимаҳои «мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба танзими истифода ва ҳифзи захираҳои об ва ташкилотҳои дар маҳал будаи онҳо» иваз карда шаванд.

5. Дар ном ва матни моддаи 114 калимаҳои «ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот» ва «Ҷамоати шаҳрак ва деҳот» мувофиқан ба калимаҳои «мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» ва «Мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» иваз карда шаванд.

6. Ба Кодекс Боби $23^{1}$ бо мазмуни зайл илова карда шавад:

**«БОБИ $23^{1}$. ИДОРАКУНИИ ҲАВЗАВИИ ИСТИФОДАБАРӢ ВА ҲИФЗИ ЗАХИРАҲОИ ОБ**

**Моддаи $140^{1}$. Идоракунии ҳавзавии захираҳои об**

1. Идоракунии ҳавзавии захираҳои об бо назардошти манфиати ҳамаи истифодабарандагони об дар ҳудудҳои алоҳидаи гидрографӣ дар асоси принсипи идоракунии ҳамгироиёнаи захираҳои об ба роҳ монда мешавад.

2. Барои ташкили идоракунии ҳавзавии захираҳои об Шӯрои миллии об ва дар ҳавзаҳои алоҳида шӯроҳои ҳавзавии об таъсис дода мешаванд.

**Моддаи $140^{2}$. Шӯрои миллии об ва салоҳияти он**

1. Шӯрои миллии об аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешавад, ки он дорои чунин салоҳият мебошад:

- ҳамоҳангсозии фаъолияти вазорату идораҳо ва мақомоти дигари давлатӣ, инчунин ташкилотҳои ғайридавлатӣ дар бобати банақшагирӣ, идоракунӣ, истифодабарӣ ва ҳифзи захираҳои об;

- таҳияи пешниҳодҳо оид ба муқаррар намудани ҳудуди гидрографии ҳавзаҳои асосии об;

- баррасии лоиҳаи Стратегияи миллии об ва пешниҳоди он ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- тасдиқи нақшаҳои ҳавзавии истифодабарӣ ва ҳифзи захираҳои об;

- баррасии ҳисоботи солонаи вазорату идораҳо ва мақомоти дигари давлатӣ оид ба идоракунӣ, истифодабарӣ ва ҳифзи захираҳои об;

- иҷрои дигар вазифаҳое, ки Кодекси мазкур муайян намудааст.

2. Шӯрои миллии об аз роҳбарони вазорату идораҳо ва мақомоти дигари давлатие иборат аст, ки масъулияти идоракунии захираҳои об, аз ҷумла ҷанбаҳои молиявӣ ва амнияти давлатиро ба зимма доранд. Ба ҳайати Шӯрои миллии об намояндагони ташкилотҳои ғайридавлатӣ, мутахассисон ва коршиносони алоҳидаи соҳаи захираҳои об ва иқтисодиёт метавонанд дохил карда шаванд. Ҳайати Шӯрои миллии об ва раиси он аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд.

3. Фаъолияти Шӯрои миллии об тибқи низомномаи он, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, амалӣ карда мешавад.

**Моддаи $140^{3}$. Шӯрои ҳавзавии об ва ваколатҳои он**

1. Шӯрои ҳавзавии об дар назди ташкилоти ҳавзавии захираҳои об барои ҳамоҳангсозии фаъолияти ташкилотҳои давлатӣ ва ғайридавлатии ба об алоқаманд таъсис дода мешавад.

2. Ба ҳайати Шӯрои ҳавзавии об намояндагони корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо, ки фаъолияташон ба банақшагирӣ, истифодабарӣ ва ҳифзи захираҳои оби ҳавза алоқаманд аст, дохил мешаванд. Роҳбари ташкилоти ҳавзавии захираҳои об ҳамзамон раиси Шӯрои ҳавзавии об мебошад.

3. Шӯрои ҳавзавии об дорои чунин вазифаҳо мебошад:

- баррасӣ ва тасдиқи нақшаи солонаи ҳавзавии истифодабарии об;

- ҳамоҳангсозии фаъолияти корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо доир ба масъалаҳои банақшагирӣ, истифодабарӣ ва ҳифзи захираҳои об дар ҳавза;

- баррасии ташаккули ҳаҷми маблағгузории солонаи корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо – истифодабарандагони об доир ба идоракунӣ, истифодабарӣ ва ҳифзи захираҳои оби ҳавза, тарифи ҳаққи хизмати обрасонӣ, таъмини оби нӯшокӣ ва дигар хизматрасонӣ;

- иҷрои дигар вазифаҳое, ки Кодекси мазкур муайян кардааст.

4. Фаъолияти Шӯрои ҳавзавии об тибқи низомномаи он, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба танзими истифода ва ҳифзи захираҳои об тасдиқ гардидааст, амалӣ карда мешавад.

**Моддаи $140^{4}$. Стратегияи миллии об**

1. Стратегияи миллии об ба принсипи идоракунии ҳамгироиёнаи захираҳои об асос ёфта, самтҳои асосии банақшагирӣ, истифодабарӣ ва ҳифзи захираҳои обро бо назардошти дурнамои рушди соҳаҳои иқтисодиёт муайян менамояд.

2. Стратегияи миллии об аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба танзими истифода ва ҳифзи захираҳои об бо ҷалби мақомоти дигари манфиатдор таҳия ва дар Шӯрои миллии об баррасӣ гардида, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

3. Мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба танзими истифода ва ҳифзи захираҳои об қоидаҳои асосии Стратегияи миллии обро тавассути воситаҳои ахбори омма ба маълумоти аҳли ҷомеа мерасонанд.

**Моддаи $140^{5}$. Нақшаҳои ҳавзавии истифодабарӣ ва ҳифзи захираҳои об**

1. Лоиҳаҳои нақшаҳои ҳавзавии истифодабарӣ ва ҳифзи захираҳои об барои ҳавзаҳои алоҳида аз ҷониби ташкилоти ҳавзавии захираҳои об бо назардошти идоракунии ҳамгироиёнаи захираҳои об таҳия карда мешаванд.

2. Лоиҳаҳои нақшаҳои ҳавзавии истифодабарӣ ва ҳифзи захираҳои об дар Шӯрои ҳавзавии об тибқи тартиби муқаррargардида баррасӣ ва барои тасдиқ ба Шӯрои миллии об пешниҳод карда мешаванд.

3. Нақшаҳои ҳавзавии истифодабарӣ ва ҳифзи захираҳои об дар асоси Стратегияи миллии об таҳия гардида, нақшаҳои кӯтоҳмӯҳлат, миёнамӯҳлат ва дарозмӯҳлати истифода ва ҳифзи захираҳои обро дар ҳудуди ҳавзаи муайян дар бар мегирад.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 16 апрели соли 2012 №821**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## Дар бораи омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ»**

Мутобиқи моддаҳои 36 ва 40 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

1.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ» қабул карда шавад.

2.Қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 декабри соли 1999, №880 «Дар бораи мавриди амал қарор додани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи омодагии сафарбарӣ ва сафарбарӣ» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.1999, №12, мод.319) аз эътибор соқит дониста шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 21 декабри соли 2011 №625**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ» баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 29 марти соли 2012 №272**

Қонуни мазкур муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим дароварда, принсипҳои асосӣ, тартиб, салоҳият, ӯҳдадориҳо ва масъулияти мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, шахсони мансабдор ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ин соҳа муқаррар менамояд.

### БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

**Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода бурда мешаванд:

- **сафарбарӣ** - маҷмӯи чорабиниҳои умумидавлатии марбут ба гузаронидани соҳаҳои иқтисодиёт, мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ (минбаъд-ташкилотҳо), қаламрав ва аҳолӣ ба низоми ҳолати ҷанг, Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар воҳидҳои ҳарбӣ ва махсус ба ташкил, ҳайат ва идоракунӣ дар замони ҷанг (сафарбарии умумӣ ва ё қисме аз онҳо - сафарбарии ҷузъӣ);

- **омодагӣ ба сафарбарӣ** - маҷмӯи чорабиниҳои дар замони осоишта гузаронидашаванда ва ба идоракунии устувори давлат дар замони ҷанг, гузариши муташаккилонаи соҳаҳои иқтисодиёти мамлакат ба таъмин намудани талаботи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар воҳидҳои ҳарбӣ ва махсус, аҳолӣ, ҳифзи мусаллаҳона ва мудофиаи мамлакат, таъмини фаъолияти воҳидҳои марзиву маъмурӣ ва ташкилотҳо дар давраи сафарбарӣ, ҳолати ҷанг ва замони ҷанг равонашуда;

- **мақоми ваколатдор дар соҳаи омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ** – мақоми давлатии амалисозандаи ташаккулёбии сиёсати давлатӣ дар соҳаи омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ;

- **иқтидорҳои сафарбарӣ** – майдонҳои истеҳсолӣ, таҷҳизоти технологӣ, ҳуҷҷатҳои муҳандисӣ–техникӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои барои иҷрои фармоишҳои сафарбарӣ таъингардида;

- **захираи сафарбарӣ** – захираи эҳтиётии сарватҳои моддӣ ва масолеҳи барои эҳтиёҷоти сафарбарии давлат пешбинишуда оид ба вусъат додани истеҳсоли маҳсулоти саноатии таъиноти ҳарбӣ ва дигар намудҳои маҳсулоти саноатӣ, таъмири техника ва молу мулки ҳарбӣ дар давраи махсус, вусъат бахшидан ба корҳои барқароркунии роҳҳои оҳан ва автомобилгард, аэродромҳо, хатҳои алоқа ва иншооти он, қубурҳои нафту газ, системаи таъминоти обу барқ дар замони ҷанг барои таъмини кори мунтазами соҳаҳои саноат, нақлиёт ва алоқа, расонидани ёрии тиббӣ;

- **супориши сафарбарӣ** – супориш ба мақомоти давлатӣ барои иҷрои чорабиниҳои ба ҳалли вазифаҳо доир ба таъмини фаъолияти устувори давлат дар давраи сафарбарӣ, ҳолати ҷанг ва замони ҷанг равонашуда;

- **фармоиши сафарбарӣ** – фармоиши давлатӣ ба ташкилотҳо оид ба истеҳсоли мол (кор, хизматрасонӣ)-ҳои номгӯи муайян, миқдор ва сифати онҳо, таъсиси воҳидҳои махсус дар давраи сафарбарӣ, ҳолати ҷанг ва замони ҷанг;

- **нақшаи сафарбарӣ** – нақшаи чорабиниҳои аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқкардашудаи ба татбиқи чораҳо оид ба вусъатдиҳии сафарбарии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар воҳидҳои ҳарбӣ ва махсус, гузариши соҳаҳои иқтисодиёт, мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳо, воҳидҳои марзиву маъмурӣ ва аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми фаъолият дар давраи сафарбарӣ, ҳолати ҷанг ва замони ҷанг бо роҳи иҷрои супориш (фармоиш)-ҳои сафарбарӣ, инчунин дигар чорабиниҳои омодагӣ ба сафарбарӣ равонашуда;

- **сохтори сафарбарӣ** – сохтори аз тарафи мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳо таъсисдодашуда барои ташкили чорабиниҳо доир ба омодагӣ ба сафарбарӣ, сафарбарӣ ва назорати иҷрои онҳо;

- **брон кардан** – муваққатан озод намудани шахсони мансабдор, кормандони соҳибихтисос ва мутахассисони дар эҳтиёт қарордоштаи мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин ташкилотҳо аз даъват ба хизмати ҳарбӣ дар давраи сафарбарӣ ва замони ҷанг.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон иборат аст.

**Моддаи 3. Принсипҳои асосии омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ**

Принсипҳои асосии омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ инҳоянд:

- қонуният;
- риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;
- ҳатмӣ будани гузаронидани омодагӣ ба сафарбарӣ;
- нигаҳдорӣ, дахлнопазирии иқтидорҳо ва захираи сафарбарӣ;
-роҳбарии мутамарказ ҷиҳати ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои нақшавӣ;
- омодагии пешакӣ ва таъмини чорабиниҳои нақшавӣ;
- маҷмӯӣ (комплексӣ) будан ва ҳаммувофиқатии чорабиниҳои соҳавӣ ва ҳудудӣ;
- назорати доимии ташкил ва гузаронидани чорабиниҳо.

**Моддаи 4. Мундариҷаи омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ**

Ба мундариҷаи омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ дохил мешаванд:

- таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ;
- таъмини илмию методии омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ;
- омода намудани қаламрав, соҳаҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муайян кардани шароити кори мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳо дар давраи сафарбарӣ, ҳолати ҷанг ва замони ҷанг;
- гузаронидани чорабиниҳо оид ба гузариши соҳаҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳо ва воҳидҳои марзиву маъмурӣ ба кор дар шароити замони ҷанг;
- таҳияи нақшаҳои сафарбарии соҳаҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳо, воҳидҳои марзиву маъмурӣ, аҳолӣ, Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар воҳидҳои ҳарбӣ ва махсус;
- таҳияи қоидаҳои омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- таҳияи тартиби огоҳонидан дар бораи сафарбарӣ;
- омода намудани аҳолӣ, Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар воҳидҳои ҳарбӣ ва махсус барои сафарбарӣ;
- гузаронидани сафарбарии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар воҳидҳои ҳарбӣ ва махсус;
- баҳодиҳии ҳолати тайёрии сафарбарии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ташкил, инкишоф ва нигаҳдории иқтидорҳо ва объектҳои сафарбарӣ барои истеҳсоли маҳсулоте, ки барои қонеъ гардонидани талаботи давлат, Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар воҳидҳои ҳарбӣ ва махсус, эҳтиёҷоти аҳолӣ дар замони ҷанг зарур аст;
- таъсис ва омода намудани воҳидҳои махсусе, ки ҳангоми эълони сафарбарӣ барои супоридан ба Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ё барои истифодабарӣ ба манфиати онҳо, инчунин ба манфиати иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин шудаанд;
- омода кардани техникае, ки ҳангоми эълони сафарбарӣ барои таҳвил ба Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар воҳидҳои ҳарбӣ ва махсус ё барои истифодабарӣ ба манфиати онҳо таъин шудааст;
- ташкил, ҷамъоварӣ, нигаҳдорӣ ва азнавкунии захираҳои эҳтиётии сарватҳои моддии захираҳои сафарбарӣ ва давлатӣ, захираҳои эҳтиётии камнашавандаи маҳсулоти озуқаворӣ ва нафтӣ;
- ташкил, нигаҳдорӣ ва истифодаи фонди суғуртавии ҳуҷҷатҳои аслиҳа ва техникаи ҳарбӣ, маҳсулоти таъиноти стратегӣ, объектҳои дорои хатари зиёд, системаҳои таъминоти зиндагии аҳолӣ ва объектҳое, ки сарвати миллӣ мебошанд;
- омодагӣ ва ташкили таъминоти меъёрии аҳолӣ бо маҳсулоти озуқаворӣ ва ғайриозуқаворӣ, хизматрасонии тиббӣ, воситаҳои алоқа ва нақлиёт дар давраи сафарбарӣ, ҳолати ҷанг ва дар замони ҷанг;
- ташкил намудани нуқтаҳои эҳтиётии идоракунии мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳо ва омода намудани онҳо ба кор дар шароити замони ҷанг;
- омодагии воситаҳои ахбори омма ба кор дар давраи сафарбарӣ ва дар замони ҷанг;
- ташкили бақайдгирии ҳарбӣ дар мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳо;
- тайёр кардани шаҳрвандон аз рӯи ихтисосҳои қайди ҳарбӣ барои пуррагардонии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар воҳидҳои ҳарбӣ ва махсус дар давраи сафарбарӣ ва дар замони ҷанг;
- барои давраи сафарбарӣ ва замони ҷанг брон кардани шаҳрвандоне, ки дар эҳтиёти Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, дар мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳо кор мекунанд;
- гузаронидани машғулият ва машқҳо барои вусъат додани сафарбарӣ ва иҷрои нақшаҳои сафарбарӣ;
- такмили ихтисоси кормандони сохторҳои сафарбарӣ;
- ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ;
- иҷрои дигар чорабиниҳои ба омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ алоқаманд, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст.

### БОБИ 2. САЛОҲИЯТИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА МАҚОМОТИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ ОМОДАГӢ БА САФАРБАРӢ ВА САФАРБАРӢ

**Моддаи 5. Салоҳияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ**

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- роҳбарии умумии фаъолияти мақомоти давлатиро дар соҳаи омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд;
- мақоми ваколатдорро дар соҳаи омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ муайян менамояд;
- мақсад ва вазифаҳои омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбариро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд;
- ҳисоботи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бораи масъалаҳои омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ баррасӣ менамояд;
- оид ба масъалаҳои омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ фармонҳо мебарорад;
- ҳангоми таҳдиди хатари воқеӣ ба амнияти давлат ҳолати ҷангро эълон менамояд ва фармонро ба тасдиқи ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мекунад;
- дар саросари Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё дар маҳалҳои алоҳидаи он вазъияти фавқулодда эълон намуда, фармонро фавран ба тасдиқи ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд ва ба Созмони Милали Муттаҳид хабар медиҳад;
- низоми кори мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳоро дар давраи сафарбарӣ, ҳолати ҷанг ва дар замони ҷанг муқаррар менамояд;
- нақшаи сафарбарии Ҷумҳурии Тоҷикистонро тасдиқ менамояд;
- қоидаҳои омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро тасдиқ менамояд;
- тартиби қоидаҳои баҳодиҳии тайёрии сафарбарӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро тасдиқ менамояд;
- тартиби огоҳонидан дар бораи сафарбариро тасдиқ менамояд;
- назорати гузаронидани чорабиниҳо оид ба вусъат додани сафарбарии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар воҳидҳои ҳарбӣ ва махсус, ҳамчунин ҳангоми эълони сафарбарӣ иҷрои қарорҳоро дар бораи гузариши соҳаҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми ҳолати ҷанг ташкил менамояд;
- шартномаҳои байналмилалиро дар бораи ҳамкорӣ оид ба масъалаҳои омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ ба имзо мерасонад;
- тибқи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дигар салоҳияти барои ҳимояи давлат заруриро оид ба масъалаҳои омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ амалӣ менамояд.

**Моддаи 6. Салоҳияти Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи омадагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ**

1. Ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бораи ҷорӣ намудани ҳолати ҷанг ва вазъияти фавқулодда тасдиқ менамояд;
- барои истифодаи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон берун аз ҳудуди он барои иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон розигӣ медиҳад.

2. Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- қонунҳои қабулнамудаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масаъалаҳои омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ ва ба онҳо ворид намудани тағйиру иловаҳоро баррасӣ менамояд;
- тибқи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дигар салоҳиятро оид ба масъалаҳои омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ амалӣ менамояд.

3. Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- қонунҳо оид ба масъалаҳои омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбариро қабул карда, ба онҳо тағйиру иловаҳо ворид менамояд;
- санадҳои ҳуқуқии байналмилалиро оид ба масъалаҳои омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ тасдиқ ва бекор мекунад;
- тибқи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дигар салоҳиятро оид ба масъалаҳои омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ амалӣ менамояд.

**Моддаи 7. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- ба омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбарӣ намуда, иҷрои онро таъмин мекунад;
- фаъолияти мувофиқашуда ва ҳамкории мутақобилаи мақомоти давлатиро дар соҳаи омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ муайян мекунад;
- вазифаҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро оид ба таъмини мудофиаи ҳудудӣ, таҷҳизонидани фаврии ҳудуд ва гузаронидани чорабиниҳо доир ба мудофиаи граждании муқаррар мекунад;
- тартиби бастани шартнома (қарордод)-ҳоро дар бораи аз тарафи ташкилотҳо иҷро гардидани фармоишҳои сафарбарӣ ва таъмини фармоишҳои мазкурро бо захираҳои моддию техникӣ муайян менамояд;
- тартиб ва манбаъҳои маблағгузории чорабиниҳо оид ба омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбариро ба ташкилотҳое, ки фармоишҳои сафарбарӣ доранд, муайян мекунад;
- тартиби бекор кардан ва додани фармоишҳои сафарбариро ҳангоми муфлисшавӣ, барҳамдиҳӣ, азнавташкилдиҳӣ ва тағйирёбии самти фаъолияти ташкилотҳо муайян менамояд;
- гузаронидани машғулият (машқ)-ҳои ҳарбӣ ва фармондеҳӣ-ситодӣ барои вусъат додани сафарбарӣ ва иҷрои чорабиниҳои сафарбариро дар Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар воҳидҳои ҳарбӣ ва махсус ташкил мекунад;
- тартиби ташаккул, ҷамъоварӣ, нигаҳдорӣ, хизматрасонӣ ва истифодабарии сарватҳои моддии захираи сафарбариро дар захираи моддии давлатӣ муқаррар менамояд;
- тартиби ташкил, нигаҳдорӣ ва истифодаи фонди суғуртавии ҳуҷҷатҳои аслиҳа ва техникаи ҳарбӣ, маҳсулоти таъиноти стратегӣ, объектҳои дорои хатари зиёд, системаҳои таъминоти зиндагии аҳолӣ ва объектҳоеро, ки сарвати миллӣ мебошанд, муқаррар менамояд;
- тартиби ҳисоботдиҳии омориро дар соҳаи омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ муқаррар мекунад;
- ҳолати тайёрии сафарбарии Ҷумҳурии Тоҷикистонро арзёбӣ намуда, дар ин хусус ҳар сол ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот пешниҳод менамояд;
- омодагии соҳаҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шароити кори мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳоро дар давраи сафарбарӣ, ҳолати ҷанг ва замони ҷанг ташкил мекунад;
- омодагии таъминоти меъёрии аҳолӣ бо маҳсулоти озуқаворӣ ва ғайриозуқаворӣ, хизматрасонии тиббӣ ва таъмини он бо воситаҳои алоқа ва нақлиётро дар давраи сафарбарӣ, ҳолати ҷанг ва дар замони ҷанг ташкил мекунад;
- гузаронидани машғулият ва машқҳоро барои вусъат додани сафарбарӣ ва иҷрои нақшаҳои сафарбарӣ таъмин менамояд;
- ташкил ва тартиби брон кардани шаҳрвандони дар эҳтиёт қарордоштаро барои давраи сафарбарӣ ва замони ҷанг муайян менамояд;
- тибқи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дигар салоҳиятро оид ба масъалаҳои омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ амалӣ менамояд.

**Моддаи 8. Ваколатҳои мақоми ваколатдор дар соҳаи омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ**

1. Мақоми ваколатдор дар соҳаи омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ (минбаъд-мақоми ваколатдор) ташаккулёбии сиёсати давлатиро дар соҳаи омодагӣ ба сафарбарӣ, сафарбарӣ ва назорати иҷрои онро аз тарафи мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои дахлдор амалӣ менамояд. Низомномаи мақоми ваколатдор аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

2. Мақоми ваколатдор дар доираи ваколатҳои худ:

- фаъолияти мақомоти давлатиро дар соҳаи омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ ҳамоҳанг месозад;
- дар якҷоягӣ бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ нақшаи сафарбарии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳия мекунад, нақшаҳои сафарбарии мақомоти давлатӣ ва воҳидҳои марзиву маъмуриро мувофиқа менамояд;
- қоидаҳои омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳия менамояд;
- қоидаҳои баҳодиҳии тайёрии сафарбарӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳия менамояд;
- тартиби огоҳонидан дар бораи сафарбариро таҳия менамояд;
- номгӯй ва ҳаҷми зарурии сарватҳои моддиро дар захираи сафарбарӣ аз рӯи вазифаҳои сафарбарӣ таҳия карда, супориши сафарбариро барои иҷро ба мақомоти дахлдор ирсол менамояд;
- ташкил, нигаҳдорӣ ва истифодаи фонди суғуртавии ҳуҷҷатҳои аслиҳа ва техникаи ҳарбӣ, маҳсулоти таъиноти стратегӣ, объектҳои дорои хатари зиёд, системаҳои таъминоти зиндагии аҳолӣ ва объектҳоеро, ки сарвати миллӣ мебошанд, амалӣ менамояд;
- таҳқиқоти илмӣ ва таъминоти методиро дар соҳаи омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ, инчунин такмили ихтисоси мутахассисони сохторҳои сафарбариро ташкил менамояд;
- ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба бекор кардан ва додани фармоишҳои сафарбарӣ ҳангоми муфлисшавӣ, азнавташкилдиҳӣ, барҳамдиҳӣ ва тағйирёбии самти фаъолияти ташкилотҳое, ки фармоишҳои сафарбарӣ доранд, тибқи гузориши мақомоти давлатӣ таклифҳо пешниҳод менамояд;
- ҳуқуқи ба таъхир андохтани даъвати шаҳрвандон ё гурӯҳи алоҳидаи шаҳрвандонро ба хизмати ҳарбӣ тибқи сафарбарӣ дорад (бозмедорад);
- дар рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ иштирок менамояд.

**Моддаи 9. Ваколатҳои вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва дигар мақомоти давлатӣ дар соҳаи омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ**

Вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва дигар мақомоти давлатӣ:

- сохторҳои сафарбариро дар мувофиқа бо мақоми ваколатдор таъсис медиҳанд;
- нақшаҳои сафарбариро дар мувофиқа бо мақоми ваколатдор таҳия ва амалӣ менамоянд;
- омодагӣ ба сафарбарии ташкилотҳоро ба нақша мегиранд, ташкил ва роҳбарӣ менамоянд, шароитҳои зарурии иҷрои супориш ва фармоишҳои сафарбариро муайян мекунанд;
- барои омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ дар соҳаи дахлдор масъул буда, ба кормандони сохторҳои сафарбарӣ барои иҷрои ӯҳдадориҳои ба зиммаи онҳо гузошташуда шароитҳои зарурӣ фароҳам меоранд;
- ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳаҷми маблағгузории чорабиниҳо оид ба омодагӣ ба сафарбарӣ таклифҳо пешниҳод менамоянд;
- ташкил, инкишоф ва нигаҳдории иқтидорҳои сафарбарӣ, ҷамъоварии захираҳои давлатӣ ва сафарбариро анҷом медиҳанд;
- бо ташкилотҳо вобаста ба иҷрои фармоишҳои сафарбарӣ шартномаҳо мебанданд;
- ба мақоми ваколатдор оид ба бекор кардани фармоишҳои сафарбарӣ ва иқтидорҳои сафарбарӣ ҳангоми муфлисшавӣ, барҳамдиҳӣ, азнавташкилдиҳӣ ва тағйирёбии самти фаъолияти ташкилотҳое, ки фармоишҳои сафарбарӣ доранд, таклифҳо пешниҳод менамоянд;
- дар ҳамкории мутақобила бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба омодагӣ барои иҷрои нақшаҳои сафарбарӣ чорабиниҳо мегузаронанд;
- дар ҳолати эълон намудани сафарбарӣ дар ҳамкории мутақобила бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ гузаронидани маҷмӯи чорабиниҳо оид ба гузариши ташкилотҳо ба низоми ҳолати ҷангро ташкил ва таъмин менамоянд;
- дар таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ дар доираи ваколатҳои худ иштирок мекунанд;
- ба мақоми ваколатдор оид ба ташаккулёбии сиёсати давлатӣ дар соҳаи омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ таклифҳо пешниҳод менамоянд;
- дар сохторҳо ва ташкилотҳои тобеъ гузаронидани машғулият (машқ)-ҳои фармондеҳӣ-ситодиро оид ба чорабиниҳои сафарбарӣ ташкил мекунанд;
- бақайдгирии ҳарбии шахсони ӯҳдадории ҳарбидошта ва даъватшавандаро дар сохторҳо ва ташкилотҳои тобеи худ, барои давраи сафарбарӣ ва замони ҷанг брон кардани шаҳрвандонеро, ки дар эҳтиёт қарор дошта, дар вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, инчунин дар сохторҳо ва ташкилотҳои тобеи онҳо кор мекунанд, ташкил намуда, тибқи тартиби муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоди ҳисоботро оид ба брон кардан таъмин менамоянд;
- тибқи супоришҳои сафарбарии тасдиқнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон воҳидҳои махсус таъсис медиҳанд, ки дар замони ҷанг ба манфиатҳои иқтисодиёт ва мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда мешаванд;
- гузаронидани чорабиниҳо оид ба сафарбариро дар сохторҳо ва ташкилотҳои тобеи худ ҳамоҳанг месозанд ва назорат мебаранд, инчунин таъмини методии ин чорабиниҳоро амалӣ менамоянд.

**Моддаи 10. Ваколатҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар соҳаи омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ**

Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар доираи ваколатҳои худ:

- омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбариро ташкил ва таъмин менамоянд;
- омодагӣ ба сафарбарии ташкилотҳоеро, ки фаъолияташон дар ҳудуди мансуб ба тобеияти онҳо сурат мегирад, роҳбарӣ менамоянд;
- сохторҳои сафарбариро таъсис медиҳанд;
- нақшаҳои сафарбарии маҳаллиро дар мувофиқа бо мақоми ваколатдор тасдиқ мекунанд ва иҷрои онҳоро таъмин менамоянд;
- ба мақоми ваколатдор оид ба такмилдиҳии омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ таклифҳо пешниҳод менамоянд;
- ба фаъолияти комиссариатҳои ҳарбӣ мусоидат карда, пешниҳоди маълумотро ба онҳо доир ба бақайдгирии ташкилотҳо таъмин менамоянд;
- сари вақт огоҳкунӣ ва ҳозиршавии шаҳрвандонеро, ки бояд ба хизмати ҳарбӣ тибқи сафарбарӣ даъват карда шаванд, таҳвили техника ба нуқтаҳои ҷамъшавӣ ё қисмҳои ҳарбӣ, пешниҳоди биноҳо, иншоот, воситаҳои коммуникатсионӣ, қитъаҳои замин, воситаҳои нақлиёт ва дигар воситаҳои моддиро тибқи нақшаҳои сафарбарӣ ташкил мекунанд;
- барои давраи сафарбарӣ ва замони ҷанг бақайдгирии ҳарбӣ ва брон кардани шаҳрвандонеро, ки дар эҳтиёт қарор дошта, дар ташкилотҳои фаъолияташон дар ҳудуди мансуб ба тобеияти онҳо кор мекунанд, ташкил ва таъмин менамоянд, пешниҳоди ҳисоботро оид ба брон кардан бо тартиби муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин мекунанд.

### БОБИ 3. ӮҲДАДОРИҲОИ ТАШКИЛОТҲО, ҲУҚУҚ ВА ӮҲДАДОРИҲОИ ШАҲРВАНДОНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОҲАИ ОМОДАГӢ БА САФАРБАРӢ ВА САФАРБАРӢ

**Моддаи 11. Ӯҳдадориҳои ташкилотҳо дар соҳаи омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ**

1. Ташкилотҳо дар соҳаи омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ ӯҳдадоранд:

- оид ба таъмини тайёрии сафарбарии худ чорабиниҳо ташкил намоянд ва гузаронанд;
- сохторҳои сафарбарӣ таъсис диҳанд ё кормандонеро, ки вазифаҳои сохторҳои сафарбариро иҷро мекунанд, таъин намоянд;
- дар асоси подош нигаҳдорӣ, дахлнопазирии иқтидорҳои сафарбарӣ ва сарватҳои моддии захираи сафарбариро, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудаанд, таъмин намоянд;
- дар доираи ваколатҳои худ тибқи нақшаи сафарбарии маҳаллӣ нақшаи чорабиниҳо оид ба сафарбариро таҳия карда, иҷрои онҳоро таъмин намоянд;
- оид ба омодагии истеҳсолот барои иҷрои фармоишҳо дар давраи сафарбарӣ, ҳолати ҷанг ва дар замони ҷанг чорабиниҳо гузаронанд;
- бо мақсади таъмини омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ фармоишҳои сафарбариро мувофиқи шартнома (қарордод)-ҳо иҷро намоянд;
- ҳангоми эълони сафарбарӣ барои гузариши истеҳсолот ба кор дар шароити замони ҷанг чорабиниҳо гузаронанд;
- ба комиссариатҳои ҳарбӣ оид ба кори сафарбарӣ дар замони осоишта ва ҳангоми эълони сафарбарӣ мусоидат намоянд;
- сари вақт огоҳ кардан ва ба нуқтаҳои ҷамъшавӣ ё қисмҳои ҳарбӣ ҳозир шудани шаҳрвандонеро, ки бо онҳо муносибатҳои меҳнатӣ дошта, ҳангоми сафарбарӣ бояд ба хизмати ҳарбӣ даъват шаванд, таъмин намоянд;
- таҳвили техникаро ба нуқтаҳои ҷамъшавӣ ё қисмҳои ҳарбӣ тибқи нақшаҳои сафарбарӣ таъмин намоянд;
- мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон биноҳо, иншоот, воситаҳои коммуникатсионӣ, қитъаҳои замин, воситаҳои нақлиёт ва дигар воситаҳои моддиро тибқи нақшаҳои сафарбарӣ бо ҷуброни зарари ба онҳо расонидашуда аз тарафи давлат бо тартиби муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд;
- ҷузъу томҳои бақайдгирии ҳарбиро таъсис диҳанд, корҳоро барои бақайдгирии ҳарбӣ ва брон кардани шаҳрвандони дар эҳтиёт қарордошта, ки дар ин ташкилотҳо кор мекунанд, барои давраи сафарбарӣ ва замони ҷанг иҷро намоянд, пешниҳоди ҳисоботро оид ба брон кардан таъмин намоянд;
- фаъолияти воҳидҳои махсусро, ки хароҷоти нигаҳдории онҳо аз ҳисоби буҷети давлатӣ пардохт карда мешаванд, барои иҷрои вазифаҳои омодагӣ ба сафарбарӣ ташкил ва таъмин намоянд.

2. Ташкилотҳо (ҳангоми мавҷуд будани имкониятҳо), бо мақсади таъмини мудофиаи кишвар ва амнияти давлат, ҳуқуқ надоранд, ки аз бастани шартнома (қарордод)-ҳо оид ба иҷрои фармоишҳои сафарбарӣ саркашӣ кунанд. Товони зарари ба ташкилотҳо расонидашуда вобаста ба иҷрои фармоишҳои сафарбарӣ бо тартиби муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷуброн карда мешавад.

3. Ташкилотҳо ӯҳдадоранд, ки иттилооти барои таҳия ва иҷрои чорабиниҳои сафарбарӣ заруриро бо тартиби муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд.

**Моддаи 12. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои шаҳрвандон дар соҳаи омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ**

1. Шаҳрвандони дар давраи сафарбарӣ, ҳолати ҷанг ва дар замони ҷанг даъватшуда тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳуқуқҳои хизматчиёни ҳарбӣ бархӯрдор мебошанд.

2. Шаҳрвандон дар соҳаи омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ ӯҳдадоранд:

- мувофиқи даъват барои муайян кардани таъиноти худ дар давраи сафарбарӣ ва дар замони ҷанг ба комиссариатҳои ҳарбӣ ҳозир шаванд;
- талаботеро, ки дар дастурҳои сафарбарии гирифтаи онҳо, даъватнома ва фармонҳои комиссарони ҳарбӣ дарҷ шудаанд, иҷро намоянд;
- мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони ҷанг бо мақсади таъмини мудофиаи мамлакат ва амнияти давлат биноҳо, иншоот, воситаҳои нақлиёт ва дигар молу мулки дар моликияти онҳо қарордоштаро, бо ҷуброни зарари ба онҳо расонидашуда, аз тарафи давлат, бо тартиби муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешниҳод намоянд.

3. Шаҳрвандон дар давраи сафарбарӣ ва дар замони ҷанг ба иҷрои корҳо бо мақсади таъмини мудофиаи мамлакат ва амнияти давлат ҷалб гардида, инчунин бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба воҳидҳои махсус дохил карда мешаванд.

### БОБИ 4. АСОСҲОИ ТАШКИЛИИ ОМОДАГӢ БА САФАРБАРӢ ВА САФАРБАРӢ, ТАРТИБИ МАБЛАҒГУЗОРӢ ВА ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ ОНҲО

**Моддаи 13. Ташкил ва тартиби омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ**

1. Ташкил ва тартиби омодагӣ ба сафарбарии мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳо, соҳаҳои иқтисодиёт, қаламарав, аҳолӣ, Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар воҳидҳои ҳарбӣ ва махсус тибқи Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд.

2. Шахсони мансабдори мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳо барои иҷрои ӯҳдадориҳои ба зиммаи онҳо гузошташуда оид ба ташкил ва тартиби омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон масъулияти шахсӣ дошта, ба кормандони сохторҳои сафарбарӣ барои иҷрои ӯҳдадориҳои ба зиммаи онҳо гузошташуда шароитҳои зарурӣ фароҳам меоранд.

**(Идома дар саҳ. 10)**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## Дар бораи омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ

(Идома аз саҳ. 9)

**Моддаи 14. Сохторҳои сафарбарӣ**

1. Мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳое, ки супориш (фармоиш)-ҳои сафарбарӣ ё оид ба кори сафарбарӣ вазифаҳо доранд, барои ташкили чорабиниҳо доир ба омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ, назорати иҷрои онҳо дар ҳудуди шумораи кормандони худ сохторҳои сафарбарӣ таъсис медиҳанд.

2. Ҳайат ва штатҳои сохторҳои сафарбарӣ, бо назардошти хусусият ва ҳаҷми супориш (фармоиш)-ҳои сафарбарӣ ё вазифаҳо оид ба кори сафарбарӣ, муайян карда мешаванд. Вобаста ба ҳаҷми супориш (фармоиш)-ҳо ё вазифаҳои зикргардида ба ивази таъсиси сохторҳои сафарбарӣ метавонанд кормандони сафарбарӣ таъин карда шаванд.

3. Роҳбарони сохторҳои сафарбарӣ ё кормандони сафарбарӣ бевосита ба роҳбарони мақомоти дахлдори давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳо тобеъ мебошанд.

4. Низомномаи намунавии сохторҳои сафарбарӣ бо пешниҳоди мақоми ваколатдор аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад. Низомномаҳои сохторҳои сафарбарӣ, ки дар ҳайати мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳо таъсис дода мешаванд, аз тарафи роҳбарони онҳо тасдиқ карда мешаванд.

5. Маблағгузории сохторҳои сафарбарӣ ва кормандони сафарбарӣ дар доираи маблағҳои буҷетии барои таъминоти онҳо ҷудошуда ё аз ҳисоби мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳое, ки сохтори сафарбарӣ ё кормандони сафарбарӣ ба ҳайати онҳо дохиланд, амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 15. Захираи сафарбарӣ**

1. Захираи сафарбарӣ қисми таркибии захираи моддии давлатӣ ба ҳисоб рафта, танҳо дар давраи сафарбарӣ, ҳолати ҷанг ва замони ҷанг барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷот ва таъмини фаъолияти устувори соҳаҳои иқтисодиёт, Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар воҳидҳои ҳарбӣ ва махсус, инчунин ташкилотҳои дорои фармоишҳои сафарбарӣ истифода бурда мешавад.

2. Тартиби ташкил, нигаҳдорӣ ва хизматрасонии захираи сафарбарӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

**Моддаи 16. Ӯҳдадории ҳарбию нақлиётӣ**

1. Бо мақсади таъмини Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо воситаҳои нақлиёт дар замони ҷанг, ҳангоми эълони ҳолати ҷанг ё сафарбарӣ дар замони осоишта-ҳангоми гузаронидани Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар воҳидҳои ҳарбӣ ва махсус ба ҳолати дараҷаи муайяни тайёрии ҷангӣ-Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ӯҳдадории ҳарбию нақлиётӣ муқаррар менамояд, ки он мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳо, аз ҷумла фурудгоҳҳо, анборҳои моводи нафтӣ, анборҳои таҳвилии сӯзишворӣ, нуктаҳои таъмини сӯзишворӣ, ташкилотҳои таъмирӣ ва дигар ташкилотҳое, ки кори воситаҳои нақлиётро таъмин мекунанд, инчунин шаҳрвандонеро, ки соҳиби воситаҳои нақлиёт мебошанд, фаро мегирад.

2. Товони зарари ҳангоми амалишавии ӯҳдадории ҳарбию нақлиётӣ расонидашуда бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷуброн карда мешавад.

3. Тартиби иҷрои ӯҳдадории ҳарбию нақлиётӣ бо Низомнома оид ба ӯҳдадории ҳарбию нақлиётӣ, ки аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегардад, муайян карда мешавад.

**Моддаи 17. Низоми ташкил ва гузаронидани омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ**

Низоми ташкил ва гузаронидани омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ, инчунин ҳифзи иттилоот оид ба корҳои гузаронидашаванда мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 18. Маблағгузории омодагӣ ба сафарбарӣ, сафарбарӣ ва сохторҳои сафарбарӣ**

1. Маблағгузории омодагӣ ба сафарбарӣ, сафарбарӣ ва сохторҳои сафарбарӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ ва ташкилотҳо амалӣ карда мешавад.

2. Маблағгузории корҳо барои омодагӣ ба сафарбарии аҳамияти маҳаллидошта аз ҳисоби маблағҳои буҷетҳои маҳаллӣ анҷом дода мешавад.

3. Маблағгузории корҳо барои омодагӣ ба сафарбарӣ, ки бо ташаббуси ташкилотҳо дар мувофиқа бо мақоми ваколатдор бо мақсади баланд бардоштани устувории фаъолияти онҳо ва тайёрии сафарбарӣ гузаронида мешавад, аз ҳисоби ташкилотҳо анҷом дода мешавад.

4. Тартиби маблағгузории чорабиниҳо барои омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

**Моддаи 19. Ҳавасмандгардонии омодагӣ ба сафарбарӣ**

1. Бо мақсади ҳавасмандгардонии ташкилотҳое, ки дорои иқтидорҳо ва объектҳои таъиноти сафарбарӣ, захираи сафарбарӣ ва дигар молу мулки таъиноти сафарбарӣ мебошанд, барои нигаҳдорӣ ва истифодаи онҳо, инчунин ба ташкилотҳое, ки корҳои вобаста ба омодагӣ ба сафарбариро маблағгузорӣ менамоянд, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон имтиёзҳо дода мешавад.

2. Имтиёзҳои дигар ба мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳое, ки корҳои вобаста ба омодагӣ ба сафарбариро иҷро мекунанд, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешаванд.

### БОБИ 5.
### ДАЪВАТИ ШАҲРВАНДОНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БА ХИЗМАТИ ҲАРБӢ ТИБҚИ САФАРБАРӢ ВА БРОН КАРДАНИ ОНҲО ДАР ЗАМОНИ ҶАНГ

**Моддаи 20. Даъвати шаҳрвандон ба хизмати ҳарбӣ тибқи сафарбарӣ**

1. Шаҳрвандоне, ки дар эҳтиёт қарор доранд ва барои ба таъхир андохтани даъват ба хизмати ҳарбӣ ҳуқуқ надоранд, ба хизмати ҳарбӣ тибқи сафарбарӣ даъват карда мешаванд.

2. Шаҳрвандоне, ки дар эҳтиёт қарор доранд ва ба хизмати ҳарбӣ тибқи сафарбарӣ даъват нашудаанд, метавонанд барои кор дар мансабҳои ҳайати ғайриҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар воҳидҳои ҳарбӣ ва махсус фиристода шаванд.

3. Шаҳрвандоне, ки бинобар вазъи саломатиашон ғайри қобили хизмати ҳарбӣ ҳисобида шудаанд, инчунин шаҳрвандоне, ки барои содир кардани ҷинояти вазнин ё махсусан вазнин доғи судӣ доранд, ба хизмати ҳарбӣ тибқи сафарбарӣ даъват карда намешаванд.

4. Хизматчиёни ҳарбӣ, ба истиснои занон-хизматчиёни ҳарбие, ки фарзандони то синни шонздаҳсола доранд, ҳангоми эълони сафарбарӣ хизмати ҳарбиро идома медиҳанд.

**Моддаи 21. Ташкили даъвати шаҳрвандон ба хизмати ҳарбӣ тибқи сафарбарӣ**

1. Бо мақсади сари вақт гузаронидани Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар воҳидҳои ҳарбӣ ба ташкил ва ҳайати замони ҷанг ва таъсиси воҳидҳои махсус, шаҳрвандоне, ки дар эҳтиёт қарор доранд, барои адои хизмати ҳарбӣ дар замони ҷанг дар мансабҳои ҳарбӣ ё барои кор дар мансабҳои ҳайати ғайриҳарбӣ, ки бо штатҳои замони ҷанг пешбинӣ шудаанд, қаблан ба қисмҳои ҳарбӣ мансуб дониста мешаванд (ба ҳайати воҳидҳои махсус таъин карда мешаванд).

2. Шаҳрвандоне, ки ба қисмҳои ҳарбӣ мансуб дониста шудаанд (ба ҳайати воҳидҳои махсус таъин карда шудаанд), барои адои хизмат дар замони ҷанг ҳангоми татбиқи чорабиниҳо барои ташкил ва ба ҳайати замони ҷанг гузаронидани қисмҳои ҳарбие, ки шаҳрвандони мазкур ба онҳо мансуб дониста шудаанд, инчунин дар ҳолати таъсиси воҳидҳои махсус ба хизмати ҳарбӣ тибқи сафарбарӣ даъват карда мешаванд.

3. Даъвати шаҳрвандон ба хизмати ҳарбӣ тибқи сафарбарӣ ё равон кардани онҳо барои кор дар мансабҳои ҳайати ғайриҳарбӣ, ки бо штатҳои замони ҷанг пешбинӣ шудаанд, аз тарафи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар якҷоягӣ бо комиссариатҳои ҳарбӣ амалӣ карда мешавад.

4. Тартиби ба хизмати ҳарбӣ тибқи сафарбарӣ даъват кардани шаҳрвандоне, ки ба қисмҳои ҳарбӣ мансуб дониста шудаанд (ба ҳайати воҳидҳои махсус таъин карда шудаанд), барои адои хизмат дар мансабҳои ҳарбии бо штатҳои замони ҷанг пешбинишуда, инчунин равон кардани шаҳрвандон барои кор дар мансабҳои ҳайати ғайриҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар воҳидҳои ҳарбӣ ва махсус аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

**Моддаи 22. Мӯҳлатҳои ба хизмати ҳарбӣ даъват кардани шаҳрвандон тибқи сафарбарӣ**

Даъвати шаҳрвандон ба хизмати ҳарбӣ тибқи сафарбарӣ дар мӯҳлатҳои муқаррарнамудаи нақшаҳои сафарбарии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар воҳидҳои ҳарбӣ ва махсус амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 23. Ӯҳдадориҳои шаҳрвандони тибқи сафарбарӣ ба хизмати ҳарбӣ даъватшаванда**

1. Ҳангоми эълони сафарбарӣ шаҳрвандони ба хизмати ҳарбӣ даъватшаванда ӯҳдадоранд, ки дар мӯҳлатҳои дар дастурҳои сафарбарӣ, даъватномаҳо ё фармонҳои комиссарони ҳарбӣ зикргардида ба нуктаҳои ҷамъшавӣ ҳозир шаванд.

2. Ба шаҳрвандоне, ки дар қайди ҳарбӣ мебошанд, аз лаҳзаи эълони сафарбарӣ бе иҷозати комиссарони ҳарбӣ аз маҳалли зист баромадан манъ аст.

**Моддаи 24. Ба таъхир андохтани даъват ба хизмати ҳарбӣ тибқи сафарбарӣ**

1. Ба таъхир андохтани даъват ба хизмати ҳарбӣ тибқи сафарбарӣ ба шаҳрвандоне пешниҳод карда мешавад, ки:

- брон карда шудаанд;
- бинобар вазъи саломатӣ муваққатан ғайри қобили хизмати ҳарбӣ дониста шудаанд - ба мӯҳлати то шаш моҳ;
- ба нигоҳубини доимии падар, модар, зан, шавҳар, бародар, хоҳар, бобо, бибӣ ва фарзандхонде, ки бо сабаби вазъи саломатӣ тибқи хулосаи комиссияи тиббию машваратӣ ба нигоҳубин (кӯмак, назорат) – и доимии шахсони дигар мӯҳтоҷанд ё маъюби гурӯҳи I мебошанд, инчунин ба нигоҳубини аъзои оилаи ба синни шонздаҳсолагӣ нарасида ҳангоми набудани дигар шахсоне, ки мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини шаҳрвандони мазкур вазифадоранд, машғуланд;
- саробонии панҷ ва (ё) зиёда фарзандони ноболиғро (барои шаҳрвандони ҷинси зан-як фарзанди ноболиғро) ба ӯҳда доранд;
- аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

2. Ба таъхир андохтани даъват ба хизмати ҳарбӣ тибқи сафарбарӣ, ба ғайр аз шаҳрвандони дар қисми 1 моддаи мазкур зикргардида, ба шаҳрвандон ва ё гурӯҳи алоҳидаи шаҳрвандоне, ки мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин ҳуқуқро доранд, пешниҳод карда мешавад.

**Моддаи 25. Ташкил ва тартиби брон кардани шаҳрвандони дар эҳтиёт қарордошта барои давраи сафарбарӣ ва замони ҷанг**

1. Брон кардани шаҳрвандони дар эҳтиёт қарордошта бо мақсади таъмини фаъолияти мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳо дар давраи сафарбарӣ ва дар замони ҷанг гузаронида мешавад.

2. Ташкил ва тартиби брон кардани шаҳрвандони дар эҳтиёт қарордошта барои давраи сафарбарӣ ва замони ҷанг аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

3. Шаҳрвандоне, ки брон карда мешаванд, аз даъват ба хизмати ҳарбӣ тибқи сафарбарӣ ва дар замони ҷанг озод карда мешаванд.

### БОБИ 6.
### МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

**Моддаи 26. Ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ**

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ дар доираи шартномаҳои басташуда, ки ба таъмини амнияти давлат, таҳия ва татбиқи чорабиниҳои манфиатноки мутақобила барои омодагӣ ба сафарбарӣ ва сафарбарӣ, нигаҳдории робитаҳои байниҳамдигарии муфиди ҳарбӣ ва иқтисодӣ алоқаманданд, иштирок менамояд.

**Моддаи 27. Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои вайрон кардани Қонуни мазкур тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 28. Дар бораи аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи омодагии сафарбарӣ ва сафарбарӣ»**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 декабри соли 1999 «Дар бораи омодагии сафарбарӣ ва сафарбарӣ» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1999, №12, мод. 318) аз эътибор соқит дониста шавад.

**Моддаи 29. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

**ш.Душанбе, 16 апрели соли 2012 №799**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд

### Қарори
### Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» қабул карда шавад.

2. Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» дар қироати дуюм аз 17 майи соли 2004 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2004, №4, моддаи 276; соли 2007, №6, моддаи 521; соли 2008, №6, моддаи 530; соли 2010, №8-10, моддаи 659) аз эътибор соқит дониста шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш. ЗУҲУРОВ**

**ш. Душанбе, 7 марти соли 2012 №712**

### Қарори
### Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. УБАЙДУЛЛОЕВ**

**ш. Душанбе, 29 марти соли 2012 № 290**

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурдро муайян намуда, ба ташаккул ва рушди бозори хизматрасонии маблағгузории хурд ва дастгирии соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудааст.

### БОБИ 1.
### МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

**Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- **ташкилотҳои маблағгузории хурд (ташкилоти амонатии қарзии хурд, ташкилоти қарзии хурд ва фонди қарзии хурд)** – ташкилотҳои қарзие, ки дар асоси иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон ба фаъолияти маблағгузории хурд машғул мебошанд;
- **ташкилоти амонатии қарзии хурд** – шахси ҳуқуқие, ки бо мақсади ҷалби амонату пасандоз ва пешниҳод намудани қарзҳои хурд бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур таъсис дода шудааст;
- **ташкилоти қарзии хурд** – шахси ҳуқуқие, ки бо мақсади пешниҳод намудани қарзҳои хурд бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур таъсис дода шудааст;
- **фонди қарзии хурд** - шахси ҳуқуқии ғайритиҷоратие, ки бо мақсади пешниҳод намудани қарзҳои хурд бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур таъсис дода шудааст;
- **қарзи хурд** – қарзе, ки аз ҷониби ташкилоти қарзӣ ба қарзгир бо шартҳои пардохти фоиз ва баргардонидан ба мӯҳлати муайян дода мешавад ва маблағи он аз андозаи муқаррарнамудаи Бонки миллии Тоҷикистон зиёд намебошад;
- **пасандоз** - маблағе, ки ҳуқуқи истифодаи муваққатиаш ба ташкилотҳои қарзӣ бо шарти пардохти фоизи муайян вогузор шудааст;
- **амонат** - маблағ ва сарвати дигари шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба ташкилоти қарзӣ барои нигаҳдорӣ супурда шудаанд;
- **меъёрҳои мақбул** - меъёрҳои иқтисодие, ки аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади танзими фаъолияти ташкилоти амонатии қарзии хурд муқаррар гардида, риояи онҳо аз ҷониби ташкилоти амонатии қарзии хурд ҳатмӣ мебошад.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад.

**Моддаи 3. Муносибати ташкилотҳои маблағгузории хурд бо муштариён**

1. Муносибати ташкилотҳои маблағгузории хурд бо муштариён дар асоси шартнома амалӣ мегардад.

2. Ташкилотҳои маблағгузории хурд бояд то бастани шартномаи қарзӣ ба муштарӣ оид ба фоизи қарз, ки ҳамаи хароҷоти вобаста ба пешниҳод ва хизматрасонии қарзро дар бар мегирад, маълумот пешниҳод намоянд.

3.Ташкилотҳои маблағгузории хурд ҳуқуқи яктарафа тағйир додани шартҳои шартномаҳои пасандозӣ, амонатӣ ва қарзиро надоранд.

4. Ташкилотҳои маблағгузории хурд ба муштариён хизматҳои машваратию иттилоотӣ мерасонанд.

5. Нисбат ба талаботи ташкилотҳои маблағгузории хурд дар бораи баргардонидани қарзи хурд мӯҳлати панҷсолаи даъво татбиқ мегардад.

6. Ташкилотҳои маблағгузории хурд ӯҳдадоранд дар бораи иҷрои ҳама гуна аҳд ва амалиёти шубҳаноки муштариёни худ (кӯшиши анҷом додани аҳд ва амалиёти шубҳанок) ба мақоми ваколатдори давлатии муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм бо тартиби муқаррарнамудаи қонун хабар диҳанд.

7. Амалҳои ташкилотҳои маблағгузории хурд, ки дар қисми 6 моддаи мазкур зикр шудаанд, вайронкунии талаботи сирри бонкӣ ҳисоб карда намешаванд.

**Моддаи 4. Иттиҳодияҳои (ассотсиатсияҳои) ташкилотҳои маблағгузории хурд**

1. Ташкилотҳои маблағгузории хурд бо мақсади ҳамоҳангсозии фаъолият, намояндагӣ ва ҳифзи манфиатҳои умумии молумулкӣ метавонанд иттиҳодияҳо (ассотсиатсияҳо) ташкил намоянд.

2. Иттиҳодияҳои (ассотсиатсияҳои) ташкилотҳои маблағгузории хурд ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ буда, ҳуқуқ надоранд ба фаъолияти маблағгузории хурд машғул шаванд. Фоида аз фаъолияти соҳибкории онҳо дар байни аъзо ё иштирокчиёни ин иттиҳодияҳо (ассотсиатсияҳо) тақсим шуда наметавонанд ва бояд танҳо барои ба даст овардани мақсадҳои оинномавӣ истифода шаванд.

### БОБИ 2.
### ТАЪСИС, САРМОЯИ ОИННОМАВӢ ВА ИДОРАКУНИИ ТАШКИЛОТҲОИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ХУРД

**Моддаи 5. Таъсиси ташкилотҳои маблағгузории хурд**

1. Ташкилоти амонатии қарзии хурд ва ташкилоти қарзии хурд ҳамчун ташкилотҳои тиҷоратӣ дар шакли ҷамъияти саҳомии пӯшида ё ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд бо назардошти талаботи Қонуни мазкур таъсис дода мешаванд.

2. Ҳангоми аз ҷониби ду ва зиёда муассисон таъсис додани ташкилоти амонатии қарзии хурд ва ташкилоти қарзии хурд ҳиссаи ҳар як муассис бояд аз панҷ фоизи сармояи оинномавии ташкилотҳои мазкур кам набошад.

3. Фонди қарзии хурд аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ё ҳуқуқӣ, ба истиснои мақомоти давлатӣ, тибқи талаботи Қонуни мазкур таъсис дода мешавад.

**Моддаи 6. Филиалҳо, намояндагиҳо ва воҳидҳои дигари сохтории ташкилотҳои маблағгузории хурд**

1. Ташкилотҳои маблағгузории хурд метавонанд дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон филиалҳо таъсис диҳанд ва намояндагиҳо кушоянд.

2. Ташкилотҳои маблағгузории хурд ва филиалҳои онҳо барои иҷрои амалиёти алоҳида метавонанд берун аз маҳалли ҷойгиршавии худ воҳидҳои дигари сохториро таъсис диҳанд.

3. Тартиби таъсиси воҳидҳои сохтории мазкур ва номгӯи амалиёти аз ҷониби онҳо иҷрошаванда бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд.

**Моддаи 7. Сармояи оинномавии ташкилотҳои маблағгузории хурд**

1. Ташкилотҳои амонатии қарзии хурд ва ташкилотҳои қарзии хурд сармояи оинномавии худро бо пули миллӣ ташаккул медиҳанд.

2. Ҳадди ақалли сармояи оинномавии ташкилотҳои амонатии қарзии хурд ва ташкилотҳои қарзии хурд аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

3. Фонди қарзии хурд ҳангоми таъсиси он бояд дорои маблағи ибтидоии на камтар аз 300 нишондиҳанда барои ҳисобҳо бо пули миллӣ бошад.

4. Маблағҳои буҷети давлатӣ, фондҳои ғайрибуҷетии давлатӣ, грантҳои ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон додашуда, маблағҳои қарзӣ ё таҳти гарав қарордошта, инчунин ҳуқуқи молумулкӣ ё дигар ҳуқуқе, ки арзиши пулӣ доранд, наметавонанд ба сармояи оинномавии ташкилоти амонатии қарзии хурд, ташкилоти қарзии хурд ва ба маблағи ибтидоии фонди қарзии хурд ворид шаванд.

5. Ҳангоми ба бонк ё ташкилоти амонатии қарзии хурд табдилёбии ташкилоти қарзии хурд бояд сармояи воқеии он аз ҳадди ақалли сармояи оинномавии барои чунин ташкилотҳои қарзии навтаъсис муқарраршуда кам набошад.

6. Ҳангоми ба бонк табдилёбии ташкилоти амонатии қарзии хурд сармояи танзимшавандаи он бояд аз ҳадди ақалли сармояи оинномавие, ки барои бонки навтаъсис муқаррар гардидааст, кам набошад.

**Моддаи 8. Идоракунии ташкилоти амонатии қарзии хурд ва ташкилоти қарзии хурд**

1.Мақомоти идоракунии ташкилоти амонатии қарзии хурд ва ташкилоти қарзии хурд инҳо мебошанд:

- мақоми олӣ - маҷлиси умумии саҳмиядорон (иштирокчиён);
- мақоми идоракунӣ - Шӯрои нозирон;
- мақоми иҷроия - раёсат ва ё директор.

2. Ҳайати Шӯрои нозирон набояд аз 5 нафар ва ҳайати раёсат набояд аз 3 нафар кам бошанд.

3. Мақоми иҷроия аз ҷониби Шӯрои нозирон таъсис дода мешавад.

4. Раёсат ва директор дар як вақт метавонанд ҳамчун мақоми иҷроия таъсис дода шаванд. Дар ин ҳолат директор вазифаи раиси раёсатро иҷро менамояд.

5. Узви мақоми иҷроияи ташкилоти амонатии қарзии хурд ва ташкилоти қарзии хурд наметавонад узви Шӯрои нозирони онҳо бошад.

6. Тартиби идоракунӣ ва ваколатҳои мақомоти ташкилоти амонатии қарзии хурд ва ташкилоти қарзии хурд бо оинномаҳои онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд.

**Моддаи 9. Молу мулки фонди қарзии хурд**

1. Маблағҳои пулие, ки ба фонди қарзии хурд аз ҷониби муассисон дода шудаанд, моликияти фонди қарзии хурд мебошанд.

2. Муассисон ҳуқуқи молумулкиро нисбат ба фонди қарзии хурди таъсисдодаи онҳо надоранд ва аз рӯи ӯҳдадориҳои фонди қарзии хурд ҷавобгар намебошанд.

3. Фонди қарзии хурд аз рӯи ӯҳдадориҳои муассисони худ ҷавобгар намебошад.

4. Фонди қарзии хурд молу мулки худро ба мақсадҳои оинномавӣ истифода мебарад.

5. Дороиҳои фонди қарзии хурд наметавонанд ба муассисон, аъзои мақомоти идоракунӣ, кормандони фонди қарзии хурд, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ройгон дода ва ё ба манфиати онҳо ройгон истифода карда шаванд.

**Моддаи 10. Идоракунии фонди қарзии хурд**

1. Мақомоти идоракунии фонди қарзии хурд инҳо мебошанд:

- мақоми олии идоракунӣ - Шӯрои парасторони фонди қарзии хурд;
- мақоми иҷроия - раёсат ва директори фонди қарзии хурд.

2. Тартиби идоракунии фонди қарзии хурд бо оинномаи он ва тибқи Қонуни мазкур муайян карда мешавад.

**Моддаи 11. Шӯрои парасторони фонди қарзии хурд**

1. Ҳайати ибтидоии Шӯрои парасторони фонди қарзии хурдро маҷлиси умумии муассисон интихоб менамояд. Тағйироти минбаъда дар ҳайати Шӯрои парасторони фонди қарзии хурд аз ҷониби Шӯрои парасторони он анҷом дода мешавад.

2. Аъзои Шӯрои парасторони фонди қарзии хурд вазифаҳои худро бе подош амалӣ менамоянд.

3. Муассисони фонди қарзии хурд узви раёсати фонди қарзии хурд шуда наметавонанд.

4. Ба ваколатҳои истисноии Шӯрои парасторони фонди қарзии хурд масъалаҳои зерин мансуб мебошанд:

- муайян намудани самтҳои афзалиятноки фаъолияти фонди қарзии хурд;
- ворид намудани тағйиру иловаҳо ба оинномаи фонди қарзии хурд;
- азнавташкилдиҳии фонди қарзии хурд;
- тасдиқи дастури Шӯрои парасторони фонди қарзии хурд;
- интихоби аъзои комиссияи тафтишотии фонди қарзии хурд ва тасдиқи низомномаи он;
- тасдиқи низомномаи раёсати фонди қарзии хурд;
- ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намудани раиси раёсати (директори) фонди қарзии хурд ва аъзои раёсати фонди қарзии хурд;
- бастани шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ бо директори фонди қарзии хурд;
- таъсиси мақоми иҷроияи фонди қарзии хурд;
- таъсиси филиалҳо, кушодани намояндагиҳои фонди қарзии хурд ва тасдиқи низомномаҳои онҳо;
- интихоби раиси Шӯрои парасторони фонди қарзии хурд;
- ворид намудани тағйирот ба ҳайати Шӯрои парасторони фонди қарзии хурд;
- назорати фаъолият ва истифодаи молу мулки фонди қарзии хурд;
- интихоби аудитори берунии фонди қарзии хурд ва тасдиқи андозаи подоши хизмати он;
- тасдиқи ҳисоботи солонаи фонди қарзии хурд.

5. Маҷлисҳои Шӯрои парасторони фонди қарзии хурд на камтар аз як маротиба дар се моҳ тибқи дастури он гузаронида мешаванд.

6. Маҷлиси Шӯрои парасторони фонди қарзии хурд метавонад бо ташаббуси раиси Шӯрои парасторони фонди қарзии хурд, на кам аз сеяки аъзои Шӯрои парасторони фонди қарзии хурд ё директори фонди қарзии хурд, ҳамчунин бо талаби ташкилоте, ки санҷиши аудитории фонди қарзии хурдро мегузаронад, даъват карда шавад.

7. Шӯрои парасторони фонди қарзии хурд ҳангоми иштироки на камтар аз нисфи аъзои он дар маҷлиси Шӯрои парасторони фонди қарзии хурд салоҳиятдор мебошад.

8. Қарорҳои Шӯрои парасторони фонди қарзии хурд бо тарафдории на камтар аз се ду ҳиссаи овозҳои аъзои он, ки дар маҷлиси Шӯрои парасторони фонди қарзии хурд иштирок доранд, қабул карда мешаванд.

**Моддаи 12. Мақоми иҷроияи фонди қарзии хурд**

1. Раёсати фонди қарзии хурд дар ҳайати директори фонди қарзии хурд ва на камтар аз ду корманди он таъсис дода мешавад.

2. Раиси раёсати фонди қарзии хурд директори фонди қарзии хурд мебошад.

3. Аъзои дигари раёсати фонди қарзии хурдро бо пешниҳоди директори фонд Шӯрои парасторони фонди қарзии хурд ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд.

4. Раёсати фонди қарзии хурд ҳангоми иштироки на камтар аз нисфи аъзои он дар маҷлиси раёсати фонди қарзии хурд салоҳиятдор мебошад.

5. Қарорҳои раёсати фонди қарзии хурд бо тарафдории на камтар аз се ду ҳиссаи овозҳои аъзои он, ки дар маҷлиси раёсати фонди қарзии хурд иштирок доранд, қабул карда мешаванд.

6. Раёсати фонди қарзии хурд дорои ваколатҳои зерин мебошад:

- роҳбарӣ ба фаъолияти ҷории фонди қарзии хурд;
- барои тасдиқ ба Шӯрои парасторони фонди қарзии хурд пешниҳод кардани буҷет, сохтор ва низоми музди меҳнати кормандони фонди қарзии хурд;
- пешниҳоди лоиҳаи қарорҳо ба Шӯрои парасторони фонди қарзии хурд, ки қабули онҳо ба ваколати Шӯрои парасторони фонди қарзии хурд мансуб мебошад.

7. Директори фонди қарзии хурд фаъолияти ҷории фондро амалӣ менамояд.

8. Директори фонди қарзии хурд дорои ваколатҳои зерин мебошад:

- бе ваколатнома аз номи фонди қарзии хурд амал карда, манфиатҳои онро дар муносибат бо мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо, аз ҷумла ташкилотҳои байналмилалӣ намояндагӣ мекунад;
- иҷрои қарорҳои раёсат ва Шӯрои парасторони фонди қарзии хурдро таъмин менамояд;
- оид ба масъалаҳои фаъолияти ҷории фонди қарзии хурд амру фармонҳо мебарорад;
- кормандони фонди қарзии хурдро ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд;
- ӯҳдадориҳои вазифавиро байни муовинонаш тақсим менамояд;
- ваколатҳои дигари ба фаъолияти фонди қарзии хурд вобастаро, ки ба ваколати раёсат ва Шӯрои парасторони фонди қарзии хурд дохил намешаванд, тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амалӣ менамояд.

**Моддаи 13. Азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии ташкилотҳои маблағгузории хурд**

1. Азнавташкилдиҳии (муттаҳидшавӣ, ҳамроҳшавӣ, тақсимшавӣ, ҷудошавӣ, табдилдиҳӣ) ташкилоти маблағгузории хурд баъди гирифтани розигии Бонки миллии Тоҷикистон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад.

2. Азнавташкилдиҳии фонди қарзии хурд дар шакли тақсимшавӣ, ҷудошавӣ ва табдилдиҳӣ манъ аст.

3. Барҳамдиҳии ташкилотҳои маблағгузории хурд тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ» амалӣ мегардад.

4. Ҳангоми барҳам додани фонди қарзии хурд масъалаҳои марбут ба маблағҳои пулӣ ва молумулкӣ баъди иҷрои ӯҳдадориҳо боқимондаи он тибқи қонунгузорӣ аз тарафи суд ҳал карда мешаванд.

### БОБИ 3.
### ИҶОЗАТНОМАДИҲИИ ФАЪОЛИЯТИ ТАШКИЛОТҲОИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ХУРД

**Моддаи 14. Иҷозатномадиҳии фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд**

1. Фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд дар асоси иҷозатнома амалӣ мегардад.

2. Иҷозатнома ба ташкилотҳои маблағгузории хурд бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон дар шакли хаттӣ, бемӯҳлат ва бе ҳуқуқи ба шахси дигар вогузор кардани он дода мешавад.

3. Барои гирифтани иҷозатнома ташкилотҳои маблағгузории хурд бояд ба Бонки миллии Тоҷикистон ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод намоянд:

- дархост;
- нусхаи аз тарафи роҳбар имзо ва бо мӯҳри ташкилот тасдиқшудаи ҳуҷҷатҳои таъсисотӣ ва шаҳодатномаи бақайдгирии давлатии ташкилоти маблағгузории хурд;
- маълумот дар бораи кормандони роҳбарикунанда бо зикри насаб, ном ва номи падар, шаҳрвандӣ, ҷойи истиқомати доимӣ, ихтисос, таҳсилот, собиқаи корӣ, надоштани доғи судӣ аз рӯи ҷиноятҳои иқтисодӣ ва хусусияти коррупсионидошта, набудани маҳдудият дар фаъолияти касбӣ;
- нусхаи шаҳодатномаи бақайдгирии давлатии муассисон барои шахсони ҳуқуқӣ ва рақами мушаххаси андозсупоранда - барои шахсони воқеӣ;
- нусхаи ҳисоботи молиявии муассисон - шахсони ҳуқуқӣ барои соли охир бо хулосаи аудиторӣ;
- маълумотномаи мақоми ваколатдор оид ба иҷро кардани ӯҳдадориҳо дар назди буҷети давлатӣ барои соли охири фаъолият;
- маълумотнома оид ба қонунӣ будани манбаи маблағҳои пулии ба сармояи оинномавӣ пардохтшавандаи муассисон – барои шахсони воқеӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонун;
- рӯйхати саҳмиядорон (иштирокчиён) ва манфиатдорони ниҳоии саҳмияҳо (ҳиссаҳо) бо зикри нишонӣ ва миқдори саҳмияҳои (ҳиссаҳои) онҳо;
- нақшаи корӣ бо назардошти мақсаду намудҳои фаъолият, тавсифи сохтори ташкилӣ ва низоми назорати дохилӣ, дурнамои ҳисоботи тавозунӣ, даромаду хароҷот ва гардишҳои пулӣ барои се соли фаъолияти минбаъда (ба истиснои фонди қарзии хурд);
- ҳуҷҷати пардохти ҳаққи хизмати баррасии дархост.

4. Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади пуррагардонии маълумоти дар қисми 3 моддаи мазкур ифодагардида метавонад аз ташкилотҳои маблағгузории хурд маълумоти иловагӣ талаб намояд.

5. Бонки миллии Тоҷикистон дар мӯҳлати то ду моҳи баъди пешниҳоди ҳуҷҷатҳо ва маълумоти дар қисмҳои 3 ва 4 моддаи мазкур пешбинигардида дар бораи ба ташкилотҳои маблағгузории хурд додан ё надодани иҷозатнома қарор қабул менамояд.

6. Дар ҳолатҳои истисноӣ Бонки миллии Тоҷикистон метавонад мӯҳлати дар қисми 5 моддаи мазкур пешбинишударо ба мӯҳлати то як моҳ тамдид намуда, дархосткунандаро дар ин хусус бо зикри сабаби чунин таъхир хабардор намояд.

7. Бонки миллии Тоҷикистон пас аз қабули қарор оид ба додани иҷозатнома барои ташкилоти маблағгузории хурд суратҳисоби дахлдор мекушояд ва ҳангоми аз ҷониби ташкилоти маблағгузории хурд пурра пардохт гардидани ҳадди ақалли сармояи оинномавӣ ё маблағи ибтидоӣ (барои фонди қарзии хурд) ва хироҷи иҷозатномадиҳӣ дар мӯҳлати на дертар аз се рӯзи корӣ ба он иҷозатнома медиҳад.

**Моддаи 15. Асосҳо барои надодани иҷозатнома**

1. Бонки миллии Тоҷикистон бо асосҳои зерин ба ташкилоти маблағгузории хурд иҷозатнома намедиҳад:

- пешниҳод нагардидани ҳуҷҷатҳо ва маълумоти дар қисмҳои 3 ва 4 моддаи 14 Қонуни мазкур пешбинишуда;
- вазъи ғайриқаноатбахши молиявии муассисони ташкилоти маблағгузории хурд;

(Идома дар саҳ. 11)

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд

(Идома аз саҳ. 10)

- шубҳанок ё ғайриқонунӣ дониста шудани манбаъҳои пардохти сармояи оинномавӣ ё маблағи ибтидоӣ (барои фонди қарзии хурд).

2. Нисбати қарори Бонки миллии Тоҷикистон дар бораи надодани иҷозатнома ба суд шикоят кардан мумкин аст.

**Моддаи 16. Бозхонди иҷозатнома**

1. Бонки миллии Тоҷикистон метавонад ҳангоми нисбат ба ташкилоти маблағгузории хурд татбиқ намудани чораҳои фаврии ислоҳӣ ва таъсиррасонӣ иҷозатномаи онро бозхонд намояд.

2. Иҷозатномаи ташкилоти маблағгузории хурд аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳолатҳои зерин бояд бозхонд шавад:

- агар баъд аз додани иҷозатнома муқаррар гардад, ки барои гирифтани он ҳуҷҷатҳо бо маълумоти нодуруст пешниҳод шудаанд;
- агар дар давоми 12 моҳ аз рӯзи гирифтани иҷозатнома ташкилоти маблағгузории хурд ба фаъолият шурӯъ накунад ё баъди шурӯъ кардан ба фаъолият зиёда аз 6 моҳ худсарона фаъолияташро боздорад.

3. Бонки миллии Тоҷикистон дар бораи қарори худ оид ба бозхонди иҷозатнома пас аз қабули он дар мӯҳлати як рӯз ба ташкилоти маблағгузории хурд хабар дода, дар мӯҳлати як ҳафта дар воситаҳои ахбори омма иттилоъ ба нашр мерасонад.

4. Бонки миллии Тоҷикистон баъди бозхонди иҷозатномаи ташкилоти маблағгузории хурд бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба суд дар бораи барҳамдиҳии он муроҷиат менамояд.

5. Аз қарори Бонки миллии Тоҷикистон оид ба бозхонди иҷозатнома ба суд шикоят кардан мумкин аст.

**Моддаи 17. Ҳаққи хизмати баррасии дархост ва хироҷи иҷозатномадиҳӣ**

1. Ташкилотҳои маблағгузории хурд ба Бонки миллии Тоҷикистон барои баррасии дархост ҷиҳати гирифтани иҷозатнома ҳаққи хизмат ва барои гирифтани иҷозатнома ба буҷети давлат хироҷ пардохт мекунанд.

2. Ҳаққи хизмат барои баррасии дархост ба андозаи зерин муқаррар карда мешавад:

- барои ташкилоти амонатии қарзии хурд - 7 нишондиҳанда барои ҳисобҳо;
- барои ташкилоти қарзии хурд - 5 нишондиҳанда барои ҳисобҳо;
- барои фонди қарзии хурд - 3 нишондиҳанда барои ҳисобҳо.

3. Ҳангоми рад шудани дархост барои додани иҷозатнома, ҳаққи хизмат баргардонида намешавад.

4. Хироҷи иҷозатномадиҳӣ ба андозаи зерин муқаррар карда мешавад:

- барои ташкилоти амонатии қарзии хурд - 40 нишондиҳанда барои ҳисобҳо;
- барои ташкилоти қарзии хурд - 20 нишондиҳанда барои ҳисобҳо;
- барои фонди қарзии хурд - 10 нишондиҳанда барои ҳисобҳо.

**Моддаи 18. Феҳристи ташкилотҳои маблағгузории хурд**

1. Бонки миллии Тоҷикистон Феҳристи ташкилотҳои маблағгузории хурдро тартиб медиҳад, ки дар он маълумот оид ба ном, нишонии ҳуқуқӣ, санаи додан ва бекор кардани ҳуҷҷати бақайдгирии давлатӣ, санаи додан ва бозхонди иҷозатномаи ташкилоти маблағгузории хурд нишон дода мешавад.

2. Бонки миллии Тоҷикистон Феҳристи ташкилотҳои маблағгузории хурдро дар воситаҳои ахбори омма нашр менамояд.

### БОБИ 4. ФАЪОЛИЯТИ ТАШКИЛОТҲОИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ХУРД

**Моддаи 19. Доираи фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд**

1. Ташкилотҳои маблағгузории хурд ҳуқуқ доранд:

- танҳо ба фаъолияти пешбининамудаи Қонуни мазкур ва иҷозатнома машғул шаванд;
- саҳмияҳои худ ё ҳиссаҳои иштирокчиёнро мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон харидорӣ намоянд;
- маблағҳои озоди худро дар ташкилотҳои қарзӣ ҷойгир намоянд;
- тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи андозаи қарзи хурд ба иҷораи молиявӣ (лизинг) машғул шаванд, ҳамчунин аз ташкилотҳои қарзӣ, шахсони воқеию ҳуқуқии ватанӣ ва хориҷӣ қарз гиранд.

2. Ташкилотҳои маблағгузории хурд ҳуқуқ надоранд:

- ба фаъолияте, ки Қонуни мазкур ва ё иҷозатнома пешбинӣ накардааст, машғул шаванд;
- ба шахсони дигар барои харидани коғазҳои қиматноки баровардаи худ қарз диҳанд;
- таҳти гарави саҳмияҳои худ қарз диҳанд, аз ҷумла қарзе, ки аз иҷрои ҳар гуна ӯҳдадорӣ бармеояд;
- бо асъори хориҷӣ қарз диҳанд, ба истиснои ташкилотҳои амонатии қарзии хурд;
- дар бозори коғазҳои қиматнок фаъолияти касбиро анҷом диҳанд;
- ба фаъолияти истеҳсолӣ, савдо ва суғурта машғул шаванд;
- соҳиби молу мулки ғайриманқул гарданд, ба истиснои молу мулки ғайриманқуле, ки барои таъмини фаъолияти худ ва эҳтиёҷоти иҷтимоии кормандон, аз ҷумла таъмини онҳо бо манзил зарур аст.

3. Ташкилоти маблағгузории хурд ӯҳдадор аст молу мулки ғайриманқулеро, ки дар рафти гузаронидани амалиёти бонкӣ ба даст овардааст, ҳангоми зарар надидан дар муддати се моҳ ва дар дигар ҳолатҳо дар муддати на дертар аз ду соли баъди ба даст овардани он фурӯшад.

**Моддаи 20. Фаъолияти ташкилоти қарзии хурд ва фонди қарзии хурд**

Ташкилоти қарзии хурд ва фонди қарзии хурд амалиёти бонкии зеринро анҷом медиҳанд:

- пешниҳоди қарзҳои хурд;
- бастани қарордодҳои форвардӣ ва своп барои худ.

**Моддаи 21. Амалиёте, ки аз ҷониби ташкилоти амонатии қарзии хурд анҷом дода мешаванд**

Ташкилоти амонатии қарзии хурд метавонад дар доираи меъёрҳои тибқи Қонуни мазкур муқарраркардаи Бонки миллии Тоҷикистон амалиёти бонкии зеринро анҷом диҳад:

- ҷалби амонат ва пасандозҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;
- додани қарзи хурд (бо таъмин ва бе таъмин);
- кушодану пешбурди суратҳисобҳои бонкӣ;
- интиқоли маблағҳои пулӣ бо фармоиши муштариён;
- додани кафолат;
- қарордодҳои форвардӣ ва своп барои худ;
- амалиёти кассавӣ;
- амалиёти ҳисоббаробаркунӣ ва мубодилавӣ;
- барориши кортҳои пардохтии бонкӣ ва амалиёт бо онҳо.

**Моддаи 22. Кормандони роҳбарикунандаи ташкилоти амонатии қарзии хурд**

1. Ба ҳайати кормандони роҳбарикунандаи ташкилоти амонатии қарзии хурд роҳбари мақоми иҷроия, сармуҳосиб, роҳбар ва сармуҳосиби филиали он дохил мешаванд.

2. Кормандони роҳбарикунандаи ташкилоти амонатии қарзии хурд бояд:

- дорои таҳсилоти олии касбии иқтисодӣ буда, аз рӯи ихтисос дар низоми бонкӣ собиқаи кории на камтар аз ду сол дошта бошанд;
- танҳо дар ҳамин ташкилоти амонатии қарзии хурд пурра ва дар як вазифа кор кунанд;
- аз рӯи ҷиноятҳои иқтисодӣ ва хусусияти коррупсионидошта доғи судӣ надошта бошанд;
- дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагӣ кунанд.

3. Ташкилоти амонатии қарзии хурд ӯҳдадор аст Бонки миллии Тоҷикистонро дар бораи тағйирот дар ҳайати кормандони роҳбарикунандаи худ на дертар аз се рӯз пас аз қабули қарори дахлдор хабардор намояд.

### БОБИ 5. МАҚОМИ ТАНЗИМ ВА НАЗОРАТИИ ФАЪОЛИЯТИ ТАШКИЛОТҲОИ МАБЛАҒГУЗОРИИ ХУРД

**Моддаи 23. Бонки миллии Тоҷикистон мақоми танзим ва назоратии фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд**

1. Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади ҳимояи манфиатҳои пасандоздорону амонатгузорон ва таъмини суботи низоми маблағгузории хурд танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурдро амалӣ менамояд.

2. Бонки миллии Тоҷикистон барои ташкилотҳои маблағгузории хурд бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии худ инҳоро муқаррар менамояд:

- меъёри андозаи ниҳоии қарзи хурд, вобаста ба намуди ташкилотҳои маблағгузории хурд;
- қоидаҳои ҳисобдорӣ, таҳияи ҳисобот, аз ҷумла ҳисоботи маҷмӯӣ ва тартиби пешниҳоди он ба Бонки миллии Тоҷикистон;
- ҳадди ақалли сармояи оинномавии ташкилотҳои амонатии қарзии хурд ва ташкилоти қарзии хурд;
- меъёрҳои мақбул ва тартиби ҳисобкунии онҳо барои ташкилотҳои амонатии қарзии хурд;
- тартиби гузаронидани амалиёти ҷудогонаи бонкӣ.

**Моддаи 24. Меъёрҳои мақбул**

1. Бонки миллии Тоҷикистон меъёрҳои мақбули зеринро барои ташкилотҳои амонатии қарзии хурд муқаррар менамояд:

- ҳадди ақалли сармояи оинномавӣ;
- андозаи ниҳоии хавф барои як қарзгир ё гурӯҳи қарзгирони ба ҳам алоқаманд;
- меъёри кифоятии сармоя;
- меъёри пардохтпазирии ҷорӣ;
- меъёри хавфҳои асъорӣ, фоизӣ ва ғайра;
- меъёри истифодаи маблағҳои худӣ барои харидани саҳмияҳои (ҳиссаҳои) шахсони ҳуқуқӣ;
- ҳадди ниҳоии пасандозҳо ва амонатҳои ҷалбшаванда.

2. Қарори Бонки миллии Тоҷикистон дар бораи тағйир додани меъёрҳои мақбул ва тартиби ҳисобкунии онҳо пас аз 90 рӯзи интишори расмӣ мавриди амал қарор дода мешавад.

**Моддаи 25. Назорат ва санҷиш**

1. Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади риояи талаботи Қонуни мазкур, дигар қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон назорат ва санҷиши ташкилотҳои маблағгузории хурдро анҷом медиҳад, нисбат ба онҳо чораҳои фаврии ислоҳӣ ва таъсиррасониро татбиқ менамояд.

2. Мақомоти давлатӣ ҳуқуқ надоранд ба фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд дахолат намоянд.

3. Бонки миллии Тоҷикистон ҳангоми назорат ва санҷиш аз ташкилотҳои маблағгузории хурд, ҷамъиятҳои фаръӣ ва вобастаи онҳо пешниҳоди ҳуҷҷатҳо, тавзеҳот, баёнот, далелҳо, маълумот дар хусуси вазъи молиявӣ, манбаи маблағҳои пулӣ ва ҳар гуна маълумоти иловагии ба фаъолияти он дахлдоштаро талаб менамояд.

4. Кормандони ташкилотҳои маблағгузории хурд ӯҳдадоранд барои гузаронидани санҷиш ба кормандони Бонки миллии Тоҷикистон мусоидат карда, дастрасии онҳоро ба утоқҳои корӣ, хазинаҳо, китобҳои ҳисобдорӣ, суратҳисобҳо, ҳуҷҷатҳо, сабтҳо, аз ҷумла сабтҳои электронӣ таъмин намоянд.

5. Ҳар гуна маълумот, аз ҷумла маълумоти дорои сирри бонкӣ аз ҷониби ташкилотҳои маблағгузории хурд бо талаби кормандони Бонки миллии Тоҷикистон, ки санҷиш мегузаронанд, сари вақт бояд пешниҳод карда шаванд.

6. Кормандони Бонки миллии Тоҷикистон барои риояи талаботи сирри бонкӣ тибқи қонун масъул мебошанд.

7. Бонки миллии Тоҷикистон на камтар аз як маротиба дар ду сол санҷиши маҷмӯии ташкилотҳои амонатии қарзии хурдро анҷом медиҳад.

8. Бонки миллии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад барои бекор кардани аҳдҳои ташкилотҳои маблағгузории хурд, ки бар хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баста шудаанд, ба суд муроҷиат намояд.

9. Тартиби гузаронидани санҷиши фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

**Моддаи 26. Чораҳои фаврии ислоҳӣ ва таъсиррасонӣ**

1. Бонки миллии Тоҷикистон барои вайрон кардани Қонуни мазкур ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон метавонад нисбат ба ташкилотҳои маблағгузории хурд як ё якчанд чораҳои фаврии ислоҳӣ ва таъсиррасонии зеринро татбиқ намояд:

- ҷиҳати ислоҳ ва бартарафсозии камбудиҳо амрнома диҳад;
- гузаронидани як ё якчанд амалиётро маҳдуд ва ё манъ намояд;
- муваққатан аз кор барканор кардан ё аз вазифа озод кардани кормандони роҳбарикунандаи ташкилотҳои амонатии қарзии хурдро талаб намояд;
- меъёрҳои мақбулро барои ташкилотҳои амонатии қарзии хурд ба мӯҳлати то шаш моҳ тағйир диҳад;
- таъсиси филиал ва воҳиди дигари сохториро манъ намояд;
- ба ташкилотҳои амонатии қарзии хурд, ташкилотҳои қарзии хурд ба андозаи то як фоизи ҳадди ақалли сармояи оинномавӣ ва ба фондҳои қарзии хурд ба андозаи то 10 фоизи маблағи ибтидоӣ вобаста аз сатҳи ҳуқуқвайронкунӣ ҷарима таъин намояд;
- азнавташкилдиҳии ташкилоти амонатии қарзии хурдро талаб намояд;
- иҷрои баъзе амалиёти дар иҷозатнома муайяншударо ба мӯҳлати то як сол боз дорад;
- иҷозатномаи ташкилоти маблағгузории хурдро бозхонд намуда, бо тартиби муқаррарнамудаи қонун ба суд дар бораи барҳамдиҳии он муроҷиат намояд.

2. Чораҳои фаврии ислоҳӣ ва таъсиррасониро Бонки миллии Тоҷикистон дар мӯҳлати як сол аз рӯзи аз ҷониби ташкилоти маблағгузории хурд содир гардидани ҳуқуқвайронкуниҳо, аммо на дертар аз се моҳ баъди ошкор шудани онҳо амалӣ менамояд.

**Моддаи 27. Махфият**

1. Маълумот дар бораи фаъолият ва ҳолати молиявии муштарӣ, ки ба ташкилоти маблағгузории хурд ҳангоми хизматрасонӣ ва муносибат бо муштарӣ ё бо шахси сеюм маълум шудааст ва ошкор кардани он метавонад ба муштарӣ зиёни моддӣ ё маънавӣ расонад, сирри бонкӣ мебошад.

2. Маълумоти зерин сирри бонкӣ маҳсуб мешавад:

- дар бораи мавҷудияти суратҳисобҳои бонкӣ, соҳибони онҳо, дар бораи маблағҳои пулии дар онҳо мавҷуда ва амалиёти бо ин суратҳисобҳо иҷрошавандаи муштариён;
- дар бораи интиқоли маблағҳои пулӣ аз тарафи шахсони воқеӣ бе кушодани суратҳисоб ва дар бораи фиристонандагони (гирандагони) онҳо;
- дар бораи маблағҳои пулӣ ва ашёи қиматбаҳои муштарӣ, ки дар ташкилоти маблағгузории хурд нигоҳ дошта мешаванд.

3. Маълумоте, ки ба сирри бонкӣ мансуб мебошад, танҳо ба шахсони зерин дода мешавад:

- ба соҳиби суратҳисоби бонкӣ ва соҳиби ашёи қиматбаҳо ё намояндаи онҳо;
- ба фиристонандагон ва гирандагони интиқолҳои пулӣ;
- ба Бонки миллии Тоҷикистон бо талаби он;
- ба судҳо дар асоси қарори (таъиноти) суд (судя);
- ба иҷрочии суд дар асоси қарори иҷрочии суд вобаста ба ҳуҷҷати иҷро;
- ба бюрои таърихи қарз мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таърихи қарз (кредит)»;
- ба мақомоти таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ аз рӯи парвандаҳои ҷиноятӣ нисбат ба муштариёни ташкилоти маблағгузории хурд, дар асоси қарори (таъиноти) суд (судя) мутобиқи Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ба мақомоти андоз аз рӯи масъалаҳои пардохти андози шахсони ҳуқуқӣ дар асоси мактуби роҳбари мақоми андоз бо пешниҳоди нусхаи фармони мақоми андоз оид ба санҷиши онҳо, агар ин дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шуда бошад.

4. Муқаррароти мазкур дар ҳолати бо сабабҳои гуногун қатъ гардидани муносибатҳо байни муштарӣ ва ташкилоти маблағгузории хурд низ эътибори худро гум намекунанд.

5. Маълумот дар бораи сирри бонкӣ дар сурати вафоти муштарӣ ба инҳо дода мешавад:

- ба шахсоне, ки аз тарафи муштарӣ дар васиятнома зикр шудаанд;
- ба судҳо, идораҳои нотариалӣ ва консулгариҳои хориҷӣ аз рӯи парвандаҳои меросии муштарии фавтида.

6. Ошкор намудани сирри бонкӣ бе риояи шартҳои дар қисми 3 моддаи мазкур муқарраршуда манъ аст, агар Қонуни мазкур ҳолатҳои дигарро пешбинӣ накарда бошад.

7. Барои ғайриқонунӣ ошкор намудани сирри бонкӣ шахсони гунаҳкор бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

8. Маблағҳои дар суратҳисобҳо ё маблағҳо ва дороиҳои дигари дар ташкилоти маблағгузории хурд нигоҳдошташаванда дар асоси қарори (таъиноти) суд (судя), қарори иҷрочии суд вобаста ба ҳуҷҷати иҷро ҳабс карда мешаванд.

9. Ҳангоми ҳабс намудани маблағҳои пулии дар суратҳисобҳо буда, ташкилоти маблағгузории хурд фавран амалиёти додани онро дар доираи маблағе, ки ҳабс карда шудааст, қатъ мекунад.

10. Ҳангоми ҳабс намудани ашёи қиматбаҳои дигаре, ки дар ташкилоти маблағгузории хурд нигоҳ дошта мешавад, ташкилоти маблағгузории хурд додани онро ба соҳибаш қатъ менамояд.

### БОБИ 6. СОЛИ МОЛИЯВӢ ВА АУДИТ

**Моддаи 28. Соли молиявӣ**

Соли молиявии ташкилотҳои маблағгузории хурд 1 январ оғоз ёфта, 31 декабр анҷом меёбад.

**Моддаи 29. Аудит**

1. Бонки миллии Тоҷикистон рӯйхати ташкилотҳои аудиториеро, ки дорои иҷозатномаи дахлдор, тахассус ва таҷрибаи кофии аудити ташкилоти қарзӣ буда, аудити ташкилотҳои қарзиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида метавонанд, муайян ва нашр мекунад.

2. Ташкилотҳои маблағгузории хурд танҳо аз рӯи ҳамин рӯйхат ташкилотҳои аудиториро барои гузаронидани аудит таъин менамоянд. Аудити берунии ҳисоботи молиявии солонаи ташкилотҳои маблағгузории хурд ҳар сол гузаронида мешавад.

3. Муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» нисбат ба ташкилотҳои аудитории хориҷие, ки ба рӯйхати Бонки миллии Тоҷикистон дохил карда шудаанд, татбиқ намегардад.

4. Муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти аудиторӣ» нисбат ба ташкилотҳои аудиторие, ки аудити ташкилоти маблағгузории хурдро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мегузаронанд, бо назардошти Қонуни мазкур татбиқ мегардад.

5. Ташкилоти аудиторӣ ё корманди он бояд молик, корманди роҳбарикунанда, корманд ё намояндаи ташкилоти маблағгузории хурд набошад. Шахсе, ки дар ташкилоти маблағгузории хурд манфиат надорад, ба истиснои ҳолатҳои доштани пасандоз дар ташкилоти маблағгузории хурд, метавонад аудитори он таъин гардад.

6. Агар ташкилоти аудиторӣ ҳангоми гузаронидани аудит соҳиби ин гуна манфиат дар ташкилоти маблағгузории хурд гардад, пас хизматрасонии аудитории вай қатъ гардида, ташкилоти маблағгузории хурд ташкилоти аудитории дигарро таъин мекунад.

7. Ташкилоти аудиторӣ ба ташкилоти маблағгузории хурд хизматрасониҳоеро, ки бо вазифаҳои назорати дохилии ташкилоти маблағгузории хурд алоқаманданд, пешниҳод намекунад, ба истиснои хизматрасониҳои таълимие, ки дорои хусусияти доимӣ намебошанд.

8. Ташкилоти маблағгузории хурд наметавонад пай дар пай як ташкилоти аудиториро ба мӯҳлати зиёда аз се сол аудитор таъин намояд.

9. Мутобиқи стандартҳои байналмилалии аудит ташкилоти аудиторӣ аудити ташкилоти маблағгузории хурдро дар асоси назорати маҷмӯӣ анҷом медиҳад ва:

- изҳор мекунад, ки ташкилоти аудиторӣ ё ягон корманди ташкилоти аудиторӣ дар ташкилоти маблағгузории хурд ягон манфиат надорад ва талаботи қисми 7 моддаи мазкурро иҷро мекунад;
- дар риоя ва нигоҳдории қоидаҳои ташкили низоми дурусти ҳисобгирӣ ба ташкилоти маблағгузории хурд кӯмак мерасонад;
- дар нигоҳдории низоми дурусти назорати молиявӣ ва идоракунии хавфҳо ба ташкилоти маблағгузории хурд мадад мерасонад;
- дар мӯҳлати се моҳи баъди анҷоми соли молиявӣ дар бораи мукаммалӣ, холисӣ ва дурустии ҳисоботи молиявӣ хулосаи аудиторӣ ва назари аудиторӣ омода намуда, дар бораи вазъи молиявии ташкилоти маблағгузории хурд мутобиқи талаботи Қонуни мазкур ба Шӯрои нозирони (парасторони) ташкилоти маблағгузории хурд маълумоти муфассал пешниҳод мекунад;
- ба Шӯрои нозирони (парасторони) ташкилоти маблағгузории хурд ва Бонки миллии Тоҷикистон дар бораи низоми таснифи қарзҳо ва таъминнокии дороиҳои (аз ҷумла, қарзҳои) шубҳанок тибқи талаботи Бонки миллии Тоҷикистон бо нишон додани камбудиҳо назари ташкилоти аудиториро пешниҳод мекунад;
- ба ҳар як узви Шӯрои нозирони (парасторони) ташкилоти маблағгузории хурд ва ба Бонки миллии Тоҷикистон дар бораи ҳар як амали корманди роҳбарикунанда, корманд ё намояндаи ташкилоти маблағгузории хурд, ки аз нигоҳи ӯ вайрон кардани талаботи ин Қонун ё ягон санади меъёрии ҳуқуқӣ мебошад, хабар медиҳад;
- ба ҳар як узви Шӯрои нозирони (парасторони) ташкилоти маблағгузории хурд ва ба Бонки миллии Тоҷикистон дар бораи ҳар як норасоӣ ё камбудии дар идоракунӣ ё амалиёти ташкилоти маблағгузории хурд ошкоршуда хабар медиҳад.

10. Ҳангоми таҳияи хулосаи аудиторӣ масъалаҳои зерин бояд ба назар гирифта шаванд:

- қобили қабул будани гузориш ва иттилооте, ки аз корманди роҳбарикунанда, корманд ё намояндаи ташкилоти маблағгузории хурд ҳангоми аудит талаб шудааст;
- дараҷаи воқеан ҷавобгӯй будани ташкилоти маблағгузории хурд ба талаботи низоми назорати дохилӣ ва муҳосибавӣ;
- усуле, ки ташкилоти маблағгузории хурд барои пешбурди китобҳои ҳисобдорӣ, ҳуҷҷатҳо, ҳисобот ва фарогирии амалиёт, ки барои мониторинг ва аудити дохилию берунӣ зарур аст, истифода мебарад;
- қобилияти кордонӣ ва ба талабот мувофиқ будани роҳбарияти ташкилоти маблағгузории хурд;
- камбудиҳои ҷойдошта, эродҳо ва тавсияҳо барои бартараф кардани онҳо, инчунин иҷрои тавсияҳо ва бартараф намудани эродҳои солҳои гузашта;
- дараҷаи саҳеҳии ҳуҷҷатҳои ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳодшуда ва мувофиқати онҳо ба мазмуни сабтҳо, китобҳои ҳисобдорӣ, низоми ҳисобдорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба ҳамин ҳуҷҷатҳо.

11. Ташкилотҳои маблағгузории хурд дар мӯҳлати на дертар аз 30 рӯзи баъди дастрасии хулосаи аудиторӣ ва тавсияномаи ташкилоти аудиторӣ, нусхаи онҳо ва ҳисоботи молиявии ислоҳшударо ба Бонки миллии Тоҷикистон ирсол менамояд.

12. Бонки миллии Тоҷикистон метавонад аз ташкилоти аудиторӣ маълумоти иловагиро вобаста ба хулосаи он талаб намояд.

13. Пешниҳод кардани хулосаи аудитории носаҳеҳ ва ё муносибати ғаразноки ташкилоти аудиторӣ бо ташкилоти маблағгузории хурд сабаби хориҷ кардани ташкилоти аудиторӣ аз рӯйхати Бонки миллии Тоҷикистон мегардад.

### БОБИ 7. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

**Моддаи 30. Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои вайрон кардани Қонуни мазкур мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 31. Дар бораи аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд»**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 майи соли 2004 «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2004, №5, мод. 349; с. 2007, №7, мод. 679; с.2008, № 10, мод. 808; с.2010, №12, қ.1. мод. 820) аз эътибор соқит дониста шавад.

**Моддаи 32. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

**ш.Душанбе, 16 апрели соли 2012 №816**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот»

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**

**ш.Душанбе, 16 декабри соли 2011 №614**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**

**ш.Душанбе, 29 марти соли 2012 №301**

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 августи соли 2009 «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, № 7-8, мод. 503) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар сархати сеюми моддаи 1 калимаи «салоҳияти» ба калимаи «ваколатҳои» иваз карда шавад.

2. Дар қисми 2 моддаи 6 калимаи «маҳаллӣ» ба калимаҳои «шаҳрак ва деҳот» иваз карда шавад.

3. Дар номи боби 2 калимаи «САЛОҲИЯТ» ба калимаи «ВАКОЛАТҲО» иваз карда шавад.

4. Дар қисми 7 моддаи 8, сархати панҷуми моддаи 10, сархатҳои сеюм ва чоруми қисми 1 моддаи 17, ном ва қисми 1 моддаи 30, қисми 2 моддаи 32, қисми 1 моддаи 34 калимаҳои «таъйини», «таъйин», «Таъйини» мутаносибан ба калимаҳои «таъини», «таъин», «Таъини» иваз карда шаванд.

5. Дар моддаи 10:

-дар номи модда калимаи «Салоҳияти» ба калимаи «Ваколатҳои» иваз карда шавад;

- дар сархати нӯҳум калимаҳои «ташкилоту муассисаҳо» ба калимаи «ташкилотҳо» иваз карда шаванд;
- дар сархати даҳум калимаҳои «тасдиқ ва» ба калимаҳои «тасдиқ ё» иваз карда шаванд.

6. Дар моддаи 11:

-дар номи модда калимаи «Салоҳияти» ба калимаи «Ваколатҳои» иваз карда шавад;

-дар сархати панҷум калимаҳои «корхонаҳои хурд» ба калимаҳои «корхонаҳои коммуналӣ ва дигар корхонаҳо» иваз карда шаванд.

7. Дар ном ва матни моддаи 12 калимаи «Салоҳияти» ба калимаи «Ваколатҳои» ва калимаҳои «салоҳиятҳои», «салоҳияти» ба калимаи «ваколатҳои» иваз карда шаванд.

8. Дар ном ва матни моддаи 13 калимаи «Салоҳияти» ба калимаи «Ваколатҳои», калимаи «салоҳиятҳои» ба калимаи «ваколатҳои», калимаҳои «бозорҳои худӣ» ба калимаҳои «бозорҳои маҳаллӣ» иваз карда шаванд.

9. Дар моддаи 15:

-ба қисми 3 пас аз калимаҳои «вазифаҳои хизматӣ (корӣ)» калимаҳои «бо нигоҳ доштани музди меҳнат» илова карда шаванд;

- аз қисми 4 калимаҳои «бо қарори Ҷамоат» хориҷ карда шаванд;
- ба модда қисми 5 бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«5. Масъалаи пеш аз мӯҳлат қатъ намудани ваколати вакили Ҷамоат дар маҷлиси Ҷамоат баррасӣ гардида, он бо қарори маҷлиси Ҷамоат бо тарафдории на камтар аз се ду ҳиссаи шумораи умумии вакилони Ҷамоат қабул карда мешавад.».

10. Дар моддаи 17:

- дар номи модда калимаи «Салоҳияти» ба калимаи «Ваколатҳои» иваз карда шавад;
- аз қисми 1 калимаҳои «дар доираи салоҳияти худ» хориҷ карда шаванд;
- дар сархати шашуми қисми 1 калимаи «маҳаллӣ» ба калимаҳои «шаҳрак ва деҳот» иваз карда шавад.

11. Дар қисми 1 моддаи 18 калимаҳои «Бо мақсади» ба калимаҳои «Ҷамоат бо мақсади» иваз карда шуда, калимаи «Ҷамоат» баъд аз калимаи «давлатӣ» хориҷ карда шавад.

12. Дар ном ва сархати чоруми моддаи 20 калимаҳои «Салоҳияти» ва «салоҳияти» ба калимаҳои «Ваколатҳои» ва «ваколатҳои» иваз карда шаванд.

13. Дар моддаи 21:

- дар номи модда калимаи «Салоҳияти» ба калимаи «Ваколатҳои» иваз карда шавад;

-дар сархати шашум калимаҳои «корхонаҳои хурд» ба калимаҳои «корхонаҳои коммуналӣ ва дигар корхонаҳо» иваз карда шаванд.

14. Дар номи моддаҳои 22 ва 23 калимаи «Салоҳияти» ба калимаи «Ваколатҳои» иваз карда шавад.

15. Дар моддаи 26:

- матни модда қисми 1 ҳисобида шавад;
- қисми 2 бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«2. Манбаъҳои молиявии шаҳрак ва деҳот тибқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил карда мешаванд.».

16. Дар моддаи 33:

- дар номи модда калимаи «интихоботӣ» ба калимаҳои «интихоботи Ҷамоат» иваз карда шавад;
- сархати сеюми қисми 1 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«-комиссияҳои ҳавзавии интихоботро ташкил мекунад;»;

- дар сархати даҳуми қисми 1 ва қисми 2 калимаҳои «салоҳиятҳои» ва «салоҳияти» ба калимаи «ваколатҳои» иваз карда шаванд.

17. Ба моддаи 36 қисми 4 бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«4. Номзад ба вакили Ҷамоат узви комиссияи интихоботи Ҷамоат, инчунин комиссияи ҳавзавӣ ва ё қитъавӣ, ки овоздиҳиро дар ҳавзаи дахлдори интихобот ташкил мекунанд, буда наметавонад. Шахсе, ки номзадиаш ба вакилӣ пешбарӣ шудааст ва узви яке аз ин комиссияҳо мебошад, аз вақти ҳамчун номзад ба вакилӣ ба қайд гирифта шуданаш аз узвияти ҳамин комиссия озод карда мешавад.».

18. Дар қисми 3 моддаи 37 калимаҳои «5 рӯз пеш аз рӯзи овоздиҳӣ» ба калимаҳои «15 рӯз пеш аз рӯзи овоздиҳӣ оғоз гардида, 5 рӯз қабл аз он» иваз карда шаванд.

19. Дар моддаи 41:

- қисми 3 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«3. Агар дар ҳавзаи интихобот номзадии на бештар аз ду кас барои вакил шудан ба овоз монда шуда, ҳеҷ яке аз онҳо интихоб нагардида бошанд ё интихобот дар ҳавзаи интихобот барпонашуда ё беэътибор дониста шуда бошад ва ё овоздиҳии такрорӣ имкон надода бошад, ки вакили интихобшуда муайян гардад, комиссияи интихоботи Ҷамоат дар ин ҳавзаи интихобот интихоботи такрорӣ мегузаронад. Дар ин ҳолат он метавонад дар бораи гузаронидани интихоботи такрорӣ ва ташкили комиссияи ҳавзавӣ дар ҳайати нав қарор қабул намояд. Овоздиҳӣ дар ҳамон ҳавзаи интихобот мувофиқи рӯйхати интихобкунандагон, ки барои интихоботи асосӣ тартиб дода шуда буд, гузаронида мешавад.»;

- қисми 4 бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«4. Интихоботи такрорӣ дар мӯҳлати на дертар аз ду моҳ баъд аз интихоботи асосӣ гузаронида мешавад. Таъсиси комиссияи интихобот, бақайдгирии номзадҳо ба вакилӣ ва чорабиниҳои дигар мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур сурат мегиранд.».

20. Ба Қонун моддаи $41^{1}$ бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«**Моддаи $41^{1}$. Гузаронидани интихоботи вакилон ба ивази вакилони хориҷшуда**

1. Дар сурати аз ҷониби маҷлиси дахлдори Ҷамоат беэътибор дониста шудани ваколатҳои вакилони алоҳида, бо сабабҳои дигар пеш аз мӯҳлат қатъ гардидани ваколатҳои вакилон, дар ҳавзаи дахлдори интихоботӣ дар мӯҳлати ду моҳи баъд аз лаҳзаи хориҷ шудани вакил интихоботи нав гузаронида мешавад. Интихобот аз тарафи маҷлиси дахлдори Ҷамоат на дертар аз як моҳи пеш аз гузаронидани он таъин гардида, бо риояи талаботи Қонуни мазкур ташкил карда мешавад.

2. Дар сурати камтар аз як сол қабл аз ба охир расидани мӯҳлати ваколатҳои маҷлиси дахлдори Ҷамоат хориҷ шудани вакил интихоботи вакили дигар ба ивази вакили хориҷшуда гузаронида намешавад.».

21. Дар қисми 2 моддаи 45 калимаи «Салоҳиятҳои» ба калимаи «Ваколатҳои» иваз карда шавад.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

**ш.Душанбе, 16 апрели соли 2012 №827**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон

### ҚАРОРИ
### МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаҳои 36 ва 40 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 28 декабри соли 2011 №638**

### ҚАРОРИ
### МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 29 марти соли 2012 №273**

**Моддаи 1.** Ба банди 4) моддаи 345 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2004 қабул карда шудааст (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2004, №12, қ.2, мод.703; мод.704; с.2006, №3, мод.159; с.2007, №7, мод.681; с.2008, №6, мод.459; №10, мод.818; с.2011, №3, мод.160; №6, мод.458), баъд аз калимаҳои «(ки маҷмӯи ягонаро ташкил медиҳанд, яъне бе онҳо кори таҷҳизоти истеҳсолию технологӣ имконнопазир аст)» калимаҳои «, аз ҷумла дар асоси шартҳои иҷораи молиявӣ (лизинг)» ва баъд аз калимаҳои «ситонида шаванд» калимаҳои «, ба истиснои воридоти чунин таҷҳизот дар асоси шартҳои иҷораи молиявӣ (лизинг)» илова карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 16 апрели соли 2012 №800**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия»

### ҚАРОРИ
### МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия»**

Мутобиқи моддаҳои 36 ва 40 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 28 декабри соли 2011 №642**

### ҚАРОРИ
### МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 29 марти соли 2012 №274**

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 майи соли 2004 «Дар бораи милитсия» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2004, №5, мод. 352; с. 2006, №3, мод.148; с. 2007, №7, мод.663; с. 2008, №6, мод.450; с. 2009, №12, мод.820; с. 2011, №3, мод.156) моддаи $19^1$ бо мазмуни зайл илова карда шавад:

**«Моддаи $19^1$. Ҷойивазкунии (ротатсияи) ҳайати роҳбарикунанда дар мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Бо мақсади истифодаи самараноки маҳорати касбӣ, пешгирӣ аз зуҳуроти кирдорҳои коррупсионӣ ва бархӯрди манфиатҳои шахсӣ ва давлатӣ дар мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойивазкунии (ротатсияи) ҳайати роҳбарикунанда гузаронида мешавад.

Қоидаҳои гузаронидани ҷойивазкунии (ротатсияи) ҳайати роҳбарикунандаи мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистонро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 16 апрели соли 2012 №801**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ»

### ҚАРОРИ
### МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 28 декабри соли 2011 №646**

### ҚАРОРИ
### МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 29 марти соли 2012 №275**

**Моддаи 1.** Ба банди 4) моддаи 29 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» аз 2 августи соли 2011 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, № 7-8, мод. 606) сархати сеюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- рухсатнома барои воридот ва содироти маводи доруворӣ ва молҳои тиббӣ;».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 16 апрели соли 2012 №802**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ»

### ҚАРОРИ
### МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 1 феврали соли 2012 №668**

### ҚАРОРИ
### МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ» баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 29 марти соли 2012 №276**

**Моддаи 1.** Дар сархати шашуми моддаи 1, сархатҳои сеюм ва чоруми моддаи 5, қисми якуми моддаи 9, сархатҳои дуюм, сеюм ва шашуми моддаи 11, номи моддаи 30 ва қисми чоруми моддаи 36 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 июли соли 2004 «Дар бораи системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2004, №7, мод. 458; с. 2006, №3, мод. 149; с. 2007, №7, мод. 662; с. 2008, №6, мод. 451) калимаҳои «Раёсати корҳои ислоҳии», «Раёсати» ва «Раёсати корҳои ислоҳӣ» мувофиқан ба калимаҳои «Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии», «Сарраёсати» ва «Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятӣ» иваз карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 16 апрели соли 2012 №803**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ»

### ҚАРОРИ
### МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 1 феврали соли 2012 №670**

### ҚАРОРИ
### МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 29 марти соли 2012 №277**

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июли соли 2005 «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2005, №7, мод. 404; с. 2007, №3, мод. 160) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар моддаи 4, банди 2) моддаи 10, бандҳои 3), 5) ва 9) қисми 1 моддаи 18, бандҳои 4), 5), 6) ва 7) моддаи 19, банди 1) қисми 2 моддаи 20 ва қисми 2 моддаи 40 калимаи «хоҷагӣ» ба калимаи «иқтисодӣ» иваз карда шавад.

2. Ба моддаи 8 қисми 6 бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«6. Таъмини нигоҳдории объектҳои экспертизаи давлатии судӣ бо тартиби муқаррарнамудаи мақомоти дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар моддаи 9 Қонуни мазкур пешбинӣ гардидаанд, амалӣ карда мешавад.».

3. Ба банди 2) моддаи 10 баъд аз калимаи «гражданӣ,» калимаи «оилавӣ,» илова карда шавад.

4. Дар моддаи 40:

- ба қисми 2 баъд аз калимаи «гражданӣ» калимаи «, оилавӣ» илова карда шавад;
- ба қисми 3 баъд аз калимаҳои «парвандаҳои ҷиноятӣ» калимаҳои «ва маъмурӣ» илова карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш.Душанбе, 16 апрели соли 2012 №804**




## ЭЪТИБОР НАДОРАД

Маълумотнома (ба ҷои номаи камол)-и бо қайди 258, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №94-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 14 июни соли 1997 ба Амиршоева Зулфинисо Ҳалимҷоновна додааст, эътибор надорад.

***

Билети донишҷӯйии силсилаи ГО №7496-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шотемур соли 2007 ба Мухторов Ислом Юсуфович додааст, эътибор надорад.

***

Билети донишҷӯйии силсилаи ДО №7270-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шотемур соли 2007 ба Давлатов Валиҷон Баҳриддинович додааст, эътибор надорад.

***

Шиносномаи техникии дорои маълумотнома таҳти №2138-и гумшуда, ки онро КФББТ-и шаҳри Душанбе бо суроғаи кӯчаи Маяковский, хонаи 24, ҳуҷраи 1-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 13 июни соли 1995 ба Ашуров Нурали Тошмадович додааст, эътибор надорад.

***

Шартномаи хариду фурӯши №8Д4-1009-и гумшуда, ки онро Идораи давлатии нотариалии 3-юми шаҳри Душанбе бо суроғаи кӯчаи Маяковский, хонаи 24, ҳуҷраи 1-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 20 июни соли 1995 ба Ашӯров Нурали Тошмадович додааст, эътибор надорад.

Аҳли кормандони идораи рӯзномаи «Садои мардум» ба корманди сехи нашри рӯзномаҳои КВД КТН «Шарқи озод» Акбар Ниёзов бинобар даргузашти

**ПАДАРАШ**

изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият менамоянд.

## Дар меъёри фоизи захираҳои ҳатмӣ тағйирот ворид шуд

Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон бо қарори худ меъёри фоизи захираҳои ҳатмиро барои пасандозҳо бо пули миллӣ ду банди фоизӣ ва бо асъори хориҷӣ як банди фоизӣ паст карда, мутаносибан дар сатҳи 5,0 фоиз ва 8,0 фоизи солона муқаррар намуд.

Аз рӯйи иттилои Бонки миллии Тоҷикистон, ин қарор бо мақсади таъмини пардохтпазирӣ дар низоми бонкӣ ва мӯътадил нигоҳ доштани ҳаҷми пул дар муомилот қабул шудааст. Вобаста ба ин, тамоми муҳосибаҳои марбут ба захираҳои ҳатмӣ аз 1 апрели соли ҷорӣ тибқи қарори мазкур амалӣ мешаванд.

*АМИТ «Ховар»*

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

Шаҳрванд Холов Нурали Ашурович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0852457 бо РЯМ 0930020053 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 9 апрели соли 2010 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

***

Шаҳрванд Ҳабибов Ашрафҷон Давлатуллоевич, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0178271 бо РЯМ 0430085205 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 27 майи соли 2011 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

***

ҶДММ «Проект-строй», воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Навоӣ 63, ҳуҷраи 34, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қаблу карда мешавад.

Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун
Садои МАРДУМ

САРМУҲАРРИР
Ҷумъахон НАБОТОВ

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ.
Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Неккадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чанданде шагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52 ; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шӯъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шӯъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шӯъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шӯъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шӯъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: *sadoimardum@yandex.ru*

Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз

Ба чопаш 19 апрели соли 2012, соати 20.20 иҷозат дода шуд. Адади нашр 26794 нусха

Навбатдорони шумора Д.Мерганов, Т. Неккадамов ва М. Нуралиев

Тарроҳони компютерӣ И. Самохин ва Н. Исмоилова